Р. ФАРМОНОВ, У. ҶӮРАЕВ,
Ш. ЭРГАШЕВ

# ТАЪРИХИ ҶАҲОН
## (асри XVI – солҳои 60-уми асри XIX)

***Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои VIII-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ***

**Нашри чоруми аз нав коркарда ва такмилдодашуда**

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тавсия намудааст*




***Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чӯлпон
Тошканд – 2019***

http://eduportal.uz

УЎК 372.893=222.8(100)(075)
КВК 63.3(0)я721
Ч 91

**Муҳаррирони масъул:**

***Т. Бобоматов*** *– номзади илмҳои таърих;*
***А.Т. Замонов*** *– доктори фалсафа оид ба фанҳои таърих.*

**Тақризчиён:**

***Ё. Болтабоев*** *– омўзгори калони кафедраи «Таърих»-и Донишгоҳи давлатии Намангон;*
***Н. Ҳакимов*** *– методисти Маркази таълими республика;*
***Г. Расулова*** *– омўзгори мактаби 248-уми ноҳияи Мирзо Улуғбеки шаҳри Тошканд;*
***О. Эргашев*** *– омўзгори мактаби 22-юми ноҳияи Оҳангарони вилояти Тошканд;*
***З. Мирзаев*** *– омўзгори мактаби 15-уми ноҳияи Пискенти вилояти Тошканд.*

*Ин китоби дарсӣ аз тарафи муаллифони зерин таҳия шуд: номзади илмҳои таърих* ***Ш. Эргашев*** *(Қисми сарсухан, боби I, боби II, мавзўъҳои 13-, 14-, 19-уми боби III, мавзўи 29-уми боби V, хулоса, харита ва расмҳо); доктори илмҳои таърих* ***Р. Фармонов, У. Чўраев*** *ва* ***Ш.Эргашев*** *(мавзўъҳои 15-, 16-, 17-,18-уми боби III; мавзўъҳои 20-, 21-, 22-, 23-, 24-, 25-, 26-, 27-, 28-уми боби IV ва мавзўъҳои 30-, 31-, 32-юми боби V ). Сохти услубии китоби дарсӣ ба* ***Ч. Абдуллоев*** *мансуб аст.*

***Аломатҳои шартӣ***

*Супориши кори эҷодӣ*
*Ба хотир оред*
*Супориш оид ба кор бо харита*
*Супориш оид ба кор бо интернет*
*Худатонро санҷед*
*Эзоҳи истилоҳот*
*Супориш оид ба кор бо асарҳои бадеию таърихӣ*
*Дар ёд доред*
*Кор бо материалҳои кино-сурат-фоно*
*Савол ва супоришҳо*

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

**© Р. Фармонов ва диг., с. 2019**
**© ХЭТН ба номи Чўлпон, с. 2019**
**© ХЭТН ба номи Чўлпон, с. 2014**

ISBN 978-9943-05-655-8

http://eduportal.uz

## САРСУХАН

## ОҒОЗИ ДАВРИ НАВ

Донишомӯзи азиз! Шумо дар синфи VII Таърихи асрҳои миёнаро омӯхтед. Дар асрҳои миёна низ одамон ба иқтисодиёти асосаш соҳаи кишоварзӣ ва дар ҷамъияти асосаш анъанаҳои ташаккулёфта умргузарониро давом доданд. Аз ин сабаб ин даври таърихи инсоният **тамаддуни аграрӣ** ё **ҷамъияти анъанавӣ** ном гирифтааст. Дар ин ҷамъият одамон ба табақаҳо ҷудо шуда зистанд ва расму оинҳои аз қадим монда, тасаввуроти динӣ ҷиҳатҳои характерноки ин тамаддун (сивилизатсия) ба ҳисоб меравад. Тамаддуни аграрӣ дар таърих аз даври неолит оғоз ёфта, то инқилоби саноатии асри XVIII ва то ташаккулёбии ҷамъияти нав дар асоси он давом кард.

Дар ибтидои даври нав байни давлатҳои бузург барои ҳукмронӣ дар Европа мубориза авҷ гирифт. Дар айни вақт дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ пӯсидани ҷамъияти аграрӣ, ҷараёни ташаккулёбии тамаддуни нав мушоҳида мешуд. Ин ҷараён қариб чор аср давом кард ва ба охири Даври нав, инсон бо ҷаҳонбинӣ, олами тасаввурот, ки ҷиҳатҳои асосиашро мо ҳоло дида одат кардаем, омада расид. Тағйироти рӯйдода хеле бузург буда, онро бо табаддулоти инқилобии таърихи башарият — гузаштан аз ҷамъияти ибтидоӣ ба тамаддун баробар донистан мумкин.

Шумо дар синфи VIII бо шиносоии марҳилаи минбаъдаи инкишофи инсоният-воқеаҳои **Таърихи нав** оғоз менамоед. Таърихи нав бо ташаккулёбии нави ҷаҳонбинии ба баробарии табиии инсонҳо, озодию шаъни шахс барин арзишҳои демократӣ асос ёфта аз Асрҳои миёна фарқ мекунад. Яке аз ҷиҳатҳои ба худ хоси Даври нав ин аст, ки дар асоси дарки нави дунё барои ташаббускорӣ, тадбиркории инсон имкониятҳои васеъро боз кард.

Дар натиҷаи ин дигаргуниҳое, ки аз асри XVI сар шуд, аввал дар Европаи Ғарбӣ, сонӣ дар Америкаи Шимолӣ ҷамъияти нави ташаккулёфта ҷамъияти капиталистӣ номида шуд. Номи ин ҷамъият аз вожаи «капитал» гирифта шудааст. **Капитал** мулки хусусиест, ки ба соҳибаш



http://eduportal.uz

даромад меорад (фабрика, завод, кон, банк ва ҳ.к.) ва сармояест, ки худашро худаш зиёд менамояд. Асоси ин сармояро фаъолияти тадбиркории озод ташкил медиҳад. Дар натиҷа ҳаёти иқтисодӣ гул-гул шукуфт, истеҳсолоти саноат пеш рафт, муносибатҳои капиталистӣ пайдо шуданд. Шаклҳои нави истеҳсолот ба вуҷуд омада, ҷои сеххоро мануфактураҳо ишғол карданд. Дар ҳаёти европоиҳо навигариҳо, кордонӣ, кӯшишот барин ҷиҳатҳо пайдо шуданд, як қисми онҳо аз Шарқ ин ҷо омаданд.

Ғайр аз ин, ба Даври нав маданияти пешрафтаи шаҳр, рағбати калон ба таърихи даври антиқӣ, онро идеалӣ шумурдан, ба ҳаёт наздикшавии санъати бадеӣ ва монанди инҳо хос мебошанд. Аслан аксар вақт на ҷангҳои оқибаташон фоҷиабору шӯришҳо ва инқилобҳо, балки фаъолияти бунёдгаронаи одамон, ҷустуҷӯйҳои доимӣ ва кӯшишот ба маънавияту маданият, ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ дигаргуниҳои калони эҷобӣ ворид мекунанд. Дар оқибати ин тағйирот дар кишварҳои пешқадами Европаи Ғарбӣ дар заминаи ҷамъияти капиталистӣ тамаддуни нави бар инкишофи саноат асосёфта пайдо шуд, ки он **тамаддуни индустриалӣ** ном гирифт.

Инкишофи пуравҷи тамаддуни индустриалии Европа мазмуни асосии Таърихи навро ташкил мекунад. Айнан ба туфайли ин пешравӣ Европа дар дунё мақоми пешқадамро ишғол кард, баъд қисми бузурги рӯи Заминро ба худ тобеъ намуд.

Дар таърихи ҷаҳон даври **«Таърихи нав»** аз кашфиётҳои бузурги географии охири асри XV-ибтидои асри XVI сар шуда, то поёнёбии Ҷанги якуми ҷаҳон-даври то соли 1918-ро дар бар мегирад. Таърихи нав ба ду марҳила ҷудо мешавад. **Марҳилаи якум** аз кашфиётҳои бузурги географӣ то Инқилоби бузурги французи охири асри XVIII-ро дар бар мегирад. **Марҳилаи дуюми** Таърихи нав аз ибтидои асри XIX то поёнёбии Ҷанги якуми ҷаҳон-то соли 1918 давом кардааст.

Инқилобҳои буржуазии Даври нав тартиботи феодалии Асрҳои миёнаро хароб карда, барои инкишофи пуравҷи истеҳсолот роҳи васеъ кушоданд. Пешравии авҷноки иқтисодӣ ба комёбиҳои илму техникаи ин давр асос ёфта буд. Байни илму техника алоқаи узвӣ пайдо шуд. Дар натиҷа аз охири асри XVIII дар соҳаи техника ва технология ихтироъҳои нав ба амал омаданд. Ин ихтироъҳо барои инкишофи истеҳсолот аҳамияти бузург доштанд. Муҳандиси англис Ҷорҷ Стефенсон соли 1814 паровозро ихтироъ кард, ки он боиси оммавӣ гаштани нақлиёти роҳи оҳан шуд. Олимони машҳури физик ва кимёгар Александро Волтаи италия-

вӣ, Гемфри Деви, Майко Фарадейи англис ва Андре-Мари Ампери франсуз асосҳои истифодаи баркро офариданд. Истифодаи навъи нави энергия соҳаҳои нави техникаро пеш бурд, дар истеҳсолот ва тарзи зист навигариҳои азим дохил намуд.



**Европа дар даври инқилоби саноатӣ**

Кашфиётҳои илмию техникӣ барои пайдошавии кимиё, электротехника барин соҳаҳои нав асос шуд. Техникаи ҳисоб, автоматӣ шудани истеҳсолот, истеҳсоли масолеҳи сунъӣ ташаккул ёфт. Аксари ин комёбиҳо дар асри XX низ асоси истеҳсолотро ташкил доданд.

Суръати дигаргуниҳо дар Даври нав нисбат ба марҳилаҳои гузаштаи инкишоф тез буда, кашфиётҳои илму техника ба истеҳсолот ба зудӣ ҷорӣ мегардид.

Ҳамин тавр, комёбиҳои хеле бузурги илму техника дар охири асри XVIII – асри XIX ба инқилоби саноатӣ оварда расонд. Дар навбати худ инқилоби саноатӣ барои гузариш аз тамаддуни аграрӣ ба истеҳсолоти саноатӣ ва тамаддуни индустриалӣ асос гузошт. Дар ин давр ба туфайли ҷараёнҳои саноатӣ мошинҳо меҳнати дастиро аз истеҳсолот берун баровард, мануфактураҳо ҷои худро ба фабрикаҳо доданд.

Даври нав дар таърихи халқҳои Европа даври инқилобҳое буд, ки тарзи зист, асосҳои маънавии ҷамъиятро чандин бор дигар карда фиристод. Инчунин Даври нав дар таърихи халқҳои дар асорати мустамликавӣ мондаи Осиё, Африка ва Америка даври муборизаҳои доимӣ барои истиқлол ва озодӣ ҳам шуд. Ин давр дар Европа даври ташаккули миллатҳо ва давлатҳои миллӣ дар шакли монархияи мутлақ буд. Дар ҳар таҳаввулот таъсири ҷаҳонбинии ташаккулёбанда эҳсос мешуд. Пеш аз ҳама ба ҷои ҷаҳонбиние, ки дар тамоми асрҳои миёна ҳукмронӣ карда, инсонро аз нигоҳи маънавӣ ва ҷисмонӣ поймол менамуд, ҷаҳонбинии нави гуманистӣ ба ташаккулёбӣ оғоз кард. Ин ҷаҳонбинӣ барои тамаддуни нави ташаккулёбандаи индустриалӣ асоси маънавӣ шуд.

Аммо дар Даври нав барои ташаккули тамаддуни индустриалӣ шароити зарурӣ фақат дар кишварҳои Европа ба амал омад. Аксари давлатҳои Осиё, Африка ва Америкаи Ҷанубӣ дар ибтидои асри XIX ҳам ақибмонда, дар сатҳи ҷамъияти аграрӣ монда буданд.

***Дигаргуниҳои азими Даври нав дар сартосари дунё ба паҳншавии усулҳои истеҳсолоти пешқадам, беҳбудии куллии тарзи зисти одамон, барқарор шудани арзишҳои тамаддуни индустриалӣ оварда расонд. Дар охири Даври нав омада харитаи дунё бо ҷиҳатҳои асосии худаш намуди имрӯзаро касб намуд.***

**Ҷамъияти капиталистӣ** – ҷамъиятест, ки дар он асоси мулки хусусиро корхонаҳои саноатӣ ташкил карда, инчунин иқтисоди бозори ривоҷкарда ва истеҳсолоти саноатии баланд дорад.

**Тамаддуни индустриалӣ** – ин даври таърихиест, ки дар иқтисодиёт муносибатҳои бозор ташаккул ёфта, дар ҷамъият баробарии сиёсӣ ва иҷтимоӣ, давлати ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои табиии одамон, таҳаммули динӣ барин арзишҳо қарор ёфтаанд.

?!

1. *Кадом даври таърихи инсоният тамаддуни аграрӣ номида шудааст?*
2. *Таърихи нав бо кадом ҷиҳатҳои хосаш аз Асрҳои миёна фарқ мекунад?*
3. *Кадом ҷамъият ҷамъияти капиталистӣ ном гирифтааст?*
4. *Кадом даври таърихӣ тамаддуни индустриалӣ ном гирифтааст?*

http://eduportal.uz



# БОБИ I. ТАШАККУЛИ ДАВРИ НАВ ДАР ЕВРОПА

## Мавзӯи 1-ум: КАШФИЁТҲОИ БУЗУРГИ ГЕОГРАФӢ ВА АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ ОНҲО

**Сабабҳои кашфиётҳои географӣ.** Дар асрҳои XV–XVII аз тарафи сайёҳони европоӣ кушодани роҳҳои баҳрии Африка, Осиё ва Океания ва кашфи заминҳои нав дар ин ҳудудҳо **Кашфиётҳои бузурги географи**ро ном гирифт.

Кадом кашфиётҳои муҳимеро, ки дар асрҳои миёна инсоният аз тарафи инсоният кашф шуд, медонед?

Дар ин давр комёбиҳои европагиҳо дар инкишофи илму техника ба онҳо имконияти кушодан ва азхудкунии заминҳои навро дод.

Дар охири асри XV киштии бодбондори ба амвоҷи укёнус тобовар ва зидди шамол шинокунанда – **каравелла** офарида шуда, асбобҳо ва санъати идоракунии киштиҳо хеле инкишоф ёфт.

http://eduportal.uz


**Каравелла**

Каравеллаҳо киштиҳои аввалине буданд, ки аз уқёнуси Атлантика бехавф шино карда гузашта метавонистанд. Акнун баҳрнавардони таҷрибаноки дорои компас, устурлоби такмилёфта ва харитаҳои баҳрӣ бо ин киштиҳо ба масофаҳои дур шино мекардагӣ шуданд.

Барои кашфиётҳои географӣ тасаввурот оид ба курашаклии Замин, ғояи аз уқёнуси Атлантика гузашта, ба Ҳиндустон кушодани роҳи баҳрӣ омили калон шуд. Зеро европоиҳо баъди заволи империяи Византия роҳи ба воситаи баҳри Миёназамин барои европоиҳо то Осиё аз тарафи давлати Усмониҳо баста шуда буд. Дар натиҷа Европа аз матоъҳо, ранг, чизҳои зебу зинат, шириниҳо ва зираворихое, ки аз Шарқ меомаданд, маҳрум шуд. Ин ҳолат европоиҳоро барои ёфтани роҳҳои нави савдо маҷбур кард. Савдогарон ин гуна маҳсулотро ба Европа оварда аз фурӯши онҳо ба бойгарии калон умед мебастанд.

**Кашфиётҳои географии португалиҳо.** Ба воситаи Атлантика шинокуниро португалиягиҳо сар карда доданд. Португалия дар қисми ғарбтарини Европа ҷойгир буда, бо уқёнуси Атлантика ҳамсоя аст. Ин ҳолат ва таҷрибаи деринаи баҳрнавардӣ ба португалиягиҳо дар бобати Кашфиётҳои бузурги географӣ имконияти пешоҳангиро дод.

Муваффақиятҳои оид ба кашфиётҳои географии португалиягиҳо бо номи шаҳзода **Генрихи Баҳрнавард** вобаста аст. Ин баҳрнаварди ҷасур кашфу азхудкунии заминҳои навро оғоз кард ва ин кораш ба Португалия шӯҳрат ва сарвати зиёд овард. Португалиягиҳо дар соҳилҳои Африка шино карда, дар асри XV ҷазираҳои Мадейро, Канар ва Азорро кашф намуданд.

Дар охири асри XV экспедитсияи таҳти роҳбарии **Бартоломеу Диаш** димоғаи ҷануби Африкаро давр зада, ба уқёнуси Ҳинд баромад. Баҳрнавардон ба кушодани роҳи баҳри Ҳиндустон умед баста, ба ин димоға **Димоғаи умедҳои нек** ном ниҳоданд. Гарчи онҳо аз ҳамин ҷо ақиб гаштанд, кашфиёти Б. Диаш истиқболи Африкаро давр зада, ба воситаи баҳр ба кушодани роҳро Ҳиндустон офарид.

Дар айни вақт кашфи заминҳои нави Африка солҳои зиёд ба тороҷ шудани ин қитъа аз тарафи европоиҳо, ба ҷараёни аҳолии ин ҷоро ғулом карда, ба Европа ва Америка фурӯхтани онҳо асос гузошт.

**Кашфи Америка.** Комёбиҳои баҳрнавардони португалиягӣ ба испанҳои ҳамсоя дар ин бобат завқу рағбатро бедор кард. Баҳрнавард **Христофор Колумб** аз тасаввурот оид ба курашаклии Замин баромада, ба шоҳи Испания кушодани роҳ ба Ҳиндустонро ба воситаи уқёнуси Атлантика ба ғарб нигоҳ карда шино кардан маслиҳат дод. Аммо пайдо кардани баҳрнавардони ба ин кори таваккал розибуда ва ин сайёҳатро аз нигоҳи молиявӣ таъмин кардан кори мушкил буд. Ниҳоят экспедитсияи испанҳо таҳти раҳбарии Х.Колумб бо се киштии зудгарди бодбондор ба роҳ баромада, **12-уми октябри соли 1492** ба яке аз ҷазираҳое, ки ба таркиби галаҷазираи Багама медаромад, расида омад ва онро «Сан-Салвадор» («Халоскунандаи муқаддас») номиданд. Ҳамин тариқ, Америка кашф шуд. Баъд Х.Колумб боз сето экспедитсия ташкил карда, дар аснои онҳо ҷазираҳои Антил, соҳилҳои Америкаи Ҷанубӣ ва Марказиро кашф намуд. Вай заминҳои кашфшударо заминҳои Ҳиндустон гуфта фикр мекард. Аз ин сабаб аҳолии ин ҷойҳоро **ҳиндуён** номид.

Барои дарки моҳияти кашфиёти Х. Колумб сайёҳати **Америго Веспуччи** ташкилкарда аҳамияти калон дошт. Ӯ ба заминҳои нав кашфшуда дар охири асри XV-ибтидои асри XVI якчанд бор сайёҳат ташкил




**Кушодани роҳи баҳрии Ҳиндустон. Солҳои 1497–1499**

карда, дар ин асно ин ҷойҳо на Ҳиндустон, мутлақо материки нав буданашро исбот кард. Ин материк ба шарафи ӯ **Америка** ном гирифт.

**Кашфи роҳи баҳрии Ҳиндустон.** Кашфи заминҳои нав ба португалиягиҳо рағбат пайдо намуд. Экспедитсия бо роҳбарии баҳрнаварди дигар **Васко де Гама** соли 1497 Африкаро аз ҷануб давр зада баромада, ба уқёнуси Ҳинд даромад. Онҳо ба соҳилҳои Африка шино карда, бо ёрии баҳрнаварди араб **Аҳмад ибни Маҷид** соли 1498 ба Ҳиндустон расида омаданд. Баҳрнавардон аз ин ҷо маҳсулоти зиёдро бор карда, соли 1499 ба Португалия баргаштанд. Дар экспедитсияи қариб ду сол давомёфта аксарияти аъзоёни он ҳалок шуданд. Сарфи назар аз он муваффақияти экспредитсияи Васко де Гама ба Европа таъсири калон расонд. Савдогарони евпопоӣ ба Шарқ раҳсипор шуданд. Савдогарони аз Ҳиндустон ба Европа зиравориҳо ва шириниҳо оварда, фоидаи калон медиданд. Ҳамин тавр, ба Ҳиндустон роҳи доимии баҳрӣ кушода шуд.

Соли 1519 боз як баҳрнаварди португалиягӣ экспедитсияи **Фернандо Магеллан**дар ҷануби Америка як гулӯгоҳро давр зада (баъдтар он гулӯгоҳи Магеллан ном гирифт), ба уқёнуси бузурги сокин, вале бегона баромад. Ф. Магеллани ба ин уқёнус ҳам дигар вақт тӯфон бархестанашро намедонист, аз ин рӯ онро **уқёнуси Ором** номид. Дар давоми сайёҳати ин уқёнус аксари аъзоёни экспедитсия, аз гуруснагӣ ва ҷангҳо бо аҳолии маҳаллӣ, аз ҷумла худи Ф. Магеллан ҳалок мешавад. Аъзоёни ҷон ба саломатбурдаи экспедитсия кураи Заминро давр зада, соли 1522 ба соҳилҳои Испания баргаштанд. Роҳи кашфнамудаи Ф. Магеллан аҳамияти амалӣ пайдо накард, аз он дер вақт ҳеҷ касе истифода набурд. Аммо ин кашфиёт курашакл будани Заминро исбот кард.

- Кашфиётҳои бузурги географӣ – ин...
- Кашфиёти Васко де Гама...
- Соли 1492...
- Солҳои 1519–1522...

**Кашфиётҳои географии ҳавзаи уқёнуси Ором.** Дар нимаи дуюми асри XVI-ибтидои асри XVII баҳрнаварди испан ба ҳавзаи уқёнуси Ором якчанд бор экспедитсия ташкил кард. Дар давоми экспедитсия ҷазираҳои Сулаймон (Соломон), Полинезияи Ҷанубӣ ва Меланезия кашф шуд.

Баҳрнавардон ҷустуҷӯи **«Замини Ҷанубӣ»** – Австралияро давом доданд. **Соли 1606** баҳрнаварди испан **Луис Торрес** аз гулӯгоҳи байни Осиё

http://eduportal.uz




**Кашф шудани Америка**

ва Австралия шино карда, ба соҳилҳои қитъаи нав баромад. Ҳамон сол **Виллем Янсзони** голландиягӣ ба соҳилҳои қитъаи нав расида омада, онро мулки Голландия эълон кард. Ҳамин тариқ, Австралия кашф шуд. Дар миёнаҳои асри XVII голландиягиҳо ба тадқиқи соҳилҳои Австралияро оғоз намуданд. **Абел Тасман** аз соҳилҳои Индонезия ба шарқ шино карда, Австралияро аз ҷануб давр зада баромад ва минбаъд ҷазираеро кашф кард, ки Тасмания номида шуд.

**Натиҷаҳои кашфиётҳои бузурги географӣ.** Кашфиётҳои бузурги географӣ ба инкишофи дунё таъсири хеле калон расонд. Онҳо тасаввуроти европоиҳоро оид ба олам бой кард, донишашонро дар бораи дигар материкҳо ва халқҳо ташаккул дод.

Донишҳои нав аввал дар Европа, баъд дар дигар қитъаҳо барои инкишофи саноат ва савдо омили бузург шуд. Роҳҳои асосии савдо аз баҳри Миёназамин ба уқёнуси Атлантика кӯчид ва хусусияти савдо куллан тағйир ёфт.



Экспедитсияи **Х. Колумб 12-уми октябри соли 1492** ба ҷазираҳои Багама расида омад.

**Дар нимаи дуюми асри XVI-ибтидои асри XVII** баҳрнавардони испан ҷазираҳои Сулаймон, Полинезияи Ҷанубӣ ва Меланезияро кашф карданд.

http://eduportal.uz

Аммо азхудкунии заминҳои нав бо истисмори мудҳиши халқҳои мутеъ ҳамроҳ шуд, **сохтори ҷаҳонии мустамлика** ташаккул ёфт. Ҳангоми истило як қисми аҳолии маҳаллӣ, аксари масканҳои тамаддуни қадим нобуд карда шуданд, халқҳои кишварҳои мустамлика ба муносибатҳои ташаккулёбандаи капиталистӣ зўран ҷалб гардиданд ва бо меҳнаташон ҷараёни инкишофи капитализмро дар Европа тезонид. Ҳамин тариқ, онҳо ба ташаккули дар ташаккули тамаддуни нави индустриалӣ ҳисса гузоштанд. Яке аз оқибатҳои манфии кашфиётҳои бузурги географӣ ривоҷ ёфтани савдои ғуломон дар арсаи дунё шуд.

***Ба туфайли кашфиётҳои бузурги географӣ тасаввурот оид ба кураи Замин ва аҳолии он пурра дигар шуд. Дар Америка, Осиё ва Африка мустамликаҳои давлатҳои Европа пайдо шуданд, оҳиста-оҳиста сохтори мустамликавӣ ташаккул ёфт.***

**Каравелла** – киштии бодбондори дар Европа дар асрҳои XVI–XVII васеъ паҳншуда.

**Экспедитсия** – сайёҳати ба мақсади махсус ташкилшуда.

**Буржуазия** – синфи ҳукмрони ба олоти меҳнат ва воситаҳои истеҳсолот соҳибикунанда ва аз онҳо даромадгиранда дар ҷамъияти капиталистӣ.

?!

1. *Чаро кушодани роҳ аз ғарб ба Ҳиндустон ба зарурият табдил ёфт?*
2. *Кашф шудани Америка дар ҳаёти европоиҳо чӣ гуна тағйирот овард?*
3. *Оид ба маданияти аҳолии таҳҷоии Америка чиҳо медонед?*
4. *Кашфиётҳои бузурги географӣ дар тақдири аҳолии таҳҷоии Америка чӣ гуна рол бозид?*

**Супориш оид ба кор бо харита**

Бо харитаи дар матн овардашуда шинос шавед ва давлатҳое, ки Кашфиётҳои бузурги географиро амалӣ намуданд, бо ҳудудҳои азхудкардаашон ё «навкушодаашон» мувофиқ намоед.

Дар мавзўи «Натиҷаҳои Кашфиётҳои бузурги географӣ аз он иборат, ки...» эссе нависед.

Аз сайти n.ziyouz.com асарҳои «Капитани понздаҳсола», «Сайёҳат ба маркази Замин»-и Жюл Вернро кўчонида, хонед. Мустақилона дар мавзўи «Афзалияти сайёҳати баҳр дар он, ки...» эссе нависед.

Филмҳои бадеиро дар асоси асари «Колумб» ё «Капитани понздаҳсола»-и Жюл Верн гирифта шудааст, бинед ва хулоса бароред.



http://eduportal.uz

# Мавзӯи 2-юм: ТАШАККУЛИ ҶАМЪИЯТИ ИНДУСТРИАЛӢ ДАР КИШВАРҲОИ ЕВРОПАИ ҒАРБӢ ДАР ИБТИДОИ АСРИ НАВ

**Ташаккули иқтисоди нав.** Баъди кашфиётҳои бузурги географӣ аз Америка тилло, нуқра ва дигар металлҳои киматбаҳо ба бозорҳои Европа кашонида шуд. Шоҳон нисбат ба маҳсулоти истеҳсолшудаи кишвар хеле бештар тангаҳои тиллоиву нуқрагин сикка заданд. Дар шароити афзоиши пул барои касод нашудан ҳунармандону савдогарон маҷбуран нархи молҳои худро зиёд карданд. Ҳамин тавр нархи навоҳое, ки садҳо сол дигар нашуда буд, бошиддат зиёд шуд. Ин ҷараён **«инқилоби нарх»** ном гирифт.

Дар кишварҳои Европа одамон роҳҳои дигари пул ёфтанро ҷустуҷӯ карданд. Аксар оилаҳо акнун мисли пешина хоҷагии натуралӣ набурда, маҷбуран як қисми маҳсулотро ба бозор бароварданд. Акнун дар Европа **шумораи хоҷагиҳое**, ки бевосита ба бозор маҳсулот мебароварданд, зиёд шуданд.

Кадом биржаҳоеро, ки аввалин дар Европа ташкил шуданд, медонед?

**Пайдоиши муносибатҳои капиталистӣ.** Дар кишварҳое, аз қабили Англия, шоҳии Нидерланд ва Франсия, ки муносибатҳои бозор ривоҷ ёфта буданд, савдогарон ба савдои кӯтара эҳтиёҷ пайдо карданд. Онҳо акнун ба ҷои ба ярмаркаҳои мавсимӣ ташкилшаванда маҳсулот набароварда, дар ҷойҳои махсуси дар шаҳрҳои азим ташкилшуда, яъне **биржа**ҳо маҳсулоти худро эълон мекардагӣ шуданд Дар ин ҷо шартномаи хариду фурӯш ба имзо расида, маҳсулот ба ҷои зарурӣ фиристодагӣ шуд.

Дар баробари биржа пайдоиши банкҳо низ яке аз комёбиҳои бузурги тамаддуни Даври нав шуд. Дар асрҳои миёна вазифаи банкҳоро дӯконҳои саррофии машғул бо майдакунии пул иҷро менамуданд. Дар **асри XV** аввалин банки замонавӣ – Банки Георгийи Авлиё дар Генуя пайдо шуд.

Баъд ҳамин гуна банкҳое, ки ба савдогарон хизмат мекарданд, дар Европаи Ғарбӣ кушода шуданд.

Биржа ва банкҳо дар роҳи ривоҷи савдо ва саноати Европа роли хеле калон бозиданд.

http://eduportal.uz

Барои савдо дар масофаҳои дуру дароз, ки хавфи калон дошт, савдогарон ба **ширкатҳои (компанияҳои) аксионерӣ** муттаҳид шуданд. Онҳо барои хароҷоти умуми компанияҳо маблағ гузошта, ба **аксия**ҳо соҳиб мешуданд, ки ин коғази қиматбаҳо ҳуқуқи гирифтани саҳми худро аз фоида медод.

Дар оқибати афзудани маҳсулот дар бозор байни истеҳсолчиён ва фурӯшандагон **рақобат** пайдо шуд. Барои мағлуб ва касод нашудан дар ин рақобат маҳсулотро тез ва сифатнок истеҳсол карда, арзон фурӯхтан талаб карда мешуд. Аз ин сабаб дар Европа техника ва технологияи истеҳсоли маҳсулот хеле пеш рафта, ихтироъҳои нав зиёд, нархи маҳсулот арзон, сатҳи зиндагии одамон беҳтар шуд.



**Яке аз бозорҳои Европа дар ибтидои Даври нав**

- Компанияҳои аксионерӣ – ин...
- Аксия...
- Биржа – ...

Деҳқонон аз **кишти семайдони**и Асрҳои миёна ба кишти бисёрмайдонӣ гузаштанд. Дар натиҷа ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ афзуда, барои фурӯш бештар гардид. Аз **чархуфалаки об** ва **осиёи шамолӣ**

барои кўфтани ғалла ва баровардани об васеъ истифода мебурдагӣ шуданд. Дастгоҳҳои челонгарӣ, дўзандагӣ ва дигар дастгоҳҳои оддӣ офарида шуд.

Дар натиҷаи савдо ва техника дар Европаи Ғарбӣ ҳама барои зиёдкунии капитал кўшиш мекард. Масалан, бофанда ё савдогари бойи дар шаҳрбуда бо роҳҳои гуногун бофандагони ҳунармандро дучори касод карданд. Баъд калобаҳо, ранг, дастгоҳҳои бофандагии онҳоро арзон харида, худашонро ба кор таклиф мекарданд. Зери бинои калон якчанд ҳунармандон ҷамъ омада, ҳар кадоме ягон корро, яке бо бофтани матоъ, дигаре бо рангдиҳӣ машғул мешуд. Ин боиси болоравии ҳосилнокии меҳнат ва сифати маҳсулот шуд. Корхонаҳои калоне, ки дар онҳо ҳанўз аз мошинҳо истифода намешуд, **мануфактура** номида мешуданд. **Мануфактура** маънои истеҳсоли бар меҳнати даст асосёфтаро дорад.

Ҳамаи маҳсулоти мануфактура пурра ба хўҷаини он мансуб мешуд. Вай маҳсулотро дар бозор фўрухта, як қисми фоидаро ба коргарони кироя чун музд медод. Ҳамин тариқ, дар Европаи Ғарбӣ **муносибатҳои капиталистӣ** ташаккул меёфтанд. Ин ҷараён натиҷаи қонунии инкишофи истеҳсоли мол дар шароити бозор буд. Вай оҳиста-оҳиста муносибатҳои феодалии Асримиёнагиро тазйиқ дода баровард.

**Одамони ҷамъияти нав.** Дар кишварҳои муносибатҳои капиталистӣ равнақёфтаи Европаи Ғарбӣ типи нави одамон – **тадбиркорон** пайдо шуданд. Тадбиркор кист? Тадбиркор шахсест, ки барои муваффақиятҳои шахсии худ, дидани ҳар гуна тадбир, кор тайёр аст. Савдогари аз гилдияи кўҳна баромада, ба компанияи аксионерӣ аъзошуда, ҳунарманди сехи худро тарк карда, ба мануфактура ҷалбшуда, деҳқони дирўзаи аз ҷамоаи деҳот баромада, аз феодал заминро ба иҷора гирифта, ба фермер табдилёфта тадбиркор шуда метавонист. Ҳамаи ин тадбиркорон аз меҳнати кироя истифода мебурданд, дар бозор рақобат намуда, капитал ғун мекарданд. Ҳамин тариқ, табақаи нав – **буржуазия** пайдо шуд.

Намояндагони бойшудаи буржуазия мисли ашрофони пешина пўшида, иморатҳои пурҳашам месохтанд. Онҳо ҳудудҳои ҷои зистро тоза ва обод карданд, дар натиҷа бемориҳои сирояткунанда, мисли сил, вабои Асрҳои миёна кам шуда, аҳолӣ афзуд. Намояндагони буржуазия бо ашрофони пешина хешу табор шуда, ба худ мартаба ва унвонҳои баландро хариданд. Ин тоифаи буржуазияро **ашрофони нав** ме-

номиданд. Онҳо руҳан ба тадбиркорӣ наздик будан аз ашрофон фарқ мекарданд.




**Дар асри XV** аввалин банки замонавӣ – Банки Георгийи Авлиё дар Генуя пайдо шуд.

Дар оқибати афзудани маҳсулот **дар бозорҳо** байни истеҳсолчиён ва фурӯшандагон рақобат пайдо шуд.

Аммо дар шароити тарзи зисти нав на ҳама ҷои худро ёфта тавонист. Аҳволи ногиронҳо ва ятимон торафт вазнин мешуд. Дере нагузашта ҳазорон бекорон низ ба сафи онҳо даромаданд. Як қисми онҳо дар мануфакутарҳо ва заминҳои фермерон кироя шуданд. Ҳамин тариқ, дар ҷамъият табақаи нав-коргарон пайдо шуданд.

Шакли нави хоҷагидорӣ ва тарзи нави зист табақаҳои гуногунро ба якдигар наздик кард.

Акнун онҳо аз якдигар на аз рӯи ҳуқуқу маҷбуриятҳо, балки аз миқдори капитал ё дараҷаи даромад фарқ мекарданд. Ҷамъияте, ки дар он одамон аз якдигар аз рӯи капитал ва дараҷаи даромад фарқ мекарданд, ҷамъияти синфӣ ном гирифт.

Одамони аз мулки замин, хона ва олоти меҳнат маҳрум шуда, бо хоҳиши худ ба капиталист, ба кор кироя шуда, ба меҳнаташ ҳақ мегирифтанд, ба коргарони кироя-синфи пролетариат як шуданд.

Ҳамин тариқ, дар Европа Ғарбӣ ба табақа ҷудошавии ҷамъият ба охир расида, тақсимшавии нав, синфӣ ба вуҷуд омад ва ба яке аз ҷиҳатҳои тамаддуни замона табдил ёфт.

**Шаҳрҳои Европа дар даври нав.** Инкишофи шаҳрҳо мисли пешина ба мавқеи ҷойгиршавии онҳо вобаста буд. Кушода шудани роҳи баҳрии Ҳиндустон ва Америка самти роҳҳои муҳими савдоро дигар карда, ба инкишофи пуравҷи якчанд шаҳрҳо оварда расонд. Аввал шаҳри Лиссабони Португалия ва Севилияи Испания тез ривоҷ кард. Ба ин шаҳрро аз Ҳиндустон молҳо, аз Америка металлҳои қиматбаҳо бештар оварда мешуданд. Шаҳрҳои аз роҳҳои савдо дар канормондаи Италия баръакс аҳамияти аввалаашонро гум карданд.



- Мануфактура – ...
- Ашрофони нав – ...
- Аз нимаи дуюми асри XVI ...



http://eduportal.uz

Аз нимаи дуюми асри XVI чорраҳаи савдоии Европа ба соҳилҳои баҳри Шимолӣ кӯчиданд. Дар ин ҷо шаҳри **Антверпен**и шоҳии Нидерланд маркази асосии савдоӣ шуда монд. Аммо Антверпен низ мавқеи худро гум кард. Тараққиёти пуравҷи Англия пойтахти он шаҳри Лондонро ба маркази асосии савдои Англия табдил дод. **Лондон**и воқеъ дар соҳили дарёи Темза хеле пеш рафт, дар шаҳр бандарҳои нав, биноҳои бисёрошёна барои коргарон, растаҳои савдо ва боғҳои истироҳат пайдо шуданд.

**Парижи** аз асрҳои миёна ба шаҳри азимтарини Европа табдилёфта тараққиётро давом дод. Он ба пойтахти яке аз давлатҳои мутамаркази Европаи Ғарбӣ – пойтахти Франсия тадбил ёфт. Аммо дар ҷангҳои динии асри XVI ва эпидемияи вабо даҳҳо ҳазор парижиҳо вафот карданд, инкишофи шаҳр суст шуд.

***Пешравии илм, техника ва саноат дар Даври нав қиёфаи иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Европаи Ғарбиро дигар кард. Иқтисодиёти нав ва муносибатҳои капиталистӣ ташаккул ёфт. Синфҳои асосии ҷамъияти нав-капиталист ва пролетариат пайдо шуданд. Тамаддуни нави индустриалӣ барқарор шуд, ки арзиши асосии он озодӣ ва баробарҳуқуқии инсон буд.***

**Капитал** – мулк, воситаи иловгии сарват ёфтан бо истифода аз меҳнати кироя.

**Гилдия** – иттиҳодияи савдогарон ва ҳунармандон, ки барои ҳимояи манфиатҳои аъзоёнаш ташкил мешуд.

**Пролетариат** – коргарони кирояи аз олоти олоту воситаи истеҳсолот маҳрумшуда.

?!

1. *Биржа ва банкҳои барои инкишофи савдою саноати Европа чӣ гуна рол бозиданд?*
2. *Чорраҳаҳои савдоӣ аз нимаи дуюми асри XVI ба кадом ҳудуди Европа кӯчид ва чаро?*
3. *Дар Европаи Ғарбӣ муносибатҳои капиталистӣ чӣ гуна ташаккул ёфтанд?*
4. *Аввалин банки намуди ҳозирадошта кай ва дар куҷо пайдо шуд?*

**Супориш оид ба кор бо интернет**

Аз интернет оид ба мавзӯи «Ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ дар кишварҳои Европа дар ибтидои Даври нав» суратҳо ёбед ва кластери расмнок созед.

Истилоҳҳоеро, ки дар матн бо ранги сиёҳ дода шудаанд, аз адабиётҳои иловагӣ мустақилона ёфта, маънои онҳоро чуқур омӯхта, ба дафтаратон нависед.

http://eduportal.uz

## Мавзӯи 3-юм: РЕФОРМАТСИЯ ДАР ЕВРОПА

**Ҷамъияти Европа дар арафаи реформатсия.** Дар асрҳои миёна дин дар ҳаёти ҷамъияти Европаи Ғарбӣ таъсири калон дошт. Аммо ба охири давр омада, дар байни одамон аз тартиботи мавҷудаи динӣ эътироз пурзӯр шуд. Акнун тартиботи калисо аксари европоиёнро қонеъ намекард. Маросимҳои калисо ба забони лотинӣ мегузаштанд, ин забон барои одамони оддӣ нофаҳмо буд. Инчунин, онҳо китоби муқаддаси насрониҳо – Инҷилро ҳам намефаҳмиданд. Рӯзгор мушкил шуд.

Дар ибтидои Даври нав деҳқонон ва камбағалони шаҳр бо душворӣ пул кор карда, як қисми пули барои оила базӯр кифояро ба калисою рӯҳониён додан намехостанд. Либосҳо ва чизҳои зинатии рӯҳониён, ҳайкалҳо ва расмҳои барои зеб додани калисо ғазаби тадбиркорони сарфаҷӯйро меоварданд. Як қисми калони бойгариҳоеро, ки рӯҳониён ғун мекарданд, **индулгенсия**ҳо – пули фурӯши ёрлиқи махсуси папаи Рим барои авфи гуноҳҳо ташкил менамуданд. Одамони пулдор, ҳатто барои гуноҳи ҳоло содирнакарда индулгенсияҳо харида мегирифтанд. Папа ва кардиналҳо бо роҳҳои ҳилаву найранг ба корҳои дохилии давлатҳо дахолат мекарданд, аз ин ҳукмдорон норозӣ буданд.

**Оғози реформатсия.** Дар шароити норозигии умумии ҷамъият ҳаракат барои ислоҳ кардани калисои насронии Европаи Ғарбӣ сар шуд, ин ҷараён ***Реформатсия*** (*реформа* – ислоҳот) ном гирифт. Дар ибтидои Даври нав дар корҳои дохилии Германия, ки аз князиҳои пароканда иборат буд, калисои католикӣ ба роли асосӣ даъво дошт. Дар Германия заминҳои хеле калон, ҳатто шаҳрҳои том мансуби калисои католикӣ буданд. Рӯҳониёне, ки индулгенсия мефурӯхтанд ва андозчиён сартосари Германия мегаштанд.

> Дар асрҳои миёна калисои католикӣ бо кадом сабабҳо ба қудрат соҳиб шуда буд?

Реформатсия бо даъвати профессори илоҳиёти донишгоҳи Виттенберги Германия Мартин Лютер, ки бар зидди индулгенсия бо номи **«95 тезис»** тартиб дода буд, **соли 1517** сар шуд. Аслан ин тезисҳо барои мунозираи илмӣ таҳия шуда буданд, аз лотинӣ ба немисӣ баргардонида

http://eduportal.uz




**Реформатсия дар Европа дар (асри XVI)**

шуда, тамоми Германияро ба ҳаяҷон оварданд. Ин кори М. Лютер ғазаби папаи Римро овард. Ӯ М. Лютерро ба суди шаҳри Вормс ҷеғ зад.

Папа аз М. Лютер даст кашидан аз ғояҳояшро талаб кард, лекин аз итоат ба папа ва маъқул донистани фурӯши индулгенсияҳо сар тофт, дар суд нутқи аҷоиб эрод кард. Нутқи М. Лютер дар суд халқро ба ҳаракат овард. Тарафдорони ӯ мазҳаб ва калисои худро ташкил карданд. Онҳо **лютеранҳо** ном гирифтанд.



**Мартин Лютер**

http://eduportal.uz

Дар Европа **Реформатсия** – ҷараёни ислоҳи калисои католикӣ ҳамин тавр оғоз ёфт.

**Ҷанги деҳқонон.** Дар Европа инқирози ҷамъияти анъанавӣ ва инкишофи муносибатҳои капиталистӣ мақсади зиёд намудани даромадро дар байни ашрофон ва князҳо пурзӯр кард. Онҳо заминҳои ҷамоавиро ишғол карда, саҳми деҳқононро кам намуда, андозҳои пулию молӣ, ӯҳдадориҳои деҳқононро бештар карданд. Дар натиҷаи омадани ғаллаю нуқраи зиёд аз Америка инқилоби нарх рӯй дода, аввалан, деҳқонони Европа азият мекашиданд. Аҳволи вазнини деҳқонон онҳоро ба шӯриш роҳнамун кард.

Шӯриши деҳқонон тобистони **соли 1524** дар Германия сар шуд. Ба ин шӯрише, ки номи **Реформатсияи халқи**ро гирифт, **Томас Мюнсер** раҳбарӣ мекард. Шӯриш ба зудӣ дар тамоми Германияро паҳн шуд ва номи **Ҷанги бузурги деҳқонон**ро гирифт. Дар он даҳҳо ҳазор нафар деҳқонон иштирок карданд. Шӯриш як сол бештар идома ёфт ва аввали соли 1526 мағлуб шуд. Аксари иштирокчиён ҷазо диданд, Т. Мюнсер қатл гардид.



- Лютеранҳо – ин ...
- Реформатсия – ин ...
- Мазмуну моҳияти «95 тезис» – ин ...

Баъд католикҳои дар рейхстаг (парламент) аксарият буда, бо ташаббуси бекор кардани комёбиҳои Реформатсия баромаданд. Тарафдорони М. Лютер ба ин эътироз карданд. Аз он вақт сар карда, онҳоро **протестантҳо** (*протест* – норозигӣ) номиданд.

**Калвинизм ва паҳншавии Реформатсия дар Европа.** Реформатсия дар саросари Европа паҳн шуд. Маҷроҳои нави протестантҳо пайдо шуданд. Ба яке аз онҳо дар шаҳри Женева **Жан Калвин**и француз асос гузошт.

Шиори «Дуо хону кор кун!» асоси таълимоти Ж. Калвин шуд. Ин шиор ба ашрофони нав ва буржуазия, ки мақсади асосиашон ғункунии сарват буд, маъқул омад. Онҳо Ж. Калвинро дастгирӣ карданд.

Реформатсия ба яккаҳукмронии калисои католикӣ дар Европа нуқта гузошт. Сарфи назар аз пурзӯршавии муборизаи зидди Реформатсия якчанд кишварҳои Европа ба папаи Рим итоат намекардагӣ шуданд. Дар кишварҳои протестантҳо ҳокимияти шоҳӣ пурзӯр шуда, ба мустақилӣ ноил гаштанд. Дар аксари кишварҳо калисоҳои миллӣ ташкил

ёфтанд. Мустақил хондани Инҷил дар протестантӣ, ҳисси ҷавобгарии шахсӣ дар назди Худо барин ҷиҳатҳои он дар байни аҳолӣ ба инкишофи **индивидуализм** ёрӣ расонд. Эҳтиёҷи мустақил хондани Инҷил одамонро ба саводнокӣ ҳидоят кард, болоравии савод дар кишварҳои протестантӣ омили муҳим шуд.

Протестантизми дар натиҷаи реформатсия ба вуҷудомада дар тамоми Европа паҳн гашт ва ба ташаккули таълимотҳои нави насроният ва калисоҳои нав оварда расонд.

**Мубориза зидди Реформатсия (контрреформатсия).** Калисои католикӣ бо Эҳё ва бо Реформатсияи эътирози диниро ифоданамуда муросо кардан нахост. Аз ин сабаб папаи Рим барои муборизаи зидди Реформатсия соли 1540 «Ҷамъияти Исо» ё ордени иезуитҳоро (Иуезус-Иусис, Исо) ташкил кард. Дар назди иезуитҳо вазифаи «ба калисо баргардонидани оммаи роҳгумзада» гузошта шуд. Асосгузори «Ҷамъияти Исо» ашрофи испан Игнатий Лойола шуд. Папаи Рим, ки дар аксар кишварҳои Европа ҳукмрониро аз даст дода буд, бо ҷидду ҷаҳд мавқеъашро мустаҳкам кардани шуд. Италияи аз нигоҳи сиёсӣ пароканда ҳамаи даҳшатҳои реаксияи Папаро аз сар гузаронд. Папа барои ҷазодиҳии аз дин баргаштаҳоро ба инквизитсия дод. Аз дин баргаштагон ба гулхан партофта мешуданд.



**Игнатий Лойола дар ҳузури папаи Рим**

**Соли 1524** дар Германия шӯриши деҳқонон сар шуд. Ба ин шӯрише, ки номи Реформатсияи халқиро гирифт, Томас Мюнсер раҳбарӣ мекард.

**Папаи Рим соли 1540** барои муборизаи зидди Реформатсия «Ҷамъияти Исо» ё ордени иезуитҳоро (Иуезус-Иусис, Исо) ташкил кард.

Калисои католикӣ бар зидди тафаккури пешқадами илмию фалсафӣ мубориза бурд. Рӯйхати китобҳои сӯзондашаванда ва манъшуда эълон гардид. Ҳамаи тадбирҳои калисои католикӣ бар зидди протестантҳо дар таърих **контрреформатсия** ном гирифт.

Дар ҷараёни контрреформатсияи асри XVI Европаи Ғарбӣ ба қисмҳои католикӣ ва протестантӣ ҷудо шуд. Аҳолии давлатҳои Франсия, Германия барин давлатҳо ба ду мазҳаби ба якдигар душман ҷудо шуд, бар зидди якдигар ҷанг эълон кард. Дар ин ҷангҳо даҳҳо ҳазор одамон ҳалок шуданд. Аммо муборизаи зидди Реформатсия пурра ғалаба наме-

http://eduportal.uz

кард. Зеро дар ин давр дар Европа болоравии илму маданият, муносибатҳои капиталистӣ давом мекарданд, кӯшиши одамон барои озодию мустақилӣ асосҳои калисои католикиро заиф менамуд. **Реформатсия**-даври инқирози калисои католикӣ шуд.

- Протестантҳо – ин...
- Индивидуализм – ин...
- Калвинизм – ин...
- Контрреформатсия – ин...

***Реформатсия дар таърих нақши худро гузошт, хусусиятҳои маънавӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҷамъияти Европаро тағйир дод. Дар натиҷаи Реформатсия калисоҳои миллӣ пайдо шуданд, ҳокимияти дунёвӣ мустаҳкам шуд, барои ташаккули миллатҳо ва инкишофи давлатҳои миллӣ шароит фароҳам омад. Реформатсия қарорёбии тамаддуни индустриалиро тезонид, ба озодию ташаббускории шахс роҳи васеъ кушод, арзишҳои демократӣ ташаккул ёфтанд.***

?!

1. *Барои оғози Реформатсия дар Европа кадом омилҳо сабаб шуданд?*
2. *Сабабҳои асосии Ҷанги бузурги деҳқонӣ дар Германия чиҳо буданд?*
3. *Калвинизм ҳамчун таълимоти протестантии динӣ бо кадом ҷиҳатҳояш оммаро ба худ ҷалб намуд.*
4. *Мақсади «Ҷамъияти Исо» ё ордени иезуитҳо чиҳо буд?*
5. *Ба тамоили кадом тариқати осиёи миёнагии Асрҳои миёна монанд будани шиори «Дуо хону кор кун»-ро ёбед. Мисолҳооред.*

**Супориш оид ба кор бо харита**

Аз харита истифода бурда, ҳудудҳоеро, ки дар Европаи Ғарбӣ Реформатсия баргузор шудааст, аниқ кунед.

Истилоҳҳоеро, ки дар матн бо ранги сиёҳ дода шудаанд, аз адабиётҳои иловагӣ мустақилона ёфта, маънои онҳоро чуқур омӯхта, ба дафтаратон нависед.

## Мавзӯи 4-ум: ТАШАККУЛИ МАДАНИЯТИ ДАВРИ НАВ ДАР ЕВРОПАИ ҒАРБӢ

**Маданияти даври Эҳё.** Дар ибтидои Даври нав аксари кишварҳои Европа болоравии беназири маданиро аз сар гузарониданд. Комёбиҳои инкишофи илм тасаввури одамонро оид ба олам тағйир дод, барои вусъати

http://eduportal.uz

алоқаҳои маданӣ уфқҳои навро боз кард. Дар соҳаи илму санъат таҳаввулоти азим рӯй дод. Олимон, эҷодгарон идеал ва намуна ҷуста, ба маданияти Даври антиқӣ мурочиат намуданд.

Ба ҷои забони лотинии забони илму адабиёт шуда акнун забонҳои италиянӣ, испанӣ, франсузӣ ва монанди инҳо инкишоф ёфтанд. Як шоири франсузи асри XVI ин ҷараёнро чунин тасвир кардааст:

*Дирӯзро омӯхта, раҳ ёфтам аз баҳри худ,*
*Гардид нутқам бонизому ҳар сухан пурмаъно шуд.*
*Аз шеър бурдам ман низом, аз нағмаву оҳанг завқ,*
*Инак фарангӣ мӯҳтарам чун румиву юнонӣ шуд.*

Ҳамин тариқ, маданияти антиқӣ, ки дар асри XIV фаромӯш гардид, аз нав зинда шуд ва ин ҷараён **Ренессанс – Эҳё** номида шуд. Ренессанс ҷамъияти дар остонаи Даври нав истодаро аз нигоҳи маънавӣ нав карда, роли калон бозид. Пайдоиши эҳсосоти худшиносии ҷои худ дар ин дунё, инъоми сарнавиштро мунтазир нашуда, фаъол шудан яке аз омилҳои асосии ташаккули тамаддуни нави индустриалӣ шуд.

**Гуманизм.** Дар даври Эҳё дар соҳаи муносибати инсонӣ гардиши куллӣ ба амал омад. Одамон ба қадри хушиҳои зиндагӣ мерасидагӣ шуданд, ба табиат, ҷамъият, инсон назари нав пайдо гардид. Онҳоеро, ки ба олами атроф на ба як чизи илоҳӣ, балки ба як чизи дунёӣ нигоҳ мекарданд, **гуманист** (*humanus* – инсонӣ) номиданд. Гуманистҳо тасавуроти асримиёнагиро оид ба инсон рад карда, онҳо ҳар як шахс ноёб ва қадрнок буданашро исбот карданӣ шуданд. Дониш ва фикри озод ба худ роҳ кушод. Баъди маҳдудиятҳои асрмиёнагӣ илму санъат аз таъқиби дин баромаданд.

Гуманистҳоро пеш аз ҳама калисо таъқиб намуда, асарҳояшон сӯзонда шуданд. Аммо дар асри XVI аксари рӯҳониён ва ҳатто папаҳои Рим ҳам ба ғояҳои гуманизм таваҷҷӯҳ зоҳир карда, ба гуманистҳо барои изҳори ақида имкон доданд.


Томас Мор

Гуманизм аввал дар миёнаҳои асри XIV дар Италия пайдо шуд. Баъд дар дигар кишварҳо пайравон ва тарафдорони гуманистони италянӣ афзуданд.

Ғояҳои онҳо дар Англия ба сиёсатмадори доно ва вазири якуми шоҳ **Томас Мор** (1478–1535) таъсир кард. Ӯ дар асари худ намунаи давлати идеа-



**Уилям Шекспир**

лиро нишон дода, онро «Утопия» номид. Утопия маънои «замини номавҷуд»-ро дорад. Аз ҳамон вақт ҳар гуна асарҳо ё ғояҳои оид ба ҷамъияти одили набударо «утопия» мегӯянд.

**Адабиёт ва санъат.** Дар адабиёт ва санъати даври Эҳё шахсони бузурги он давр эҷод карданд. Табиат ба онҳо қобилияти ноёби эҷодро инъом карда буд. Яке аз онҳо **Уилям Шекспир** (1564–1616) буд.

Ӯ инсонро мӯъҷизаи аҷоиби табиат мешумурд. Шекспир ба табиат муҳаббат дошт. Ҳамчун актёр ва драматург хизмат кард. Вай олами инсонҳоро иҳотакардаро саҳна, одамонро актёрон тасаввур мекард. Шекспир ба наслҳои оянда «Отелло», «Ҳамлет», «Шоҳ Лир» ва «Ромео ва Ҷулетта» барин асарҳои машҳурро мерос гузошт.



**Мигел де Сервантес**

Боз як арбоби бузурги адабиёти ин давр нависандаи испан **Мигел де Сервантес** (1547–1616) буд. Қаҳрамони асари машҳури вай «Дон Кихот» Дон Кихоти ҷаҳонгашта дар олами беадолат ритсари охирин аст. Беадолатиҳои атроф ғазаби қалби ин инсони аҷоибро меорад. Ӯ ҳамчун ритсари ҳаққонӣ мазлумонро ба ҳимояи худ мегирад.

**Санъати тасвирӣ.** Боз як нафар намояндаи бузурги даври Эҳё **Леонардо да Винчии** италиягӣ (1452–1519) буд. Вай дар як вақт рассом, шоир, меъмор, ҳайкалтарош, мусиқор ва олими ихтироъгар буд. Леонардо санъати расмкаширо «маликаи санъатҳо» номид.



**«Мона Лиза»**

Қаҳрамонони асарҳои Леонардо на худову авлиёҳо, балки одамони оддӣ буданд. Яке аз асарҳои машҳури ӯ «Мона Лиза» («Ҷоконда») аст.

Дар ин асар Мона Лиза ба тамошобин рӯйирост нигоҳ мекунад, дар лабонаш табассуми сеҳрангез, «он чунон дилангез аст, ки суратро тамошо карда, аз одамгарӣ дида бештар лаззати илоҳӣ мегиред...» навишта буд як аз муаррихони он давр. Боз як рассоми бузурги он давр **Рафаэл**



http://eduportal.uz

**Сантии** италян (1483–1520) буд. Ў 37 сол умр дид, аммо дар ин умри кўтоҳ асарҳое офарид, ки номашро абадзинда карданд. «Маддонаи Сикстин» дар байни асарҳои ў машҳуртарин аст.

Дар он Бибӣ Мпрями пойлуч гўё абрҳоро зер намекунад, оҳиста-оҳиста аз болои онҳо гўё парвоз карда, қисмати худро пешвоз мегирад. Нигоҳҳои Исои ҳоло кўдак мисли калонсолон ҷиддист. Ў гўё азобу марги ояндаро қаблан ҳис менамояд. Дар нигоҳи модар низ андўҳ ва хавотирӣ ҳувайдост. Вай пешакӣ чиҳо шуданашро гўё ҳис мекунад.



«Маддонаи Сикстин»

Сарфи назар аз он бар ивази ҳаёти писараш ба тарафи роҳҳои Ҳақ, ба сўи одамон ба пеш меравад.

Боз як нафар рассоми номӣ **Рембрандт** (1606–1669) буд, асари машҳури ў «Бозгашти писари роҳгумкарда» аст. Писарак оиларо партофта, дер вақт сарсон шуда мегардад, ҳама сарваташ тамом мешаваду ба ақиб бармегардад, падар бошад ўро бахшида, ба хона роҳ медиҳад.



**«Бозгашти писари роҳгумкарда»**

Рембрандт дар асари худ лаҳзаи вохўрии падар ва писарро инъикос кардааст. Писари роҳгумкарда дар остонаи хонадон зону зада нишастааст. Либоси дарида ва мўйҳои рехтааш аз кулфатҳои умр дарак медиҳанд.

Ангуштони падари пиронсоли чашмаш нобино ба китфони писар гузошта шудааст. Ҳаракати дастонаш мамнуният ва муҳаббати беандозаи инсоне, ки пештар умедашро аз дунё карда буд, ифода кардааст.



- Фаъолияти Уилям Шекспир – ...
- Фаъолияти Леонардо да Винчи – ...
- Ренессанс – ин ...
- Утопия-ин ...



«Давид»



Николай Коперник



Ҷордано Бруно



Галилео Галилей

**Ҳайкалтарошӣ.** Ҳайкалтарошони ин давр ин соҳаро дар байни санъатҳо беҳтарин донистаанд. Ба фикри онҳо ҳайкалтарош зебоии инсонро беҳтар аз дигар намуди санъатҳо шарафманд менамояд.

Ҳайкалтароши машҳур **Микеланжело Буопарротии** италиявӣ (1475–1564) бо асарҳои безаволи худ дар таърих ном гузоштааст.

Ҳайкали «Давид»-и офаридааш ӯро ба абадият дахлдор намуд. Бино ба ривоятҳои Инҷил чӯпони ҷавон Давид бо Голиафи девсифат ба ҷанг медарояд ва ӯро санг зада мекушад.

Ҳайкалтарош Микеланжело Давиди дар арафаи ҷанг истодаро тасвир кардааст. Рӯи вай дарғазаб аст. Ин ҳайкал бо баландиву зебоияш то ин вақт яке аз асарҳои беҳтарин дониста мешавад.

**Илм.**Таваҷҷӯҳи инсон ба олами атроф афзуд ва ин яке аз хусусиятҳои Даври нав гардид. Дар ин давр олимон кашфиётҳои оламшумул намуданд.

Астрономи бузурги поляк **Николай Коперник** (1473–1543) дар давоми 30 сол ҷисмҳои осмониро мушоҳида карда, оид ба атрофи Офтоб ва меҳвари худ давр задани Замин хулоса баровард. Ин хулоса дар илм навигарии бебаҳо буд.

**Ҷордано Брунои** италиявӣ (1548–1600) олам мавҷудоти абадист, он ҳеҷ гоҳ нобуд намешавад, гуфта хулосаи ҷасурона гуфта назарияи беканорию безаволии оламро пешниҳод кард. Калисо ин фикрро шаккокӣ гуфта, олимро ба гулхан партофтан ҳукм намуд.

Дигар олими бузурги италиявӣ **Галилео Галилей** (1564–1642) таълимоти Коперникро давом дода, ба назарияи гелиосентрӣ асос гузошт. Ҳиссаи Галилей дар бобати омӯхтани олами атроф калон аст. Ӯ аз байни олимони европоӣ нахустин шуда ҷисмҳои осмониро бо ёрии телескоп мушоҳида кард.

http://eduportal.uz

Дар бобати пеш бурдани илми Европа хизмати олими англис **Исаак Нютон** (1643–1727) беқиёс аст. Нютон асосҳои назарии механика ва астрономияро офарид, қонуни кашиши оламро тадқиқ кард, телескопи оинадорро кашф намуд.

Олими дигари англис **Ҷон Локк** (1632–1704) ба инкишофи фалсафа саҳми калон гузошт. Хизмати вай аз ин иборат аст, ки ӯ ҳуқуқҳои табиии инсон: таълимотро оид ҳуқуқҳои зистан, мулкӣ ва озодиро офарид.

Ӯ таълимоти тақсимоти ҳокимиятро, яъне ба ҳокимияти қонунбарор ва иҷроияро кор карда баромад.

***Дар асрҳои XVI –XVIII дар Европа маданияти Даври нав ташаккул ёфт. Санъат ва илм ривоҷ кард. Ғояҳои озодӣ ва баробарии инсон, ки дар ҷараёни инқилоби буржуазии Англия, муборизаи Америкаи Шимолӣ барои мустақилӣ, инқилоби француз пайдо шуда буд, боз дер вақт ба мазмуни муборизаи бисёр халқҳоро ташкил кард.***



**Исаак Нютон**



**Ҷон Локк**

?!

1. *Хусусияти хоси эҷоди Уилям Шекспир аз чӣ иборат буд?*
2. *Асоси эҷодиёти Леонардо да Винчи ва Рафаэл Сантиро кадом ғояҳо ташкил додаанд?*
3. *Дар асрҳои XVI–XVIII илми астрономия кадом муваффақиятҳоро ба даст овард?*
4. *Ғояҳои Ҷон Локк имрӯз дар идоракунии давлат чӣ гуна рол мебозанд?*

Фаъолияти намояндагони маданияти Даври нави Европаро бо ёрии матни китоби дарсӣ таҳлил карда, дар асоси он кластер тайёр намоед.

Бо ёрии интернет ба *даври маданияти Ренессанси Европа* экскурсияи виртуалӣ ташкил кунед. Таассуротатонро дар дафтаратон дар шакли ҷадвал қайд намоед.

Филми бадеии «Мерос»-ро ба намояндагони даври Эҳёи Италия бахшида шудааст, тамошо карда, хулоса бароред.

http://eduportal.uz



## БОБИ II. КИШВАРҲОИ ЕВРОПА ВА АМЕРИКА ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

### Мавзӯи 5-ум: ПУРЗӮРШАВИИ ҲОКИМИЯТИ ШОҲ ДАР АНГЛИЯ. ИНҚИЛОБИ БУРЖУАЗИИ АНГЛИЯ ДАР АСРИ XVII

**Пурзӯр шудани ҳокимияти шоҳ (корол). Абсолютизм.** Пешрафти савдо ва саноат дар Англия даромади андозро якбора зиёд кард. Акнун амалдорон аз давлат маош гирифта, армияи доимӣ ҳар гуна амри шоҳро иҷро карда метавонист. Ин ҳолат шоҳро аз таъсири ашрофони бой халос намуд. Дар натиҷа оид ба ҳокимияти номаҳдуди шоҳ ғоя пайдо шуд. Дар асоси ин ғоя дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ ҳокимият **монархияи мутлақ** ё **абсолютизм** номида шуд.

> Дар Англия ҳуҷҷати «Хартияи бузурги озодӣ» кай қабул шудааст?

Абсолютизм дар Англия дар асри XVI ташаккул ёфт. Дар ин давр ҳокимияти шоҳ пурзӯр шуда, **Генрихи XVIII Тюдор** на фақат калисоро,

балки парламенти иборат аз намояндагони табақаҳоро ба худ тобеъ кард, баъзе графиҳои мустақили шимолӣ ва Уэлс ҳам ҳокимяти шоҳро эътироф намуданд.



Елизаветаи I – маликаи Англия

**Елизаветаи I**-уми **соли 1558** ба тахтомада дар 45 соли ҳукмрониаш барои инкишофи суръатфизои Англия, ба давлати пешқадами дунё табдилёбии он саҳм гузошт. Дар кишвар Реформатсия ба охир расид. Давлат пурқудрат шуд, дар соҳаи хоҷагидорӣ ва савдои баҳрӣ ба комёбиҳо ноил шуд. Англия оҳиста-оҳиста ба давлати тавонои баҳрӣ – «маликаи баҳрҳо» табдил ёфт.

Соли 1603 бо вафоти Елизаветаи I ҳукмронии сулолаи тюдорҳо ба поён расид. Баъд ба тахти Англия намояндаи сулолаи стюартҳо **Якови I** нишаст. Стюартҳо шотландӣ буданд. Дар замони вай таназзули абсолютизм пурзӯр шуд, барои инқилоби буржуазӣ асосҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғоявӣ пухтанд. Ин ҳама дебочаи инқилоби буржуазии **соли 1640** дар Англия шуданд.

**Англия дар арафаи инқилоби буржуазӣ.** Дар бобати барқарорёбии тартиботи ба муносибатҳои нав, капиталистӣ инқилоби буржуазии англис аҳамияти калон дошт. Ин инқилоб на фақат дар Англия, балки дар тамоми Европа ба тартиботи ҳукмрон тадбилёбии муносибатҳои капиталистӣ замина гузошт. Дар ин давр дар натиҷаи сиёсати фаъоли хориҷӣ Британия асосҳои империяи мустамликадориро офарид. Ба мустамликаи нахустин дар Америка-Виржиния асос гузошта шуд. Дар соҳаи илм Фрэнсис Бэкон, дар адабиёт Уилям Шекспир барин номҳои арбобон машҳури дунё гаштанд.

**Сабабҳои инқилоб.** Дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои капиталистӣ ва Реформатсия дар ҷамъияти англис ҷудошавӣ рӯй дод. Агар ашрофзодагони нав тарафдори инкишофи капитализм бошанд, шоҳ ва амалдорон тартиботи кӯҳнаро нигоҳ доштанӣ буданд. Дар ин шароит сулолаи нави шоҳии стюартҳо бар зидди парламенти англис ва калисои **пуританӣ** (калвинистҳоро дар Англия чунин номиданд) муборизаро сар кард. Ин зиддиятҳо боиси асосии инқилоб шуданд.



- Дар соли 1603 ...
- Дар соли 1640 ...




**Инқилоби буржуазии Англия**

Низои байни шоҳ ва парламент дар замони Карли I боз ҳам тезутунд шуд. Шоҳ парламентро пароканда кард.

Дар Англия яккаҳукмронии Карли I қарор ёфт, ин замон савдогарон, дворянҳои нав, диндорони озодфикр аз корҳои давлат пурра дур карда шуданд.

**Оғози инқилоб.** Аввали соли 1640 хазинаи давлат холӣ шуд. Дар кишвар гуруснаҳо шӯриш намуда, дар Лондон беназмиҳои кӯчагӣ авҷ гирифтанд. Шотландия зидди Англия ҳаракати ҳарбиро оғоз намуд.

Дар ин шароит соли 1640 парламенти нав ҷамъ омад. Барои дер вақт пароканда нашудани ин парламент он бо номи **«Парламенти дарозмуддат»** ба таърих даромад. Ин оғози инқилоб буд.

Парламенти дарозмуддат якчанд ислоҳоти муҳимро амалӣ кард. Яке аз қарорҳое, ки парламент бар зидди абсолютизм қабул намуд, ин оид ба суд кашидани вазирони шоҳ буд. Чанд нафар амалдорони калон, епископҳо, судяҳо ба асирӣ гирифта шуданд. Аслан ин дигаргунсозиҳо мувофиқи моҳияташ дар низоми давлатии Англия табаддулоти инқилобӣ буд.

**Ҷанги дохилии байни шоҳ ва парламент.** Тарафдорони парламент ва шоҳи Англия ба лагери ба ҳам душман ҷудо шуданд. Парламентро савдогарон, тадбиркорон ва дворянҳои нав дастгирӣ карданд. Заминдорони калон-асилзодаҳо ва деҳқонони ба онҳо мутеъ, амалдорони дарбор, калисои англисӣ, ки аз нигоҳдории тартиботи кӯҳна манфиатдор буданд, зери байрақи шоҳ муттаҳид шуданд.

Дар охири **соли 1643** аз чор се қисми ҳудуди кишвар зери ҳукмронии шоҳ буд. Парламент аз даъвати мардум ба ҷанг метарсид. Аммо дере нагузашта армияи Шотландия, ки иттифоқчии нави парламент буд, ба ҳудуди Англия даромада омад. Лашкари муттаҳидаи шотландҳо ва тарафдорони парламент бар лашкари шоҳ ғолиб омаданд.



**Оливер Кромвел**

Дар ин ғалаба аскарони савораи тахти қумондонии **Оливер Кромвел** роли асосӣ бозиданд. Шоҳ ва аз дунболи он тамоми лашкар гурехта рафт. Ҷанг бо ғалабаи пурраи парламент анҷом ёфт.

**Ислоҳоти парламент.** Торумор шудани армияи шоҳ ба парламент дари имкониятро барои дигаргунсозиҳои муҳим боз кард. Ашрофони заминдор аз пардохти андозҳои феодалӣ барои тахт озод шуданд. Замин ба мулки хусусӣ табдил дода шуд. Савдогарон акнун барои савдо рухсатномаро харида намегирифтагӣ шуданд. Калисо ба парламент тобеъ карда, заминҳои тарафдорони он ва епископҳо мусодира гардиданд.




Барои дер вақт пароканда нашудани парламенти **соли 1640** даъватшуда бо номи «Парламенти дарозмуддат» ба таърих даромад.

Ба охири **соли 1643** омада, аз чор се қисми ҳудуди кишвар зери ҳукмронии шоҳ буд.

**Хотимаи инқилоб. Ба монархияи конститутсионӣ табдилёбии Англия.** Бо қарори парламент дар Англия ҳокимияти шоҳ ва палатаи лордҳо бекор карда шуд. **19-уми маи соли 164**9 Англия республика эълон шуд.

Армияи инқилобӣ таҳти фармондеҳии О. Кромвел барои Ирландияро тобеъ кардан ба ин ҷо ҳамла овард. Дар ҷараёни ҳарбу зарб қисми калони аҳолии Ирландия ҳалок шуд. Армияи инқилобии О. Кромвел ҳамин тариқ ба армияи таҷовузгар табдил шуд. Ин лашкар баъди Ирландия ба Шотландия низ ҳамла кард. Баъди ҷангҳои шадид мағлуб шуд, Шотландия мустақилии худро эълон кард.

Сипас, парламенти кӯҳна пароканда карда шуд. Дар кишвар протекторати О. Кромвел (*протектор* – ҳомӣ, ҳимоятгар) барқарор шуд. Ҳокимияти иҷроия пурра ба дасти протектор гузашт.

**«Инқилоби шарафманд»-и соли 1688.** Баъди марги Кромвел соли 1660 Карли II ба тахт омаду аз даъвои ҳукмронии мутлақ даст накашид. Вориси ӯ Якови II барои аз нав барқарор кардани дини католикӣ ҳаракат мекард. Пас аз ин соли 1688 парламент Якови II-ро аз тахт маҳрум намуд. Ба тахти Англия ҳукмдори Голландия шаҳзода Виллем ван Ораней таклиф карда шуд. Ӯ дар асоси талабҳои парламент ба тахт нишаст. Аз давр эътиборан масъалаҳои муҳимтаринро на шоҳ, балки парламент ҳал мекардагӣ шуд. Ҳокимияти шоҳро парламент маҳдуд кард. Ҳамин тариқ, дар Англия **монархияи номаҳдуд ё монархияи конститутсионӣ** барқарор шуд. Ин дар таърихи Англия **«Инқилоби шарафманд»** ном гирифт.

- Охири соли 1643 ...
- 19-уми маи соли 1649 ...
- Фаъолияти Ҷон Лилберн ...
- Соли 1688 ...

**Натиҷаҳо ва аҳамияти таърихии инқилоби буржуазии Англия.** Инқилоби буржуазии Англия абсолютизмро нест кард. Инқилоб ба мулки феодалӣ зарба зад, аммо ба охир нарасонд, зеро деҳқононро ба соҳибони ҳақиқии замон табдил надод ва онҳоро аз феодалон озод накард.

Сарфи назар аз ин, инқилоб дар инкишофи минбаъдаи муносибатҳои капиталистии Англия аҳамияти ҳалкунанда дошт. Дар натиҷаи ин инқилоб дар соҳаи кишоварзӣ ҳам муносибатҳои капиталистӣ зуд инкишоф ёфтанд, табаддулоти саноатӣ оғоз ёфт.



http://eduportal.uz

Дар ҷамъият низ тағйирот рӯй дод-буржуазияи саноатӣ ва синфи коргар инкишоф ёфт.

**Англия асри XVIII.** Дар асри XVIII ҳокимият пурра ба парламенти иборат аз ду палата-палатаи лордҳо ва палатаи ҷамоаҳо гузашт.

**Соли 1707** парламент унияи (иттифоқи) байни Англия ва Шотландияро қонунӣ кард. Акнун мамлакат **Британияи Кабир** ном гирифт.

**Соли 1714** охирин вакили сулолаи оранейҳо дар тахти Англия вафот намуд. Бар асоси «Билли оид ба ворисии тахт», ки соли 1701 қабул шуда буд, парламент аз сулолаи князиҳои немиси ганноверӣ, аҷдоди Якови 1, ГеоргиI-ро ба тахти Англия таклиф кард. Ганновериҳо аз протестантҳо буданд ва тахти англисро аз асри XVIII то ибтидои асри XIX идора намуданд. Дар давоми асари XVIII дар ҷараёни муборизаҳои пуршиддат бо Франсия Британияи Кабир аксар ҳудудҳои Америкаи Шимолиро, Ҳиндустонро, Африкаро забт кард ва ҳамин тариқ ба империяи мустамликадории Британияи Кабир асос гузошта шуд. Англия ба «ҳукмрони баҳрҳо» табдил ёфт.

***Дар кишвар барпошавии давлати ҳуқуқӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ сар шуд. Инқилоби буржуазии Англия ва ғояҳои он ба инкишофи дигар кишварҳои Европа таъсири калон расонд. Тамоилҳои эълонкардаи инқилоб ва тартиботи иқтисодӣ ба тамаддуни нави индустриалӣ асос гузошт.***

**Абсолютизм** – шакли идоракунии давлат. Дар он ҳокимияти монарх мутлақо маҳдуд нест.

**Пуританҳо** – яке аз мазҳабҳои диние, ки дар асри XVI дар асоси калвинизм дар Англия ташаккул ёфт.

**Палатаи лордҳо** – палатаи болои парламенти Англия.

**Протекторати Кромвел** – (*протектор* – ҳомӣ, ҳимоятгар) марҳилаи хотимавии инқилоби буржуазии Англия. Дар ин давр ҳукмдори Англия, Шотландия ва Ирландия протектор Оливер Кромвел буд.

?!

*1. Абсолютизм дар Англия дар кадом аср ташаккул ёфт?*
*2. Дар таърихи Англия намояндагони сулолаи тюдорҳо кадом корҳоро анҷом доданд?*
*3. Сабабҳои саршавии инқилоби буржуазии Англия чиҳоянд?*
*4. О. Кромвел дар таърихи Англия чӣ гуна рол бозид?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Матни мавзӯъро дар асоси ҷадвали «Insert» таҳлил кунед ва маълумотҳои матнро оид ба ин ҳудуд нақл кунед.

http://eduportal.uz

Аз харита истифода бурда, ҳудудҳоеро, ки инқилоби буржуазии Англия шуда гузашт, аниқ намоед.

Бо истифодаи интернет ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиро, ки дар даври сулолаи тюдорҳо дар таърихи Англия ба амал баровварда шуданд, таҳлил кунед. Воқеаҳоро бар асоси пайдарҳамии хронологӣ дар дафтаратон нависед.

Сериали оид ба мавзӯъ-«Тюдорҳо»-ро бинед ва хулоса барорeд.

## Мавзӯи 6-ум: МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

Дар даври нав харитаи сиёсии Европа намуди замонавиро касб намуд. Дар асрҳои XVII–XVIII мубориизаи давлатҳои Европа барои доираи таъсир ба ҷаҳон ва ҳудудҳо барои даврҳои минбаъда аҳамияти калон дошт. Тамаддуни Европа ба қувваи пешбарандаи иқтисодӣ, технологӣ ва ҳарбию сиёсии ҷамъияти ҷаҳонӣ табдил ёфт. Мубориизаи дарозмуддат барои паҳн кардани арзишҳои тамаддуни Европа дар рӯи дунё сар шуд. Дар аснои ин мубориза тамаддуни Европа бозори ҷаҳониро ба вуҷуд овард, халқҳои кишварҳои мустамлика ва ниммустамликаҳои худро ба ин ҷараёнҳо ҷалб карда, ба тамаддуни аввалини умумиҷаҳонӣ табдил меёфт. Айнан ин ҷараёнҳо мазмуни муносибатҳои байналмилалиро дар асрҳои XVI–XVIII ташкил дод.

> Барои муносибатҳои байналмилалии Европа «Ҷанги садсола», ки дар Асрҳои миёна рӯй дода буд, чӣ гуна аҳамият дошт?

Моҷароҳо ва ҷангҳои асрҳои XVI–XVIII якчанд сабабҳо доштанд. Аввал, оид ба ояндаи Европа ду нуқтаи назар мавҷуд буд, сулолаи габсбурҳои ҳукмрони Австрия бо сарварии императори католик империяи ягона лозим мегуфт, Англия ва Франсия дар Европа мавҷуд будани давлатҳои мустақили миллӣ буданд.

Дуюм, дар асри XVI Европа ба мазҳабҳои католикӣ ва протестантӣ ҷудо шуда рафта буд. Зиддиятҳои байни онҳо ба ҷангҳои динии саросари Европа овард.

Сеюм, зиддиятҳои иқтисодӣ – мубориизаҳо барои ҳукмронӣ бар мустамликаҳо, бозорҳо ва роҳҳои баҳрии савдоӣ низ сабабгори ҷангҳо шуданд.

http://eduportal.uz

- Дар асрҳои XVII–XVIII давлатҳои Европа ...
- Мазмуни муносибатҳои байналмилалӣ дар асрҳои XVI–XVIII – ...
- Дар асри XVI ...

Дар ин давр манфиатҳои Франсия, Испания ва Англия ҳамеша ба ҳам бармехӯрданд. Хусусан, байни давлатҳои ҳамсарҳади Франсия ва Испания барои ҳудудҳои марзӣ ва давлатҳои ҳамсоя, дар навбати аввал барои таъсиррасонӣ ба Италия зиддиятҳо мудом рӯй медоданд. Ин зиддиятҳо дар ниҳояти кор ба ҷангҳои Италия овард. Бар оқибати ҷанг Италия ба шоҳи испан мутеъ шуд.

Боз як омили муҳими муносибатҳои байналмилалӣ империяи Усмонӣ буд, ки ба Европа хавфи доимӣ дошт. Империяи Усмониҳо дар Осиё ва Африка ҳудудҳои зиёдро забт карда буданд. Туркҳо бевосита ба сарҳадҳои империяи гасбсбурҳо хавф оварданд. Франсия ва Англия барои заиф сохтани қудрати Габсбургҳо бо империяи Усмониҳо муносибатҳоро нағз карданд.

**Ҷанги сисола.** Дар ибтидои асри XVII аксари давлатҳои Европа барои нигоҳ доштани мувозинат байни католикҳо ва протестантҳо, ки бар асоси мазҳаб сабабгори моҷарои байналмилалӣ буданд, ҷалб гардиданд. Ҷанг дар солҳои 1618–1648 ба амал омад ва дар таърих бо номи **Ҷанги сисола** дохил шуд. Ҷанг ҳамчун моҷарои динии байни католикҳо ва протестантҳо оғоз шуд. Ҷанг асосан дар ҳудуди Германия давом кард ва ба халқҳои тамоми Европа кулфатҳои зиёд ба бор овард.

Ҷанги сисола соли 1648 бо сулҳи Вестфал анҷом ёфт. Сулҳи Вестфал ба муносибатҳои нави байни давлатҳои Европа асос гузошт. Мувофиқи сулҳ мустақилии Голландия аз Испания эътироф шуд.

Сулҳи Вестфал ба душмании байни католикҳо ва протестантҳо хотима гузошт. Баробарии калисоҳои католикҳо ва протестантҳо эътироф гардид. Германия аз князиҳои пароканда иборат шуда монд. Дар Европа роли Франсия афзуд. Ҷанги сисола нишон дод, ки моҷароҳои динӣ бо роҳи ҳарбӣ ҳал карда намешаванд. Дар айни вақт ҷанг дар муносибатҳои байналмилалӣ хатти муҳим шуд ва дар Даври нав ба тараққиёти Европа натиҷаи ба худ хос гузошт.

**Мубориза барои тахти Испания.** Соли 1700 шоҳи Испания Карли II вафот кард. Бино ба васияти ӯ набераи шоҳи Франсия **Филипп Анҷуй** ба тахти Испания нишаст. Давлатҳои аз ин ҳол норозӣ ҷанг сар карданд. Ин ҷанг Франсияро хаста кард. Бино ба сулҳи соли 1714 Филипп Ан-

http://eduportal.uz

ҷуй аз ҳуқуқи тахти Франсия маҳрум карда шуд. Дар оқибати ҷанг ҳам франсузҳо, ҳам габсбургҳо заиф шуданд. Ин боиси пурзӯршавии Англия шуд.

Яке аз моҷароҳои калоне, ки дар асри XVIII рӯй дод, ҷанги байни Россия ва Шветсия аст. Ин ҷанг бо номи **Ҷанги шимолӣ** (1700–1721) дар таърих дохил шуд, бо ғалабаи Россия поён ёфт.

Дар натиҷаи **ҷанги ҳафтсолае** (1756–1763), ки қариб ҳамаи давлатҳои Европа иштирок карданд, сарҳадҳои Европа дигар нашуд. Фоидаи калони ҷангро Англия гирифт. Мустамликаҳои Франсия дар Ҳиндустону Америкаи Шимолӣ ба Англия гузашт. Англия ба империя бузурги мустамликадор табдил ёфт.

Султони Усмониҳо Мустафои III соли 1768 бар зидди Россия ҷанг сар кард. Ҷанг соли 1774 бо шартномаи Кучукқайнарҷи тамом шуд. Дар ҷанг империяи Россия ғалаба кард. Бино ба шартнома хонии Қрим ба давлати мутеи Россия табдил ёфт ва баъдтар ба таркиби Россия даромад. Россия ҳуқуқи доштани флоти ҳарбиро дар баҳри Сиёҳ пайдо кард.

***Дар ин давр давлатҳои дар Асрҳои миёна аз нигоҳи ҳарбӣ пурқудрат, мисли Хитой ва империяи Усмониҳо ролашон дар муносибатҳои байналмилалӣ паст шуд. Дар Европа инкишофи капитализм ба ташаккули миллатҳо овард. Вале ҷараёни ташкилёбии давлатҳои миллӣ ба воситаи муборизаи шадид ба амал омад.***

***Дар ин давр муборизаҳо барои забти роҳҳои баҳрӣ дар байни давлатҳои Европа, дар Америка, Осиё ва Африка соҳиби мустамликаҳо шудан асоси муносибатҳои байналмилалиро ташкил дод. Дар натиҷаи ин муборизаҳо низоми мустамликавии ҷаҳонӣ ташаккул ёфт. Ҳодисаи нафратангези Даври нав-савдои ғуломон низ хоси ин давр аст.***

?!

1. *Сабабҳои моҷароҳои байналмилалӣ ва ҷангҳои асрҳои XVI–XVIII аз чиҳо иборатанд?*
2. *Мазмуни шартномаи сулҳи Вестфал аз чӣ иборат аст?*
3. *Моҳияти Ҷанги ҳафтсола байни қариб ҳамаи давлатҳои Европа аз чиҳо иборат аст?*
4. *Мазмуни шартномаи Кучукқайнарҷи аз чӣ иборат аст?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Аз матн маълумотҳои оид ба шартномаи сулҳи Вестфал ва шартномаи сулҳи Кучукқайнарҷиро ёбед ва дар ду сутуни ҷадвал таҳлил кунед.

http://eduportal.uz

Бо истифодаи интернет бо фаъолияти Карли II ва Филипп Анҷуй шинос шуда, таҳлил кунед.

Аз харита истифода бурда, муносибатҳои байналмилалии асрҳои XVII–XVIII-ро таҳлил кунед.

## Мавзӯи 7-ум: МОНАРХИЯИ МУТЛАҚ ДАР ФРАНСИЯ ИНҚИЛОБИ БУЗУРГИ БУРЖУАЗИИ ФРАНСИЯ

Тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсии Франсия дар асри XVII характери тазоднок дошт. Афзоиши иқтисодӣ, мустаҳкамшавии абсолютизм, зиёдшавии андозҳо дар натиҷаи сабзидани муносибатҳои капиталистӣ ба бадшавии аҳволи оммаи халқ, шӯришҳои доимии халқ сабаб шуданд. Муносибатҳои нави иқтисодӣ хусусан дар деҳот бо душворӣ роҳ меёфтанд.

Дар охири асри XVI – ибтидои асри XVII Франсия болоравии босуръати иқтисодиро аз сар мегузаронд. Зеро шоҳ андозҳоро кам карда, барои мануфактураҳо шароити мусоид фароҳам шуд, ҷорӣ шудани боҷи рағбаткунандаи истеҳсолот, дастгирии навигариҳои техникӣ омили муҳим гардид. Иттифоқи байни шоҳу буржуазия мустаҳкам шуд, эътирози мардум кам гардид.

Вусъати бозори дохилӣ ба афзоиши аҳолӣ оварда расонд. Дар арафаи инқилоб Франсия аз рӯи шумораи аҳолӣ дар Европа давлати калонтарин буд. Аммо амалӣ нашудани ислоҳоти оғозёфта бо абсолютизм ҳамоҳанг наомадани ислоҳоти сиёсию иқтисодиро нишон дод. Дар ҷамъият зиддиятҳои иҷтимоӣ пурзӯр шуда, мамлакат ба вартаи инқилоб омада монд.

**Оғози инқилоби бузурги буржуазии Франция.** 5-уми маи соли 1789 шоҳ Людовики XVI маҷлиси Штатҳои генералиро кушод. Ӯ дар нутқи худ ҷорӣ шудани андозҳои навро эълон намуд. Нутқи шоҳ боиси эътирози намояндагони табақаи сеюм гардид. Аҳолии Париж аз депутатҳо қарори қатъиро талаб намуда, ба сӯи Версал ҳаракат карданд. Баъд депутатҳои табақаи сеюм ҷамъомади худро Шӯрои миллӣ номид. Депутатҳои табақаи якум ва сеюми тарафдорони ислоҳот ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Шӯрои миллӣ ба хотима гузоштани абсолютизм қарор намуд.

Дар Франсия Штатҳои генералӣ кай ва ба кадом мақсад даъват шуда буданд?

http://eduportal.uz

Ифодагари нуқтаи назарҳои табақаи сеюм **Габриэл де Мирабо** шуд. Ӯ аз оилаи бой ва машҳур баромада, арбоби таҷрибанок ва доно буд. Мирабо табақаи сеюмро ба якдилӣ ҷеғ зад.

Дар ин байн Шӯрои миллӣ худро **Маҷлиси муассисон** эълон кард. Газетаҳои Париж «инқилоб бе рехтани як чакра ҳам хун анҷом ёфт» гуфта навиштанд. Аммо Париж хотирҷамъ набуд.



- Табақаи якум – рӯҳониён.
- Табақаи дуюм – дворянҳо.
- Табақаи сеюм – савдогарон, ҳунармандон, деҳқонон, буржуазия.

**Гирифта шудани Бастилия.** Мардуми аз дигаргуниҳо норозӣ **14-уми июли соли 1789** ба қалъаи Бастилия зада даромад. Лашкари дар қалъабуда таслим шуд, комендант (сарвар) қатл гардид. Ҳамин тариқ, инқилоб бо террори бешафқати мардум сар шуд. Людовики XVI ба тарафи шӯришгарон гузаштанро маъқул кард. Шоҳ Маҷлиси муассисонро тан гирифт. Дар пойтахт ҳокимият ба дасти шӯрои шаҳр – Коммунаи Париж гузашт. Сари вақт ҳал нашудани зиддиятҳо аз тарафи доираҳои мавҷудаи ҳукмрон ба инқилоб оварда расонд. Монархияи абсолютӣ сарнагун шуд.

**Буржуазия дар сари ҳокимият.** Бо сарнагун шудани абсолютизм ҳокимият ба буржуазияи калон гузашт, аммо дар кишвар сулҳ нашуд. Тамоми кишварро мавҷи инқилоб ва шӯришҳо фаро гирифт. Маҷлиси муассисон **«Баёнияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандон»**-ро қабул кард. Он озодиҳои сухан ва матбуот, дахолатнопазири мулки хусусиро эълон намуд. Моҳияти баёния дар се калима **«Озодӣ, Баробарӣ, Бародарӣ!»** ифода шуда буд.

**Сентябри соли 1791** Маҷлиси муассисон дар таърихи Франсия конститутсияи аввалинро қабул кард. Дар он ҳокимияти шоҳ маҳдуд шуд. Ҳамин тавр дар Франсия ҳокимияти буржуазияи калон барпо шуда, марҳилаи якуми инқилоб поён ёфт.

Дар ҷараёни инқилоб ҷамъияти франсуз ба якчанд равияҳои сиёсӣ ҷудо шуд. Маҷлиси муассисон депутатҳои тарафдори шоҳро рост ё ***роялистҳо*** (роял – шоҳ) номид. Аз сабаби он, ки аксари депутатҳои чап аз вилояти Жиронда интихоб шуда буданд, онҳо номи **жирондистҳоро** гирифтанд.

Аммо ҳанӯз инқилоб ба охир нарасида буд, буржуазияи хурду миёна ба ҳокимият наомад, ба деҳқонон замин дода нашуд, гуфта фикр

http://eduportal.uz




**Инқилоби буржуазии Франсия**

мекард аксарият. Ин нуқтаи назар дар фаъолияти равияи чапи **якобинчиён** (онҳо дар китобхонаи Авлиё Якоб ҷамъ омада буданд) ифодаи худро ёфт.

- 5-уми маи соли 1789 ...
- Охири асри XVI – ибтидои асри XVII ...
- Фаъолияти Дюдовики
- Фаъолияти Габирэл де Мирабо ...

**Аз тахт рафтани шоҳ ва эълон шудани республика.** Соли 1791 Маҷлиси нави қонунбарор ба кор сар кард. Вай бо хулосаи гӯё ҷанги муваффақиятомез эҳсоси ватанпарвариро пурзӯр карда ва ҳолати инқилобиро бартараф менамояд, бар зидди Австрия ҷанг эълон кард. Франсия ба Белгия лашкар даровард, ҷавобан ба он австриягиҳо ва пруссҳо ба Франсия зада даромаданд ва якчанд қалъаро забт намуданд. Бар ҷанги зидди Франсия Англия низ ҳамроҳ шуд.

Маҷлиси қонунбарор ба халқ зери шиори «Ватан зери хавф аст!» муроҷиат кард. Дар ҷанги назди деҳаи Валми лашкари франсузҳо армия пруссҳоро баргардонд. Ин оғози озодкунии кишвар аз истилогарон буд. **22 сентябри соли 1792** Конвент дар бораи бекор кардани монархия ва барпо шудани сохти республика дар Франсия декрет қабул кард.

Дар пойтахт Гвардияи миллӣ ва лашкари ихтиёриён қасри шоҳро муҳосира карданд. Шоҳ Людовики XVI бо оилааш ҳабс шуданд. Ҳамин тариқ, дар марҳилаи дуюми инқилоб монархия барҳам хӯрд. Якчанд газетаҳои монархистӣ пӯшида, вазирони собиқ ба ҳабс гирифта шуданд. Ба ҳамаи мардони 25-сола ҳуқуқи интихобот дода шуд.

**14-уми июли соли 1789** қалъаи Бастилия гирифта шуд.

**Сентябри соли 1791** Маҷлиси муассисон дар таърихи Франсия аввалин конститутсияро қабул намуд.

**22-юми сентябри соли 1792** декрет оид ба барпо шудани сохти республикаи Франсия қабул шуд.

**Барпо шудан ва ҳалокати диктатураи якобинчиён**. Бино ба қарори Конвент январи соли 1793 Людовики XVI қатл карда шуд. Қатли шоҳ Англия ва Испанияро ба ҷанги зидди Франсия роҳнамун кард. Армияи Австрия ба ҳуҷум нузашт. Лашкари франсузҳо ба мағлубият дучор омад. Якобинчиён ва халқи оддӣ дар он жирондистонро айбдор карданд. Дар ин замон обрӯи якобинчиён боло рафта, дар Франсия ҳокимият ба онҳо ва роҳбарони онҳо-Робеспейр, Марат ва Дантон

http://eduportal.uz

гузашт. Онҳо идоракунии бешафқати террориро ҷорӣ карданд. Депутатҳои жирондист қатл карда шуданд. Аксулинқилобиён аз ҳабсхонаҳо бароварда берун аз шаҳр парронда шуданд. Бешафқатии якобинчиён сарҳад ва маъно надошт.

Дар Конвент зидди Робеспейр ва тарафдорони ӯ фитна тайёр мешуд. 27-уми июли соли 1794 дар Конвент Робеспейр таҳти чапакзанӣ ба ҳабс гирифта шуд. Робеспейр ва тарафдорони он ғайриқонунӣ эълон шуд, ки ин маънои қатли бесудро дошт. Ҷамъ қариб сад нафар қатл шуданд, онҳо асосан аъзоёни Коммунаи Париж буданд. Коммуна бекор шуд.

- Дар январи соли 1793 ...
- Дар 27-уми июли соли 1794 ...
- Фаъолияти Робеспейр, Марат, Дантон – ин ...

***Боз як марҳилаи инқилоби бузурги буржуазии франсуз ҳамин тавр поён ёфт. Халқ аз муҳтоҷӣ, ҷанг ва террор хаста шуд. Диктатураи якобинчиён афтид.***

***Инқилоб тартиботи кӯҳнаро нобуд кард: қоидаҳои феодалӣ ва абсолютизм хатм ёфт. Франсия республика эълон шуд. Барои ташкили давлати ҳуқуқӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ асос гузошта шуд. Мулкдории буржуазӣ барпо шуда, барои табаддулоти саноатӣ шароит фароҳам омад.***

**Табақаи сеюм** – тибқи тартиботи дар Франсия ҷоришуда ғайр аз рӯҳониён ва дворянҳои соҳиби имтиёзбуда дигар ҳамаи одамон.

**Маҷлиси муассисон** – парламент барои қабулкунии конститутсия.

**Коммуна** – органи худидоракунии маҳаллӣ.

**Абсолютизм** – усули идоракунии давлат. Онро соҳиби ҳокимияти номаҳдуд монарх идора мекунад.

?!

1. *Сабабҳои оғоз ёфтани инқилоби бузурги буржуазии франсуз аз чиҳо иборат аст?*
2. *Дар «Баёнияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандон» кадом ҳуқуқҳо кафолат дода шуда буданд?*
3. *Даъвати «Ватан зери хавф!» дар Франсия бо кадом мақсад ва аз тарафи кадом ташкилот тайёр шуд?*
4. *Чаро диктатураи якобинчиён ба ҳалокат дучор шуд?*

http://eduportal.uz

**Супориш оид ба кор бо харита**

Аз харита истифода бурда, ҳудудҳои инқилоби буржуазии Франсияро таҳлил кунед ва дар ҷадвали дусутуна ҳудуд (дар якум) ва воқеаҳоро (дуюм) қайд намоед.

Дар асоси ҷадвали консептуалӣ хусусияти хоси инкишофи Франсияро дар асри XVIII таҳлил кунед.

## Мавзӯи 8-ум: ПОЁН ЁФТАНИ ИНҚИЛОБИ БУЗУРГИ БУРЖУАЗИИ ФРАНСУЗ ВА АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ ОН

**Шӯриши халқии соли 1795.** Термидорон (онҳое, ки дар рӯзи 9-уми моҳи термидори тақвими франсузӣ ба ҳокимият омадаанд) тарафдори республикаи мулк ва тадбиркории озодро ҳимоякунанда буданд. Онҳо маҳдудкунӣ дар савдоро бекор намуданд. Озодии савдо сар шуд, нархи наво чандин бор боло рафта, пул якбора беқадр гардид.

Франсия аз кадом аср зери итоати ҳокимияти ягонаи марказӣ даромад?

Халқи заҳматкаш гурусна буду, «бойҳои нав» барои ғанимат донистани вақт ва дидани завқи ҳаёт ҳаракат менамуданд. Дар табақаи болоии ҷамъияти буржуазӣ ахлоқи асилзодагон аз нав эҳё ёфт.

Ҳамин тариқ, **апрели соли 1795** шӯриш сар шуд. Ҳазорон одамони бесилоҳ сӯи Конвент ҳаракат карданд. Тарафи шом Гвардияи миллӣ Конвентро ишғол карда, халқро сар дод. Париж дар ҳолати муҳосира эълон шуд. Моҳи май ин воқеаҳо такрор шуда, шӯришгарон Конвентро гирифтанд. Издиҳом тамоми биноро ишғол кард. Дар ду рӯз алангаи ғазаб авҷ гирифт. Дар охири рӯзи дуюм шӯришгарон торумор гардиданд ва бесилоҳ, пешвоёни онҳо-якобинчиёни охирин қатл карда шуданд. Ин шӯриш охирин баромади оммавии аҳолӣ дар даври инқилоби бузурги франсуз буд.

**Конститутсияи соли 1795 ва Директория.** Августи соли 1795 Конвент Конститутсияи навро қабул кард, ӯ дар Франсия сохти республикаро мустаҳкам кард, лекин ҳуқуқии умумии интихоботро бекор намуд. Акнун ҳокимияти қонунбарор ба палатаи қонунгузории иборат

http://eduportal.uz

аз ду палата-Шӯрои панҷсадиҳо ва Шӯрои мӯйсафедон дода шуд. Ҳокимияти иҷроия ба Директорияи иборат аз панҷ нафар, ки онро Шӯрои мӯйсафедон таъин менамуд, супурда шуд. Конститутсияи соли 1795 қонунӣ будани ҳамаи муваффақиятҳои зиддифеодалии инқилобро тасдиқ кард.

- Апрели соли 1795 ...
- Дар августи соли 1795 ...
- «Халқ, бедор шав! Фурсат расид!» – ...

Конститутсияи нав тарафдорони монархияро пурзӯр кард. Онҳо зидди Конвент исён бардоштанд. Генерал Наполеон Бонопарт бо ёрии артиллерия исёнгаронро торумор карда, наҷотбахши Конвент шуд.

**Ҷангҳои директория. Генерал Бонопарт.** Буржуазияи калони ба сари ҳокимият омада аз забти дигар заминҳо манфиатдор буд ва ҷангҳои Франсия дар замони Директория характери истилогарона доштанд. Соҳили чапи Рейн ва Белгия ба Франсия ҳамроҳ карда шуд, Голландия ба республикаи тобеъ табдил ёфт. Дар заминҳои истилошуда французҳо тартиботи феодалиро бекор намуданд. Аммо заминҳои истилошуда тороҷ карда, корвонҳои пур аз озуқа ва асарҳои санъат ҳамчун ғанимати ҳарбӣ ба Париж меомаданд.



**Наполеон Бонопарт**

Обрӯи Наполеон Бонопарти дар ин ҷангҳо ғолибшуда хеле баланд шуд. Хусусан баъди ҷанги зидди Италия ва тобеъ кардани он Наполеон машҳур гардид. Дар заминҳои истилошуда Наполеон мутеъгии феодалиро нест карда, калисо ва ибодатхонаҳоро аз хироҷҳо маҳрум намуд, қонунҳое қабул кард, ки ҳуқуқҳои инсонро як андоза мустаҳкам менамуданд.

Ғалабаҳои Наполеон обрӯи армияро низ боло бурд. Наполеон айнан дар Италия худро на ҳамчун генерал, балки ҳамчун шахси бузурге, ки ба тақдири мардум таъсир расонида метавонад, ҳис мекард. Соли 1798, баъди юриш ба Миср Наполеонро барои ҳокимияти сиёсӣ ҳидоят кард.

**Августи соли 1795** Конвент Конститутсияи нави Франсияро қабул кард.

http://eduportal.uz

**Соли 1798** баъди юриш ба Миср Наполеонро барои ҳокимияти сиёсӣ ҳидоят кард.

**Табаддулоти давлатии 9-уми ноябри соли 1799.** Ҳокимияти директория дар байни мардум обрӯ надошт, «бойҳои нав» ҳам онро писанд намедид. Газетаҳо талаби «Барпо кардани ҳокимияти пурзӯр»-ро дар саҳифаҳои аввал инъикос мекарданд. Дар чунин шароит зидди ҳокимият фитна тайёр карданд. Фитнагарон аз Наполеони аз Миср баргашта ҳамчун қувва истифода бурданӣ шуданд, ӯ ҳам ба ин таклиф розӣ шуд. Шӯрои мӯйсафедон ва Шӯрои панҷсадиҳо ҳангоми гузаронидани маҷлис иҳота карда шуданд. Шӯрои мӯйсафедон ба тарс омада, пешниҳодро оид ба усули идоракунии консулиро дарҳол тасдиқ кард. Ин қарорро Шӯрои панҷсадиҳо низ тасдиқ намуд. Консулӣ иборат аз се нафар ҳокимияти иҷроия буда, ҳар кадоме аз онҳо унвони «Консули республикаи Франсия»-ро гирифтанд. Аз се нафари интихобшуда яке Наполоен Бонопарт буд.

Консулҳо оид ба садоқат ба республика савганд хӯрданд.

***Инқилоби буржуазии Франсия поён ёфт. Ин инқилоб дар таърихи дунё низ нуқтаи гардиш ҳам шуд. Ғояҳои пешниҳод кардаи вай «Озодӣ, Баробарӣ, Бародарӣ!» ба инкишофи минбаъдаи тамоми дунё таъсири муайян расонд.***

***Ғайр аз ин таърихи инқилоб барои бисёр халқҳо сабақ ҳам шуд. Куштορҳои бешафқат, истифодаи террор ҳамчун воситаи ҳалли муаммоҳо, ҷисмонан нобуд кардани мухолифати сиёсӣ ва монанди инҳо воқеияти мудҳиши инқилоб буданд.***

**Термидор** – номи моҳи тақвими нав, ки солҳои инқилоби Франсия қабул шуда буд.

**Конвент** – органи намояндагӣ, ки дар баъзе кишварҳо ваколати алоҳида дорад.

**Директория** – шакли идоракунии коллегиалӣ, ҳокимияти иҷроия дар Франсия ҳангоми инқилоби буржуазӣ.

**Консул** – яке аз се раҳбарони ҳокимияти иҷроия, ки солҳои инқилоби буржуазӣ дар Франсия ҷорӣ шуда буд.

**Террор** (тарс, даҳшат) – рақибро нобуд кардан ё тарсондан, ангехтани воҳима дар байни аҳолӣ.

?!

*1. Шӯриши халқии соли 1795 чӣ гуна сар шуд?*
*2. Конститутсияи соли 1795-уми Франсия кадом қоидаҳои асосиро ҷорӣ кард?*

http://eduportal.uz

*3. Кадом омилҳо обрӯи Наполеон Бонопартро боло бурданд?*

*4. Аҳамияти таърихии инқилоби бузурги буржуазии француз аз чиҳо иборатанд?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Дар мавзӯи «Аҳамияти инқилоби буржуазии Франсия иборат аз он, ки...» эссе нависед.

Бо истифода аз интернет ба *даври инқилоби буржуазии француз* сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед ва дар асоси маводҳои азбаршуда воқеияти таърихиро таҳлил кунед.

## Мавзӯи 9-ум: ИМПЕРИЯИ ГЕРМАНИЯ ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

**Аҳволи иқтисодӣ.** Германия дар тараққиёти иқтисодӣ аз Англия, Голландия ва Франсия барин давлатҳо ақиб монда буд. Ҳатто дар нимаи дуюми асри XVI карахтии иқтисодӣ сар шуд. Ин пеш аз ҳама оқибати ба беш аз 300 то князиҳои (давлатҳои) хурд тақсим шудани Германия буд. Парокандагии сиёсӣ барои пайдоиши бозори ягонаи дохилӣ имкон намедод.

> Дар асрҳои миёна баъди кадом ҷанг ҳуҷумҳои венгерҳо ба Германия қатъ ёфтанд?

Ғайр аз ин дар ин давр дар натиҷаи кӯчидани роҳҳои савдоии баҳрӣ ба уқёнуси Атлантика роҳҳои савдоии аз Германия мегузашта аҳамияти худро гум карданд. Ҳол он ки то миёнаҳои асри XVI алоқаҳои бозорҳои тамоми Шарқ ба Европаи Ғарбӣ ба воситаи Италияи Шимолӣ аз заминҳои Германия мегузаштанд.

Роли иқтисодии Германияро дар арсаи дунё бо истеҳсоли мис якум ҷойро ишғол намудани он муқаррар менамуд. Мис дар соҳаи савдо воситаи асосӣ буд. Аммо аз Америка ба Европа ба миқдори зиёд овардани тилло ва нуқра аҳамияти миси Германия футур расонд.

Маҳсулоти саноатии кишвар ба маҳсулоти саноатии давлатҳои хориҷӣ рақобат карда натавонист. Чунки дар Германия истеҳсоли мануфактура фақат дар шаҳр ба роҳ монда шуд.

http://eduportal.uz

Он ба деҳот роҳ наёфт, дар кишоварзӣ муносибатҳои хоҷагии натуралӣ монда, талабро нисбат ба маҳсулоти саноатӣ қонеъ намекард.

Шикастхӯрии ҷанги деҳқонон дар солҳои 1524–1526 умри муносибатҳои феодалии Асрҳои миёнаро дароз кард ва сабаби идома ёфтани парокандагии сиёсии кишвар шуд.

Ниҳоят, дар ҷанги сисолаи байни давлатҳои Европа (1618–1648) асосан князиҳои немис зарар дида, дар ботлоқи ақибмодагӣ мон-




Округҳои империяи муқаддаси Рим

данд. Бино ба натиҷаҳои Ҷанги сисола дар Европа Франсия гегемони сиёсӣ шуд.

Германия бошад, ба таназзули иқтисодию сиёсӣ рӯ ба рӯ омад. Парокандагии сиёсӣ боз ҳам пурзӯр шуд.

- Аз нимаи дуюми асри XVI – ...
- Ҷанги сисола – ...
- Солоҳи 1524–1526 – ...
- То миёнаҳои асри XVI – ...

**Сохти сиёсӣ.** Германия ба ном империяи ягона ҳисоб мешуд, онро император идора менамуд. Дар амал ягонагии он дар коғаз буд.

Дар ин империяи то соли 1806 «Империяи муқаддаси Рим» номдошта ҳатто шаҳрвандии ягона ҳам набуд. Аҳолӣ шаҳрвандони князиҳо ба ҳисоб мерафтанд.

Императори Германия, ки аз сулолаи габсбургҳо буд, ғайр аз заминҳояш дар Австрия ягон ҳокимияти воқеӣ надошт. Рейхстаги империя қарори барои ҳамаи князиҳо маҷбуриро қабул карда наметавонист. Гарчанде қабул мекард, он дар амал иҷро намешуд. Дар ин шароит ҳар як князӣ на фақат дар сиёсати дохилӣ, балки дар сиёсати хориҷӣ барои мустақилӣ кӯшиш доштанд.

**Аҳволи байналмилалии Германия.** Парокандагии сиёсӣ дар нимаи дуюми асри XVII Германияро ба лӯхтаки давлатҳои пурзӯри Европа табдил дод.

Франсия шаҳри Страсбург ва заминҳои соҳили чапи дарёи Рейнро гирифт.

Соли 1683 князиҳои Германия дар муборизаи зидди истилои Туркия аввалин бор қарори якдилонаи таърихӣ қабул карданд ва лашкари миллию озодихоҳиро ташкил намуданд. Ҳамон сол лашкари усмониҳо дар остонаи Вена торумор гардид. Ин ғалабаи Германия Европаи Марказиро аз ҳамлаи усмониҳо нигоҳ дошт.

**Ташкилёбии шоҳии Пруссия.** Австрия ва Бранденбург дар байни князиҳои Германия пурзӯр буданд. Асри XVII дар Германия муборизаи ин ду князӣ барои гегемонӣ авҷ гирифт.

Австрияро сулолаи габсбургҳо, Бранденбургро сулолаи гогенсоллернҳо идора мекарданд. Пойтахти яке шаҳри Вена, дигаре шаҳри Берлин буд.



http://eduportal.uz

**Соли 1683** князиҳои Германия дар муборизаи зидди истилои Туркия аввалин бор қарори якдилонаи таърихӣ қабул карданд.

**Асри XVII** дар Германия муборизаи байни князиҳои Австрия ва Бранденбург барои гегемонӣ авҷ гирифт.

Соли 1701 ба ҷои князии Бранденбург шоҳии Пруссия ташкил ёфт. Князи Бранденбург бо номи Фридрихи I шоҳи Пруссия эълон шуд.

Аз ҳамин давр сар карда, аз шароити мусоиди байналмилалӣ ва заифии дигар князиҳои немис истифода бурда, Пруссия ба давлати пурқудрат табдил ёфт ва лашкари тавоноро низ ташкил дод.

Дар охири асри XVIII Пруссия аз ҷиҳати масоҳат дар Европа ба ҷои сеюм, аз ҷиҳати шумораи лашкар ба ҷои чорум баромад.

Дар замони ҳукмронии Фридрихи II (1740–1786) Пруссия ба монархияи мутлақ табдил ёфт.

**Реал** – дар амал мавҷудбуда; амалӣ шаванда; иҷрояш имконпазир.

**Гегемонӣ** – бартарии сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, ҳукмронии як давлат бар дигараш.

**?!**

1. *Оид ба сабабҳои ақибмонии иқтисодии империяи Германия чиҳоро дониста гирифтед?*
2. *Парокандагии сиёсӣ дар Германия ба кадом оқибатҳо овард?*
3. *Ғалабаи князиҳои Германия бар лашкари усмониҳо дар соли 1683 барои Европа чӣ аҳамият дошт?*
4. *Шоҳии Пруссия дар кадом шароит ташкил ёфт?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Дар мавзӯи «Ташкилёбии империяи Германия» кори мустақил нависед.

Аз интернет истифода бурда, ба *империяи Германия* сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед ва дар асоси маводҳои азбаршуда воқеаҳои таърихиро таҳлил кунед.



http://eduportal.uz

## Мавзӯи 10-ум: ИМПЕРИЯИ РОССИЯ ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

**Якшавии заминҳои Рус.** Ҷараёни муттаҳидшавии заминҳои Рус дар атрофи Москва баъди озодшавӣ аз юғи Ӯрдаи Тиллоӣ дар ибтидои асри XVI ба охир расид. Давлати мутамарказ ташкил шуд ва он акнун **«Рус»**, **«Россия»** ном гирифт.

> Ба давлати Руси Киевӣ кай ва аз тарафи кӣ асос гузошта шуда буд?

Ивани IV, ки соли 1547 ба тахт нишаст, бори аввал дар таърихи Россия тоҷи подшоҳиро пӯшид ва номи «тсар»-ро гирифт. Дар Рус қабл аз ин ҳукмдорон «князи бузург» ном доштанд. Ба Ивани IV дода шудани унвони подшоҳӣ онро ба шоҳони Европаи Ғарбӣ баробар намуд. Ивани IV дар сиёсати дохилӣ мақсад дошт, ки ба воситаи пурзӯркунии табақаи дворянҳо мавқеи боярҳоро суст намояд. Аз ин сабаб ӯ соли 1549 бори аввал ҷамъомади намояндагони табақаҳои гуногуни озоди аҳолӣ – **Собори Земстворо** ҷеғ зад.

Ивани IV дар Собори Земство ҳокимияти боярҳоро сахт танқид кард. Собор оид ба маҷмӯи нави қонунҳо – **Судебник** қарор қабул кард. Мувофиқи он акнун дворянҳо барои ҷинояти содир кардаашон ё рафтори ношоямашон ба суди боярҳо дода намешуданд. Ба ҳазор нафари дворянҳо аз уезди Москва ҷою мулк дода шуд. Ба лавозими давлатӣ фақат аз насли ашрофон гузоштан низ манъ карда шуд.

Ҷамъоварии андоз аз аҳолӣ барои боярҳо бекор гардид. Дар ҷойҳо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ – **земство**ҳо сохта шуд. Мувофиқи Судебник деҳқонони крепостной дар як сол фақат 26-уми ноябр аз заминдор ба дигараш гузашта метавонистанду халос.

**Опричнина.** Бо мақсади зарба додан ба ҳокимияти боярҳо Ивани IV соли 1565 қисми калони заминҳои кишварро барои онҳо ҷудо кард. Ин заминҳо ***опричнина*** (ҷудошуда) ном гирифтанд. Опричнина лашкари худро дошт. Вай ба аслиҳаи ҷазодиҳии рақибони подошоҳ табдил ёфт. Дар кишвар даври террор, қатл ва бадарғаи бешафқат сар шуд. Аз ин боис Ивани IV лақаби **«Грозний»**-ро (бераҳм, даҳшатнок) гирифт.

Опричнина бар зидди боқимондаҳои парокандагии феодалии Россия зарбаи сахт расонд. Аммо ба хоҷагии кишвар талафоти калон овард. На танҳо боярҳо, балки даҳҳо ҳазор одамони оддӣ ҳам қурбони он шуданд.


http://eduportal.uz

Ин боиси пурзўршавии эътироз дар байни табақаҳои гуногуни ҷамъият аз опричнина гардид.

Дар ин давр ҳудуди Россия аз ҳисоби ҷангҳои истилогарона ба шарқу ҷануб васеъ шуд. Чунончи, дар нимаи дуюми асри XVI хониҳои Қазон, Аштархон (Астрахан) ва Сибир истило карда шуданд. Ҳудуди Россия қариб ду баробар васеъ шуд.

- Соли 1547 – ...
- Соли 1549 – ...
- Солҳои 1565–1572 – ...
- Дар нимаи дуюми асри XVI – ...

**«Даври ошўбҳо».** Баъди вафоти Ивани IV ба тахти писари ў Фёдор Иванович омад. Соли 1598 ў ҳам вафот кард. Вай фарзанд надошт ва вориси тахт намонд. Ҳамин тариқ, ба ҳукмронии сулолаи Рюрикҳо, ки Россияро 700 сол идора карда буд, хотима гузошта шуд. Дар чунин шароит Собори Земство Борис Годуновро подшоҳ интихоб намуд.

Баъди вафоти Борис Годунов дар таърихи Россия даври ноорому пуризтироб сар шуд. Дар муддати кўтоҳ чандин бор подшоҳ иваз шуд. Инчунин, давлатҳои хориҷӣ – Полша ва Шветсия ба корҳои дохилии Россия дахолат мекарданд. Полша ҳатто Москваро ишғол кард. Дар чунин шароити вазнин қувваҳои ватанпарвари Россия бо сарварии оқсоқоли деҳа Кузма Минин ва лашкаркаш Дмитрий Пожарский лашкари халқӣ ҷамъ карданд. Дар ҷангҳои барои Москва онҳо лашкари Полшаро мағлуб карданд ва Москва аз истилогарони хориҷӣ озод гардид. Сарфи назар аз вазъияти ногувори дохилию хориҷии Россия вай мустақилии худро нигоҳ дошт. Акнун масъалаи интихоби подшоҳи навро бояд ҳал намуд.

Дар Собори Земствои соли 1613 хеши зани Ивани IV Грозний Михаил Фёдорович Романов подшоҳ интихоб шуд. Ҳамин тариқ, ба тахти Россия сулолаи нав-сулолаи Романовҳо омад, ки мамлакатро то феврали соли 1917 идора намуд.

**Инкишофи иқтисодӣ.** Аз асри XVII дар иқтисодиёти Россия аломатҳои нав пайдо шуд. Аввалан, маҳсулот барои бозор, яъне мол бештар шуд, мануфактураҳо пайдо шунданд. Аз ин ҷараён соҳаи кишоварзӣ низ дар канор намонд. Маҳсулоти асосии озуқаворӣ – ғалла дар ҳама ҷо ба мол табдил ёфт.

http://eduportal.uz

Дар Россия аз XVII сар карда шаҳрҳо пеш рафтанд. Онҳо ба марказҳои савдою саноат табдил ёфтанд.

Пешравии ҳунармандӣ ба пешравии кишвар, вусъати алоқаҳои иқтисодии вилоятҳо, пайдо шудани бозори ягонаи дохилии умумироссия оварда расонд.

Ҳамин тавр, дар иқтисодиёти Россия гарчанде оҳиста буд, муносибатҳои нави капиталистӣ ташаккул меёфтанд.

**Барпо шудани монархияи мутлақ.** Барқарор шудани монархияи мутлақ дар Россия бо номи Пётри I вобаста аст. Ӯ соли 1689 ба тахт нишаст. Яке аз мақсадҳои асосии вай дар сиёсати хориҷӣ Россияро ба давлати дорои флоти ҳарбии баҳрии пурзӯр табдил додан буд. Ӯ ин вазифаро бомуваффақият иҷро кард.

Соли 1700 Россия барои баромадан ба баҳри Балтика бар зидди Шветсия ҷанг сар кард. Ин ҷанг дар таърих бо номи «Ҷанги шимолӣ» дохил шуд. Ҷанг соли 1721 ба ғалабаи Россия анҷом ёфт. Ҳамон сол дар шаҳри Ништадти Финляндия шартномаи сулҳи Россия ва Шветсия имзо шуд.

Бинобар он Россия ҳуқуқи баромадан ба баҳри Балтикаро гирифт. Акнун Россия ба яке аз давлатҳои қудратманди Европа табдил ёфт. Соли 1721 Пётри I император эълон шуд. Россия империя шуд ва дар кишвар монархияи мутлақ барпо гардид.

**Ташаккули миллати рус. Маданият.** Дар натиҷаи якшавии заминҳои Рус алоқаҳои маданӣ мустаҳкам шуд ва маданияти рус инкишоф меёфт. Инкишофи маданият баробари болоравии иқтисодӣ ба ташаккул ёфтани миллати рус оварда расонд. Оҳиста-оҳиста шеваҳои маҳаллӣ барҳам хӯрданд, ягонагии забонӣ ва маданӣ ба вуҷуд омад. Ягонагии мадании рус дар эҷодиёти даҳонии халқ, санъати меъморӣ, тасвирӣ ва дар адабиёт ифодаи худро ёфт. Аммо сарфи назар аз пешравии маданият қисми асосии аҳолӣ бесавод, побанди ҷаҳолат буд. Аз ин сабаб аз асри XVIII дар кишвар чандин мактабҳо кушода шуданд. Мактаби математика ва навигатсияи Москва, мактабҳои артиллерия, тиббиёт аз ҷумлаи онҳо буданд. Ғайр аз Москва дар дигар ҳудудҳо низ мактабу омӯзишгоҳҳо ташкил шуданд.

Дар ин давр дар Петербург Академияи фанҳо, баъдтар дар назди он гимназия ва донишгоҳ ташкил ёфтанд. Соли 1755 бо ташаббуси олими бузурги рус М.В.Ломоносов университети (донишгоҳи) Москва ташкил шуд. Муваффақиятҳои илми Россия дар ин давр бо фаъолияти донишгоҳи Москва ва М.В. Ломоносов вобаста буданд.

http://eduportal.uz




**Империяи Россия дар нимаи дуюми асри XVIII**

Он солҳо илми географии рус ба комёбиҳои калон ноил шуд. Дар байни Осиё ва Америка гулӯгоҳи Беринг кашф шуд, экспедитсияи Лаптевҳо Уқёнуси яхбастаи шимолиро аз Мурманск то Чукотка омӯхт.

С.И. Челюскин кунҷи шимолии Осиёро кашф кард. Ҳоло ин ҷо димоғаи Челюскин номида шудааст.

Дар ин давр дар бобати инкишофи техника низ комёбиҳо ба даст омад. И.И. Ползунов, И.П. Кулибин барин олимон чандин ихтироъҳои техникиро ба амал баровbooth.

Мошинҳое, ки олимон ва ихтироъгарони Россия кашф карданд, дар қатори аввали муваффақиятҳои илму техникаи ҷаҳон меистоданд. Аммо дар Россияи ақибмондаи крепостнойӣ ин мошинҳо кор фармуда намешуданд.

**Опричнина** сиёсати пахши душманҳои ҳокимияти подшоҳ ба воситаи зӯрӣ ва террор буд.

**Соли 1612 дар** ҷангҳо барои Москва лашкари Полша шикаст хӯрд.

http://eduportal.uz

**Соли 1755** бо ташаббуси олими бузурги рус М.В. Ломоносов Донишгоҳи Москва ташкил ёфт.

Дар асрҳои XVI–XVIII адабиёти рус низ роҳи инкишофро тай кард. Дар ин давр шоирон ва нависандагон аз ҷумлаи **Г.Д. Державин, Д.И. Фонфизин** дар ташаккули адабиёти замонавии рус ҳиссаи калон гузоштанд. Масалнависи машҳур **И.А. Крилов** ҳам дар ин давр ба эҷод сар карда буд.

Аз замони Пётри I сар карда дар Петербург ва Москва корҳои бузурги сохтмон сурат гирифт. Дар он солҳо дар меъмории рус омехта шудани анъанаҳои меъмории Европа ва миллии рус ба вуҷуд омад.

Театри миллии рус ташаккул ёфт. Асосгузори он савдогар **Ф.Г. Волков** дар тарбияи як насли актёрони рус хизмати бузург кард.

***Дар асрҳои XVI–XVIII дар таърихи Россия даври муҳим шуд. Дар ин давр Россия ҳамчун империя ташкил ёфт, ҳудуди он ду баробар афзуда, ба давлати калонтарин ва аз нигоҳи ҳарбӣ қудратманд табдил ёфт. Аммо ба туфайли муносибатҳои ақибмондаи иҷтимоӣ Россия дар тараққиёти иқтисодӣ ва маданӣ аз Европа ақиб монда буд.***

**Думаи боярӣ** – Шӯрои олии давлатии аввал князҳо, баъд дар ҳузури подшоҳ дар давлати Рус.

**Судебник** – маҷмӯи қонунҳо.

?!

*1. Ба давлати мутамарказ табдилёбии Рус кай сар шуд ва аҳамияти таърихии он аз чиҳо иборат аст?*
*2. Дар Россия чӣ гуна сохти идоракунӣ барпо шуд?*
*3. Опричнинае, ки Ивани IV Грозний ҷорӣ карда буд, чӣ буду чӣ мақсад дошт?*
*4. Дар Россия ҳукмронии сулолаи Романовҳо чӣ гуна барқарор шуд?*

Рӯйхати корҳои муҳимтаринеро, ки шоҳони Англия, Франсия ва подшоҳи Россия дар сиёсати худ амалӣ намуданд, дар дафтаратон нависед.

Аз интернет истифода бурда, ба *империяи Россияи асрҳои XVI–XVIII* сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед ва дар асоси маводҳои азбаршуда воқеаҳои таърихиро дар шакли хронология оваред.

http://eduportal.uz

# Мавзўи 11-ум: АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ ДАР АСРИ XVIII. ТАШКИЛЁБИИ ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА

**Мустамликаҳои англис дар Америкаи Шимолӣ.** Баъди кашфиётҳои бузурги географӣгарчанде Испания ва Португалия дар Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ мустамликаҳо ташкил карданд, Америкаи Шимолӣ асосан таҳти истилои Англия ва Франсия буд.

**Соли 1607** якумин манзилгоҳи Англия дар Виржиния-Ҷеймстаун ташкил ёфт. Сафи мустамликадорони англис сол то сол меафзуд. Ба ин ҷо ҷамоаҳои пуританҳо, деҳқонони аз заминҳояшон маҳрумгашта, ҳазорон ҷавонон кўчида омаданд. Инчунин ҷиноятгарони коршоям низ аз тарафи ҳукумат ба мустамликаҳо бадарға мешуданд.

Дар асрҳои миёна кадом халқҳои Америка давлати худро ташкил карда буданд?

Муносибати байни мустамликадорон ва ҳиндуён хеле мураккаб буд. Ҳиндуён аз технологияи нав ва савдо фоида медиданд, лекин англисҳо бо худ бемориҳо оварданд, чашмгуруснагии онҳо ба тарзи зисти анъанавии онҳо зарари ҷиддӣ мерасонд.

Дар мустамликаҳо хоҷагиҳои хурди фермерӣ вусъат ёфтанд. Бо мурури замон саноати вобаста ба кишоварзӣ низ пеш рафт. Дар нимаи дуюми асри XVII мануфактураҳои нахустин пайдо шуданд. Дар баробари инкишофи муносибатҳои капиталистӣ дар кишвар ғуломдории плантатсияҳои америкоӣ боқӣ монда буд.

Аз асри XVII сар карда аз Африка ғуломони сиёҳпўст оварда мешуданд.

**Ташаккули миллати замонавӣ.** Баъди инқилоби буржуазии Англия дар мустамликаҳои америкоӣ низ усулҳои идоракунӣ ва тарзи зисти буржуазӣ ташаккул меёфтанд. Дар миёнаҳои асри XVIII дар мустамликаҳо бозори ягонаи дохилӣ пайдо шуда, алоқаҳои савдо пеш рафтанд.

- Аз нимаи дуюми асри XVII ...
- Аз асри XVII сар карда, ...

http://eduportal.uz

Дар асоси таҷрибаи таърихии бо ҳам зистан дар Америка тақдири ягонаи таърихии муҳоҷирон ба вуҷуд омад. Забони англисӣ барои онҳо забони умумӣ гардид. Расму оин, тарзи зист ҳам якранг шуда мерафт.

Дар миёнаҳои асри XVIII аксарияти аҳолии Америка худро америкоӣ мегуфтагӣ шуданд. Дар айни вақт ҷараёни ташаккули маданияти ба худ хоси миллӣ низ рӯй дод. Ҳамин тариқ, миллати **америка** ташаккул ёфт.

**Сабабҳои ҷанг барои мустақилӣ.** Шоҳи Британияи Кабир, ашрофон ва тадбиркорон барои зиёд кардани фоида аз мустамликаҳо ҳаракат менамуданд. Онҳо аз мустамликаҳо ашёи хоми қиматбаҳо, чарм ва пахта мебурданд, ба мустамликаҳо маҳсулоти тайёр меоварданд, андоз ва хироҷҳоро ғун менамуданд. Парламенти Британияи Кабир барои тадбиркорони Америка ҳар гуна манъу маҳдудкуниҳо ҷорӣ кард. Баромадҳои аввалини эътирозии америкоиҳо ҳам бар зидди ҳамин манъу маҳдудкуниҳо нигаронида шуда буд.

**Оғози ҷанг.** Моҳи сентябри соли 1774 дар Филаделфия Конгресси аввалини қитъа баргузор шуд. Конгресс ҳоло барои ба миёнгузории масъалаи ҷудошавӣ аз Британияи Кабир ҷуръат накард, лекин сиёсати онро маҳкум намуд. Конгресс барои идоракунии иқтисодиёт ташкилоти «Иттиҳодияи Континентал»-ро ташкил кард. Ин ташкилоти тарафдори мустақилӣ дар байни ҷамъият кайфияти инқилобиро боло бурд. Бо лашкари англисҳо аввалин задухӯрди мусаллаҳона ба амал омад.

Муборизони роҳи истиқлол бо ғояи дар Америка таъсис додани республика баромаданд. Моҳи маи соли 1775 дар Конгресси дуюми қитъа оид ба оғоз кардани ҷанг баҳри мустақилӣ қарор қабул шуд.

Полковники виржиниягӣ **Ҷорҷ Вашингтон** сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи Америка таъин шуд. Кайфияти республикахоҳон табақаҳои гуногуни аҳолиро фаро гирифт.

**Декларатсияи (Баёнияи) мустақилӣ.** Моҳи маи соли 1776 қарор дар бораи мустақилӣ аз Британияи Кабир қабул шуд. Барои таҳияи баёноти расмӣ таҳти сарварии Томас Ҷефферсони виржиниягӣ комиссия ташкил карда шуд.

Баёнияи мустақилӣ, ки 4-уми июли соли 1776 қабул шуд ва асосан маҳсулоти заковати Т. Ҷефферсон буд, дар дунё аз ташкилёбии давлат нав ва ҷаҳонбинии оид ба озодии инсонро, ки ба қувваи пешбаранда табдил ёфта буд, дарак дод.



**Эълон шудани мустақилии ШМА**

**Соли 1607** якумин мустамликаи Англия дар Америкаи Шимолӣ дар Ҷеймстаун ташкил ёфт.

**Сентябри соли 1774** дар Филаделфия Конгресси аввалини қитъа даъват шуд.

**4-уми июли соли 1776** Баёнияи мустақилии ШМА қабул шуд.

Дар баёния қайд шудааст: ***«Мо, намояндагони Штатҳои Муттаҳидаи Америка, аз номи халқ ва ваколати он эълон мекунем, ки ин мустамликаҳои муттаҳид аслан, дар бобати ҳаққу ҳуқуқ озод ва штатҳои мустақил бояд бошанд. Аз ин дақиқа эътиборан, онҳо аз ҳар гуна мансубият ба тахти Британия озод карда мешаванд».***

Дар Баёнияи мустақилӣ ҳамчун асоси сохтмони давлатӣ принсипи соҳибихтиёрии халқ эълон шуд, ҳуқуқи халқ барои исёни зидди золимон, зистан, озод будан, баробарӣ эътироф гардид. Ҳар **сол 4-уми июл** дар ШМА **Рӯзи мустақилӣ** ҷашн гирифта мешавад.

**Характер ва хусусиятҳои инқилоби Америка.** Ҷанг барои мустақилӣ дар Америкаи Шимолӣ дар айни вақт инқилоби буржуазӣ ҳам буда, вай ду муаммо: ноил шудан ба мустақилии миллӣ ва дар Америка барқарор кардани муносибатҳои капиталистиро ҳал бояд мекард.

Хусусияти асосии инқилоб иборат аз он буд, ки он дар шакли ҷанги миллию озодихоҳӣ гузашт. Дар даври ҷанг якчанд тағйироти демократӣ ба амал омад.

**Ҷараёни ҳаракатҳои ҷангӣ.** Британияи Кабир мустақилии Америкаро якбора тан нагирифт, бар зидди тарафдорони истиқлол муборизаи қатъӣ бурд. Ҳаракатҳои ҳарбӣ асосан дар шимоли кишвар ба амал омад. Дар даври инқилоб армияи республикачиён мушкилиҳоро аз сар гузаронд. Аскарон ба кори ҳарбӣ омода набуданд, аслиҳа, тир, озуқаворӣ намерасиданд.

Дар чунин шароит Франсия ба Америка бо яроқ ёрӣ расонд. Байни Америка ва Франсия «Шартномаи дӯстӣ ва тиҷоратӣ» ба имзо расид. Иттифоқи Франсия – Америка натиҷаҳои хуб дод. **Соли 1782** қисми асосии лашкари англис таслим шуд. Пас аз он ҳукумати Британияи Кабир барои музокираи сулҳ дар Париж розӣ шуд. Дар музокираҳо аз тарафи Америка Бенжамин Франклин, Ҷон Адамс ва Жон Жей иштирок карданд.

**Соли 1783** байни Британия ва собиқ мустамликаҳои он дар Америка сулҳи **Париж имзо** шуд. Мувофиқи сулҳ Британияи Кабир ташкили Штатҳои Муттаҳидаи Америка, мустақилӣ, озодӣ ва соҳибихтиёрии онро эътироф кард.

Ҷанг поён ёфт. Акнун дар пеш вазифаи муттаҳид кардани давлат, беҳтаркунии аҳволи иқтисодӣ меистод.

**Конститутсияи соли 1787.** Бомуваффақият анҷом ёфтани инқилоб ба америкоиҳо барои дар конститутсия ифода кардани орзую умедҳо ва ғояҳое, ки дар Баёнияи мустақилӣ зикр шуда буданд, имконият дод. Қариб ҳамаи штатҳо конститутсияи худро доштанд.

Аммо дар кишвар муаммои дар асоси як қонун як кардани штатҳо, идора кардан, сохти ягонаи иқтисодиро ташкил додан мавҷуд буд. Барои ҳалли онҳо дар моҳи маи соли 1787 дар ҷамъомади Конвенти Федералӣ, ки дар Филаделфия кор сар кард, намояндагони интихобшуда аз штатҳо, арбобҳо гирди ҳам омаданд. Дар байни онҳо Ҷорҷ Вашингтон, Жейм Уилсон, Бенжамин Франклин, Жеймс Медисон, Александр Гамилтон барин шахсони машҳур-«Падарони Америка» буданд.




**ШМА дар солҳои 70-уми асри XIX**

- Соли 1783 ...
- Моҳи маи соли 1787 ...
- Фаъолияти Б. Франклин, Ж. Адамс ва Ж. Жей – ...

Фикру мулоҳиза, баҳс тӯл кашид. Баҳс хусусан дар атрофи масъалаи мақоми Конгресс, ҳукумати федералӣ ва Суди олӣ, муносибатҳои байни ҳокимияти марказӣ ва штатҳо сурат гирифт.

Дар натиҷа, 17-уми сентябри **соли 1787 Конститутсияи ШМА** қабул шуд.

Конститутсия дар ШМА сохти республикаро барпо кард. Барои идоракунии ҳокимияти иҷроия лавозими президенти ШМА ҷорӣ шуд, ки вай барои 4 сол интихоб шуда, ваколати васеъ дошт. Дар интихоботи **соли 1789 Ҷорҷ Вашинтон** президенти нахустини ШМА интихоб шуд.

http://eduportal.uz

***Дар натиҷаи инқилоб ШМА ба давлати мустақил табдил ёфт, сохти республика барпо шуд, ҳамаи мамониатҳо дар роҳи пешрафти савдо ва саноат бартараф шуд, ба ташаббуси шахсӣ ва фаъолият, тадбиркорӣ роҳи васеъ боз гардид. Аммо дар штатҳои ҷанубӣ плантатсияҳои ғуломдорӣ монда буд.***

***Баёнияи Мустақилӣ ва Конститутсияи ШМА ба тафаккури пешқадами Европа таъсири калон расонд, ғояҳои онҳо характери ғояҳои умумиинсонӣ дошта, ба мазмуни мубоиризаи бисёр халқҳо табдил ёфтанд.***

**Декларатсия** – ҳуҷҷате, ки дар он қоидаҳои муҳим эълон шудааст.

**Ҳукумати федералӣ** – органи идоракунии марказии давлати федеративӣ.

**Конвенти федералӣ** – иттиҳодияи континенталӣ, иттиҳодияи қитъа, ташкилоти умумиқитъавӣ.

**Федерал** – мафҳум оид ба ҳамаи субъектҳое, ки ба таркиби федератсия (иттифоқ) даромадаанд.

?!

1. *Сиёсати мустамликадории Англия дар Америкаи Шимолӣ чӣ хел татбиқ шуд?*
2. *Омилҳое, ки ба ташаккули миллати америка оварданд, чиҳоянд?*
3. *Сулҳи Париж кай имзо шуд ва моҳияти он аз чӣ иборат аст?*
4. *Ҷиҳатҳои ба худ хоси Конститутсияи ШМА аз чиҳо иборатанд?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Маълумотҳо оид ба Томас Ҷефферсон, Ҷорҷ Вашингтонро ёбед ва ба фаъолияти шахсони таърихӣ баҳо диҳед.

Аз харита истифода бурда, сохти маъмурию ҳудудии ШМА-ро дар дафтаратон қайд кунед.

## Мавзӯи 12-ум: АСРИ МАЪРИФАТ

**Ғояҳои иҷтимоию сиёсӣ.** Асри XVIII дар таърихи Европа бо номи «Асри маърифат» даромадааст. Илму фане, ки пештар ҳамчун мулки олимон дар доираи танг мемонд, акнун берун аз университетҳо баромада, ба аҳли ҷамъият паҳн мешуд.

Адибон, рассомон, файласуфони кайфияти пешқадам дошта, ҳолатҳои азият дидани инсон, маҳдудшавии қобилият ва поймолкунии қадри

http://eduportal.uz



**Волтер**



**Шарл Монтескё**

онро дида, сахт танқид мекарданд. Онҳо таълимоти калисо ва умуман динро ҳам танқид менамуданд, ба абсолютизм ва ҳамаи тартиботи феодалӣ зид баромаданд, бар зидди ҳамаи иллатҳои умраш ба охиррасидаи тарзи зисти феодалӣ мубориза бурданд.

Маърифатпарварони асри XVIII бо дарки бовариашон ба қудрату имконияти бепоёни инсон, зарурияти саросар маърифатнок намудан аз дигарон фарқ мекарданд. Аз ин сабаб маърифатпарварӣ ҳаракати бузурги давр буд.

Иштирокчиёни ин ҳаракат дар таърих номи **«маърифатпарварон»**-ро гирифтанд. **Волтер, Шарл Монтескё, Жан Жак Руссо, Дени Дидрои** франсуз ва маърифатпарвари англис **Адам Смит** алломаҳои машҳуртарин буданд.

Маърифатпарварон ба қудрати офарандагии шуури инсон сахт боварӣ намуда, нисбат ба усулҳои инқилобии муборизаи зидди тартиботи феодалӣ муносибати худро баён карданд. Онҳо фикр мекарданд, ки инкишофи маърифат худаш ба тағйироти тартиботи мавҷуда оварданаш мумкин.

Маърифатпарварон ба таври муқобил ба назарияҳо ва ғояҳои кӯҳна ғояҳои нави барои он давр инқилобиро пешниҳод мекарданд.

Боварии комил ба имкониятҳои илм дар бобати муносиб зиндагӣ кардани инсон ва фароҳам овардани шароити меҳнат ғояи асосии Асри маърифат буд. Аз ин сабаб суханони «Илм ва тараққиёт» ба шиори маърифатпарварон табдил ёфт. Боварии бузург ба қудрати офарандагии инсон маърифатпарваронро ҳамеша илҳом мебахшид.

**Адабиёти бадеии Асри маърифат.** Асри маърифат яке аз марҳилаҳои асосӣ дар таърихи маданияти Европа буда, бо инкишофи илм, фалсафа ва афкори иҷтимоӣ вобаст аст. Асоси Асри маърифатро озодфикрӣ ташкил медиҳад.

Қаҳрамони дӯстдоштаи бачагон Робинзон Крузо дар Асри маърифат ба дунё омад. Адиби англис **Даниэл Дефо** (1660–1731) қаҳрамони худро

http://eduportal.uz

кордон, меҳнатдӯст, ба қувваи худ бовардошта карда офаридааст. Робинзон дар ҷазираи беодам ғайрат ва якравӣ карда, хона, чизҳои рӯзгор, мебел месозад, ҳайвонҳоро хонагӣ мекунад. Романи «Ҳаёт ва саргузаштҳои ғароиби Робинзон Крузо» мадҳияи меҳнат, фикри аниқи инсонӣ, кӯшиш ва ҷасорат шуда монд.

Рӯҳонии деҳот, баъдтар раҳбари ибодатхонаи Дублини Ирландия **Жонатан Свифт** (1667–1745) ғояҳои бисёр аҷиби маърифатпарварон одамонро дигар накарданашро, ҷамъияти буржуазӣ ҳам мисли ҷамъияти феодалӣ аз мукаммалӣ хеле дур буданашро дар романаш «Саргузаштҳои Гулливер» фош менамояд.

Қаҳрамони Свифт Гулливер бо Робинзон ҳамзамон, одамони Асри маърифатанд, лекин нигоҳҳои Гулливер хеле чуқур аст. Эҳтимол аз ин сабаб сайёҳатҳои вай ба кишварҳои дурдаст мароқангез ба итмом мерасанд.

Аммо мақсади Свифт на табиати инсонро беparво мушоҳида кардан, балки нисбати инсонҳо дилсӯзӣ зоҳир кардан, барои аз инсонгарӣ дур, ёбоӣ нашуданашон кӯмак расонидан аст. Ба гуфти Свифт «Инсон аз он дараҷае, ки шумо фикр мекунед, ақлноктар аст». Ин гуфтаи вай Асри маърифатро бо нури безавол равшан менамояд.

Даъвати вай оид ба нигоҳ доштани инсонгарӣ дар ҳолатҳои вазнин имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст.

Шоири бузурги немис **Иоганн Волфганг Гёте** (1749–1832) қаҳрамони аз пайи қаҳрамони ифодагари асри шуур ва равшанӣ дар бораи доктор Фауст афсонаи қадими немисиро аз нав навишт. Барои офаридани ин драмаи фалсафӣ вай 60 сол сарф кард, дар асар баробари таъкиди мубориза барои ғоя муборизаи бузургтарин аст, моҳияти Асри маърифатро кушода медиҳад.



**Ж.Ж. Руссо**



**Д. Дефо**



**Ж. Свифт**



И.В. Гёте

Фаусти пиронсол ҳақиқати абадиро дарк мекунад:

*Бозгашта раҳи дури ҳаётам, охир*
*Дарёфтаам ҳақиқати ин олам.*
*Ҳам баҳри ҳаёти хушу ҳам озодӣ*
*Бояст мубориза барад ҳар одам.*

**Санъати тасвирӣ.** Дар нимаи якуми асри XVIII дар санъати тасвирии Европа ҳанӯз ҳам нишонаҳои санъати дарборӣ авҷ гирифта буд. Дар ин давр «мусаввири аввалинмақоми шоҳ», устоди бузурги саҳнаҳои афсонавӣ **Франсуа Буше** (1703–1770) буд. Суратҳои вай аз ҳаёти реалӣ (воқеӣ) хеле дур буданд, аммо дар қасрҳои аристократҳо зинати аҷоиб мебахшиданд.



«Бепарво»

Боз як рассом **Антуан Ватто** (1685–1781) буд, суратҳои ӯ боз ҳам маънои чуқур доштанд. Асарҳои кашидаи вай ҳиссу орзуҳои хеле нозукро, кайфияти пинҳон аз чашми қаҳрамононро ифода менамуд. Асарҳои «Таклифи мушкил», «Бепарво» аз байни асарҳои Ватто хеле машҳуранд.

**Мусиқа.** Оҳангсози немис **Иоганн Себастян Бах** (1685–1750) дар замони зиндагиаш чандон машҳур набуд. Асарҳои ӯ барои одамон хеле ҷиддӣ менамуд. Калисо барои аз Худо тарсидан оҳангҳои вай кофӣ нест гуфта, ӯро қабул намекард. Ҳатто писари Бах низ эҷоди падарашро ноумедона, кӯҳна меҳисобид. Қисми зиёди дастнависҳои ба онҳо меросмонда сӯхта мешаванд.



И.С. Бах

Асари бузурги Бах барои хор, солистон ва оркестр бо номи «Мусибати бузурги Матто баённамуда» азобу уқубат, ҳиссу ҳаяҷони Исои Маҳесро дар асоси ҳикояҳои шогирдаш Матто ифода кардааст. Бах бар асоси афсонаи Инҷил қаҳрамони худро, ки барои наҷот додани инсонҳо худро қурбон мекунад, ҳамчун драмаи халқӣ талқин баён менамояд.

**Волфганг Амадей Мотсарт (1756–1791)** боз як шахсе буд, ки ба санъати мусиқии Асри маърифат ҳиссаи бузург гузоштааст. Ӯ дар шаҳраки зебои Австрияи қадим ба дунё омад.



**В.А. Мотсарт**

Ҳамзамонон Мотсартро мӯъҷизаи ҳаққонии асри худ медонистанд. Зиндагии вай хеле кӯтоҳ, дар қашшоқӣ, хӯрӣ ва танҳо гузашта бошад ҳам, аммо дар он сурур ва муҳаббати бузург, бахт ва ҳаракат ба сӯи эҷод болотар меистод.

Ӯ аз 3-солагӣ мусиқаро омӯхт, дар 4-солагӣ нахустин консертро навишт, дар 12-солагиаш нахустнамоиши операи вай дар театри Милан ба саҳна гузошта шуд, Мотсарт дар 14-солагиаш академики академияи бонуфузи мусиқии Италия гарид. Ӯ даҳ соли охири умрашро дар Вена гузаронд. Операи «Хонадоршавии Фигаро» оҳангсозро хеле машҳур намуд. Оҳангҳои ин опера дар ҳама ҷо: кӯчаву майдонҳо, ошхонаҳо садо медоданд, ҳатто мусиқорони кӯчагӣ низ онро иҷро мекарданд.

Асари охирини оҳангсоз «Реквийем» (*requet*-оҳанги мотам, ором) дар калисоҳо ба хотираи марҳумон иҷро карда мешуданд. Он асарест дар бораи ҳаёт ва мамот, қисмати инсон дар ин дунё. То иҷрои аввалини асар умр ба Мотсарт вафо накард.

**Людвиг ван Бетховен (1770–1827)** худро шогирди оҳангсози бузург Мотсарт мешуморид. Вай аз 22-солагӣ дар Вена зист. Бетховен дар оқибати бемории вазнин азият кашида, гӯшаш намешунид, Бетховен таслим нашуд. Вай барзидди беморӣ мубориза бурда, асарҳои аз якдигар зебо офарид ва одамонро ба ҳайрат гузошт.



**Л.В. Бетховен**

«Соната дар роҳи фантазия» асари оҳангсоз дар бораи муҳаббати бадбахт мебошад. Симфонияи «Қаҳрамонона»-и ӯ бо рӯҳи воқеаҳои инқилобие, ки дар охири асри XVIII дар Франсия рӯй доданд, ҳамоҳанг аст.

Симфония аввал ба Бонопарт бахшида шуд. Баъди он ки Наполеон худро император эълон кард, Бетховен номи онро дигар карда, «Қаҳрамонона» номид.

Образи исёнгари саркаш, қиёфаи инсони ба зарбаҳои қисмат пуртоқат ва матин дар маркази симфония намоён мешавад.

Бетховен то охири умраш бахшида ба шуур, тантана ва ғалабаи қувваҳои некро асар навиштанро орзу карда буд.

***Асри XVIII ба таърих ҳамчун Асри маърифат, ки он бар зидди асосҳои ҷамъияти табақавии Европа, ҳокимияти абсолютии монархҳо бо даъвати маънавӣ баромадааст, дохил шуд. Ғояҳои маърифатпарварӣ шуури инсонҳоро забт намуда, ба қувваи моддӣ табдил ёфта, қиёфаи тамаддуни Европаро тағйир дод.***

***Ғояҳои маърифатпарварӣ дар солҳои ҷанг барои мустақилӣ дар Америкаи Шимолӣ, дар замони инқилоби бузурги франсуз характери оммавӣ касб намуд. Аксар ғояҳои даври маърифат дар асри XIX, хусусан дар асри XX ба асоси амалиёти сиёсии кишварҳои демократӣ, нормаҳои ҳуқуқӣ табдил ёфта, дар байни табақаҳои васеи ҷамъият эътироф шуданд.***

***Ғояҳои аз қабили озодӣ ва баробарии инсон, ки дар Асри маърифат ташаккул ёфтанд, дар асрҳои минбаъда дар байни аҳолии Осиё ва Африка паҳн шуда, мазмуни муборизаи ин халқҳоро ташкил карданд.***

?!

*1. Ғояҳои иҷтимоию сиёсии Асри маърифат бо номи кадом мутафаккирон вобаста буданд?*
*2. Кадом намояндагони адабиёти бадеии Асри маърифатро ва кадом ғояҳои асосии онҳоро медонед?*
*3. Аз намояндагони санъати тасвирии даври маърифатпарварӣ киҳоро медонед ва асарҳои онҳо чӣ фарқ доранд?*
*4. Асри маърифат ба дунёи санъати мусиқӣ кадом оҳангсозони машҳурро дод?*

Романи «Саргузаштҳои Гулливер»-и Ж. Свифтро аз китобхона гирифта хонед ва таассуротатонро дар дафтаратон нависед.

Аз интернет истифода бурда, симфонияи «Реквийем»-и Мотсарт ва «Қаҳрамонона»-и Бетховенро шунавед ва дар асоси онҳо эссеи «Сеҳри мусиқа»-ро нависед.

Филми «Мотсарт»-ро бинед ва хулоса бароред.

http://eduportal.uz



# БОБИ III. КИШВАРҲОИ ОСИЁ ВА АМЕРИКА ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

## Мавзўи 13-ум: ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ КИШВАРҲОИ ОСИЁ ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

Дар фанни таърихи Европа шакли тараққиёти шарқонаро «тамаддуни анъанавӣ», «ҷамъияти анъанавӣ» мегўянд. Ба он аксарият тарзи зисти хоксорона, сабру тоқати динӣ, шакли ба худ хоси заминдорӣ, аз тарафи давлат ба тартиб андохтани ҳаёти одамон ҳамчун нишонаҳои асосӣ мансуб медонанд.

Тамаддунҳои қадим дар кадом ҳудудҳо пайдо шудаанд?

**Самтҳои асосии тараққиёт.** Дар кишварҳои Осиё Даври нав бо мустамлика шудани онҳо вобаста аст. Дар асрҳои миёна кишварҳои Шарқ



http://eduportal.uz

ба туфайли инъоми табиат афзалиятҳои географӣ ва таърихии худро намоиш доданд. Ба тақсимоти инкишофёфтаи иҷтимоии меҳнат, ба дараҷаи хеле баланди тараққиёти маданӣ, ба ташаккули сохти динию ахлоқӣ, ки зинаи болои пешрафти маънавӣ инъикос мекард, расида буд. Бартарии Шарқ аз Ғарб хусусан дар имкониятҳои маънавии бо мурури асрҳо ҷамъшуда, қувваи интеллектуалӣ, ки ба таҷрибаю донишҳо такя менамояд, бараъло намоён гардид.

Дар ин давр инноватсияҳои техникӣ, технологӣ, ташкилӣ ва маданӣ васеъ паҳн шуда, аксари онҳо пас аз 300–500, ҳатто 1000 сол дар Европа пайдо шуданд, қисман аз Шарқ омӯхтанд. Суръати афзоиши аҳолӣ низ аз баланд будани имкониятҳои иқтисодӣ далолат медоданд.

*Аммо дар ибтидои Даври нав дар тараққиёти кишварҳои Шарқ нисбат ба Ғарб ақибмонии ҷиддӣ сар шуд. Сабабҳои асосии онҳо зеринанд:*

*– дар давлатҳои Шарқ хароҷоти ҳарбӣ нисбат ба давлатҳои Ғарб хеле зиёд буд;*

*– аз асрҳои XVI–XVII сар карда дар кишварҳои Шарқ суръати инкишофи воситаҳои нақлиёт (сохтмони киштиҳо, бандарҳо, каналҳо) ва коммуникатсия (чопи китоб, сатҳи савод) нисбат ба кишварҳои Ғарб паст буд;*

*– аз охирҳои Асрҳои миёна дар кишварҳои Шарқ ба усулияти танҳоӣ ё «дарҳои пӯшида» асос намуда, сиёсати фаъоли хориҷӣ бурда нашуд;*

*– дар арафаи дохил шудани мустамликадорони европоӣ дар аксар кишварҳои Шарқ ба ҷои инкишофи сарватҳои моддӣ, иҷтимоию маънавӣ, ки таърихан офарида шуда буданд, дар натиҷаи истифодаи экстенсивии тӯлонии ресурсҳои табиӣ бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ба назар мерасид.*

Экспансия ва мустамликадории Европа ба сохтори иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳои Шарқ таъсири хеле зиддиятнок расонд. «Мулоқоти» байни тамаддунҳо боиси бисёр маҳрумиятҳо дар байни одамон шуд. Дар аксар ҳолатҳо мустамликадорӣ аз тороҷгарии бузургмиқёс иборат шуда монд.

Аммо дар миёнаҳои асри XVII афзалияти Ғарб нисбат ба Шарқ фақат зоҳиран буд, дар ин давр Шарқ дар кори ҳарбӣ, офаридани неъматҳои моддӣ аз Европа хеле пеш рафта буд. Аммо як хел набуд. Дар Шарқ якчанд намуди тамаддунҳоро дидан мумкин буд.

**Тамаддуни Хитою конфутсиягӣ** дар асри XVI тамаддуни аҳолиаш аз ҳамма бисёр ва қисми бойи дунё ба шумор мерафт. Тарзи зисти хоксо-

ронаи одамон, сабру тоқати динӣ, шакли ба худ хоси заминдорӣ, аз тарафи давлат ба тартиб андохтани ҳаёти одамон ҳамчун нишонаҳои асосӣ мансуб медонанд.

**Тамаддуни Япония** тамоман характери дигар дорад. Вай аз Хитой бисёр навигариҳоро: алифборо, қисми зиёди маданияти моддиро гирифта буд.

Аз ин сабаб тамаддуни Японияро як соҳаи тамаддуни Хитой ҳам мегӯянд. Аммо дар тафовут аз Хитой дар ҷамъияти япон шахс ва ҳуқуқи интихоби роҳи ҳаёт рад намешавад.

Дар таркиби аҳолии Япония чун дар ҷамъияти дворянҳои Европа ритсарҳои олиҳиммат (самурайҳо) ва князҳо мавҷуд буданд, ки ин ҳолат




**Минтақаҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ**



http://eduportal.uz

дар дигар кишварҳои Шарқ набуд. Дараҷаи баланди инкишоф аз хусусиятҳои ноёби ин тамаддун дарак медод. Фақат режими Токугава тартиботи хитоиро ҷорӣ карду инкишофи ҷамъияти япон суст шуд, онро аз робитаҳои фаъоли байналмилалӣ канда намуд.

**Тамаддуни ҳинд** ба Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи ҷанубу шарқӣ паҳн шуд. Ҷиҳати ба худ хоси ин тамаддун аз он иборат буд, ки дар ҷамъияти ҳинд ҳолати иҷтимоии одамон аз омили таваллуд, яъне аз мақоми волидайнаш дар ҷамъият вобаста буд. Одамон ба каста (табақа)-ҳо ҷудо шуда, мавқеи инсон дар ҷамъият бо кастаи вай муайян карда мешуд.

Ҷиҳатҳои ба худ хоси **тамаддуни ислом** аз ин иборат буд, ки дини ислом, ки асоси онро ташкил медод, на фақат ба ҷаҳонбинии мусулмонҳо, балки тарзи зисти онҳоро муқаррар менамуд. Дини ислом ҳамаи мусулмонҳоро баробар дониста, дар байни бисёр халқҳо паҳн шуд.

**Аз асрҳои XVI–XVII** сар карда дар кишварҳои Шарқ суръати инкишофи сохтори воситаҳои нақлиёт ва коммуникатсия нисбат ба кишварҳои Ғарб паст буд.

Дар Шарқ бӯҳрони сохти асримиёнагӣ, аввало, дар вайрон шудани заминдории давлат, сустии ҳокимияти марказӣ ва низоми андоз намоён шуд. Дар кишварҳои Шарқ сохти феодалии чандин асрҳои инкишофёфта якчанд ҷиҳатҳои хос дошт. Ба ин ҷиҳатҳо баланд будани роли давлат дар ҷамъият ва боқӣ мондани муносибатҳои хешу таборӣ ва ғуломдорӣ, паст будани роли шаҳрҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷамъиятро дохил кардан мумкин.

Дар асрҳои XVII–XVIII дар муносибатҳои байни халқҳои Европа ва Осиё тағйироти чуқур рӯй доданд. Пештар дараҷаи инкишофи техникаи ҳарбӣ, ҳунармандӣ ва савдо ба якдигар наздик буд. Аммо дар даври минбаъда барои европоиҳо хеле қулай омад. Халқҳои Осиё бошанд, аз зулми империяҳо озод шуда, ҳар дафъа анъанаҳоро аз нав зинда намуда, барои барқарор кардани тарзи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии то даври истило кӯшиш менамуданд. Ин тартибот барои ашрофон ва аҳолии маҳаллӣ нисбат ба тартиботи ҷорикардаи истилогарон беҳтар, боадолаттар менамуд. Ба мантиқи бозгашт ба ҳаёти кӯҳна ҳам дар Хитой, ҳам дар Ҳиндустон, ҳам дар аксар кишварҳои исломӣ қатъӣ амал мекарданд.

http://eduportal.uz

- Тамаддуни Хитою конфутсиягӣ – ин ...
- Тамаддуни Япония – ин ...
- Тамаддуни ҳинд – ин ...
- Тамаддуни ислом – ин...

***Дар даври нав низ идеал намудани тартиботи анъанавии ташаккулёфта, ҳама одаткарда ҷиҳати муҳими тамаддуни Шарқ шуда монданд. Айнан ҳамин ҷиҳат агар аз як тараф барои ҳифзи асосҳои тамаддунро дар шароити истилои беруна имкон дода бошад, аз дигар тараф суръати инкишофи онро суст намуд, барои татбиқи навигариҳои илму техника, ҷорӣ кардани усулҳои нави ташкили ҳаёти иҷтимоӣ ва истеҳсолот монеъгӣ кард.***

**Экстенсив** – афзоише, ки на дигаргуниҳои сифатии пешрафт, балки ба пешравии шумора ва ба натиҷаҳои фаврӣ (зуд) нигаронида шудааст.

?!

*1. Ҷиҳатҳои ба худ хоси тамаддуни Хитою конфутсиягӣ аз чиҳо иборат аст?*
*2. Ҷиҳатҳои ба худ хоси тамаддуни Япония аз чиҳо иборат аст?*
*3. Фарқияти тамаддуни ҳинд аз дигарон аз чиҳо иборат аст?*
*4. Фарқияти тамаддуни Ислом аз дигарон аз чиҳо иборат аст?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Дар асоси технологияи Т умумият ва фарқияти тамаддунҳои хитой-конфутсиягӣ, япония, ҳинд, исломро дар дафтаратон нависед.

Аз харита истифода бурда, мавқеи ҷойгиршавии тамаддунҳои хитой-конфутсиягӣ, япония, ҳинд, исломро ёбед.

## Мавзӯи 14-ум: ХИТОЙ ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

**Ҳаёти сиёсӣ.** Дар охири асри XVI – ибтидои асри XVII дар Хитой аз сиёсати сулолаи мин норозигӣ авҷ гирифт. Дар мамлакат қувваҳои тарафдори ислоҳот пайдо шуданд. Ислоҳи идоракунии давлат, боло бурдани роли бевоситаи император дар идоракунии кишвар, инчунин, барои афзун намудани самаранокии дигаргунсозиҳои иқтисодӣ

http://eduportal.uz

ва сифати маҳсулот хусусӣ кардани мануфактура ва устохонаҳо, қатъ сохтани кашида гирифтани замини деҳқонон, ба тартиб андохтани низоми андоз ва монанди инҳо ҷои муҳим доштанд.

Дар Хитой муносибатҳои мулк ба замин кай ташаккул ёфта буд?

Дар ибтидои асри XVII ислоҳотчиён ҳокимиятро дар Пекин гирифтанд ва барномаи худро дар амал татбиқ карданӣ шуданд. Аммо ба туфайли муқовимати асилзодагони дарбор ислоҳотпарастон аз ҳокимият дур, аксарияташон бадарға карда шуданд. Хӯрдани хазинаи давлат, кашида гирифтани замини деҳқонон, зиёдкунии андозу маҷбуриятҳо давом мекард. Аҳволи байналмилалии Хитой торафт вазнин мешуд.

Аммо барои ҳокимияти минҳо беш аз пеш авҷ гирифтани исёни деҳқонон бар зидди сохти ҳукмрон хавфнок шуда монд.

**Ҳукмронии сулолаи чин (син).** Дар охири асри XVI дар ҷануб аз дарёи Амур иттифоқи қабилаҳои манҷур пайдо шуд. Манҷурҳо давлати худро ташкил карда, Муғулистони ҳамсояро мутеъ гардониданд. Соли 1636 сардори манҷурҳо Абахай худро хон, давлати навро бошад. Чин (яъне «соф», «тоза») номид.

Чинҳо барои забт кардани Хитой дуру дароз мубориза бурданд. Дар ин давр авҷи исёни мардум дар Хитой ва аз тарафи як гурӯҳи шӯришгарон забт шудани Пекин ба чинҳо ёрӣ расонд. Соли 1644 ҳукмдори манҷурҳо Шунчжи ба Пекин омада, худро императори Хитой эълон кард.

Чинҳо шӯриши деҳқонони Хитойро пахш намуданд. Кӯшиши ватандӯстони маҳаллӣ барои ташкили фронти ягонаи зидди чинҳо дар шаҳри Нанкин низ ба муваффақият нарасид. Шӯришҳои пайи ҳам баъди чанд сол низ аз тарафи лашкари чинҳо бераҳмона пахш карда шуд.

Тамоми ҳудуди Хитойро забт кардан барои чинҳо осон нашуд. Ҳар як шаҳр ҷангҳои шадид кард. Баъди ҷангҳои тӯлонӣ Тайван низ истило шуд ва Хитой пурра ба итоат даромад. Сулолаи чини манҷурҳо дар Хитой то соли 1911 ҳукм ронд. Чинҳо дар асрҳои XVII–XVIII сиёсати истилогаронаи худро давом доданд. Корея, Муғулистони Ғарбӣ ва Шимолӣ, Ветнам, Қашқар забт шуд, Бирма ҳам нисбат ба чинҳо вассалиро эътироф кард.

http://eduportal.uz

**Ҳаёти иқтисодӣ.** Дар ибтидои асри XVI дар Хитой соҳаи аграрӣ хеле пеш рафт, кишоварзӣ дар иқтисодиёти кишвар нақши асосӣ дошт. Олоти меҳнат гарчанде оддӣ буд, деҳқонон аз шолӣ – озуқавории асосии аҳолӣ ҳосили баланд мегирифтанд. Онҳо дар ин соҳа технологияи нав, усулҳои нави коштан, тухмиҳои сифатнокро ҷорӣ намуданд. Деҳқонони Хитой ғайр аз шолӣ, дар бобати парвариши пахта низ ба комёбиҳои калон ноил шуданд.

Дар Хитой ду намуди асосии мулк ба замин-давлатӣ ва хусусӣ мавҷуд буд. Аммо заминҳои хусусӣ дар асри XVI кам шуданд. Заминҳои деҳқонон ба дасти заминдорони калон, судхӯрон ва амалдорон гузаштанд. Қисми калони замин бевосита ба мулки император табдил ёфт.

Деҳқонон заминро ба иҷора гирифта, зироат мекоштанд. Ҳаққи иҷора 50 фоизи ҳосилро ташкил мекард ва он деҳқононро беҳол намуда, сабаби эътирозашон мешуд. Ин замон андоз низ зиёд шуда мерафт. Андоз натуралӣ, яъне бо шолӣ гирифта мешуд ва фақат аз асри XVI андоз бо тангаи нуқрагин ҷорӣ карда шуд. Ин душвориҳо боиси чандин шӯриши деҳқонон гардид, онҳо тамоми ҳудуди империяро фаро гирифтанд.

Шумораи аҳолии шаҳр нисбат ба деҳот хеле кам буд. Шаҳриён асосан бо ҳунармандӣ ва савдо машғул буданд. Барои истеҳсоли матоъ дастгоҳҳои барои ҳамон давр мукаммал, аз ҷумла, ускунаҳои бо ёрии об даврзананда истифода мешуд.

Барои сохтмони биноҳо аз воситаҳои ба кран монанд истифода мебурданд. Биноҳои он замон бунёдшуда имрӯз низ бо мукаммалӣ ва шаҳоматашон касро ба ҳайрат меоранд.

Киштисозон киштиҳои калон ва мустаҳкам сохта, ба комёбиҳои техникӣ ноил шуданд.

Хитой аз нигоҳи тараққиёти техникӣ аз Ғарб гарчанде ақиб монд, то охири асри XVIII аз ҷиҳати иқтисодӣ чун яке аз давлатҳои пурқудрат монд.

**Ба Хитой омадани европоиҳо.** Хитой ҳамчун кишвари бою афсонавӣ таваҷҷӯҳи европоиёнро ҳамеша ҷалб мекард. Европоиҳо барои аз худ кардани комёбиҳои техникии Хитой мекӯшиданд. Ин ҷараён баъди кашфиётҳои бузурги географӣ дар асри XVII низ давом кард. Испания баъди истилои Филиппин ҳазорон шаҳрвандони Хитойро, ки дар ҷазираҳои атроф бо савдо машғул буданд, нобуд кард. Ин гуна бадкорӣ минбаъд низ давом кард.

Дар асри XVII дар соҳилҳои Хитой киштиҳои голландиҳо пайдо шуданд. Онҳо як қисми ҷазираҳои Тайванро ишғол намуданд. Инчунин, Англия низ ба ин ҳудудҳо мароқ зоҳир кард. Англисҳо дар ҳудуди Гуанчжоу ҷойгир шуда, барои тиҷорат аз ҳукумати Хитой рухсат пурсиданд. Европоиҳо аз Хитой абрешим ва чинӣ бурда, ба ин ҷо тамоку ва силоҳҳои оташфишон меоварданд.

Дар солҳои 70-уми асри XVIII Россия бо Хитой алоқаҳоро ба роҳ монданӣ шуд. Аммо мубориза барои зери таъсири худ даровардани Шарқи Дур ва Осиёи Марказӣ байни ин ду давлат барои муносибати нек роҳ намедод. Байни онҳо задухӯрдҳои мусаллаҳона низ рӯй доданд.



**Европоиҳо аз Хитой** абрешим ва чинӣ бурда, ба ин ҷо тамоку ва силоҳҳои оташфишон меоварданд.

**Дар солҳои 70-уми асри XVIII** Россия бо Хитой алоқаҳоро ба роҳ монданӣ шуд.

**Маданияти Хитой дар асрҳои XVI–XVIII.** Дар замони минҳо маданияти Хитой гул-гул шукуфт. Ҷамъият анъанаҳои беҳтарини даврҳои пешинаро аз худ карда, марҳилаи нави тараққиётро аз сар гузаронд.

Дар ин замон маданияти бар дин ва ҷаҳонбинии қадим асосёфтаро ба талабҳои Даври нав мутобиқ карданӣ шуданд. Яке аз олимони машҳури Даври минҳо Ван Янмин аз асоси ҷаҳонбинии хитоиҳо-конфутсиягӣ даст накашида, ин таълимотро ба вазъияти тағйирёфтаи таърихӣ онро мутобиқан шарҳ медод.



- Соли 1636 – ...
- Соли 1644 –...
- Асри XVI – ...
- То охири асри XVI–XVIII – ...

Дар замони чинҳо адабиёт низ ба муваффақиятҳо ноил шуд. Дар асоси афсонаҳои қадимии халқ романи «Сайёҳат ба Ғарб» офарида, дар он таассуроти рӯҳонии хитоӣ, ки аз пайи мӯъҷиза ба Ҳиндустон рафтааст, ифода ёфтааст.

http://eduportal.uz

Дар асрҳои XVI–XVII яке аз намудҳои машҳури санъати театр–кунсюй ба театри умумимиллӣ табдил ёфта буд. Дар он актёрҳо ниқоб пӯшида, рол мебозиданд. Операи Пекин дар асоси кунсюй ташаккул ёфта, дар сартосари дунё машҳур гашт.

Дар санъати тасвирӣ анъанаҳои мозӣ давом дода шуд. Дар замони минҳо Академияи санъати тасвирӣ аз нав ташкил шуд. Санъати ороиши тасвирӣ ба асарҳои бадеӣ инкишоф ёфт, санъати пейзаж пеш рафт. Устоёни Хитой дар офаридани асарҳои чинӣ, аз матоъ ва миниатюраҳои локшуда на фақат дар диёри худ, балки дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ ба муваффақиятҳо сазовор шуданд.

***Ҳамин тариқ, дар замони сулолаи чин Хитой ба қуллаи қудрати худ баромад. Дар охири асри XVIII давлатҳои Ғарб ба Хитой даромада, нақшаи ба мустамлика табдил додани онро амалӣ карданӣ мешуданд, аммо Хитой ҳамчун давлати аз ҳама калон ва пурқудрати Осиё монд. Лекин дар оқибати ақибмонии иқтисодию сиёсӣ Хитой ба ниммустамликаи Ғарб табдил ёфт.***

**Санъати пейзаж** – жанри инъикоси табиат дар санъати тасвирӣ.

?!

1. *Дар бораи фаъолияти сардори манчурҳо Абахай чиҳо медонед?*
2. *Дар бораи сиёсати истилогаронаи Хитой дар асрҳои XVII–XVIII чиҳоро донista гирифтед?*
3. *Чиҳатҳои ба худ хоси муносибатҳои Россия ва Хитой дар солҳои 70-уми асри XVIII аз чиҳо иборат буданд?*
4. *Дар асрҳои XVI–XVIII чиҳатҳои ба худ хоси инкишофи маданияти Хитой аз чиҳо иборат буданд?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Дар асоси ҷадвали консептуалӣ ҷиҳатҳои ба худ хоси тараққиёти Хитойро дар асрҳои XVI–XVIII таҳлил намоед.

Аз харита истифода бурда, *ба сарҳадоти Хитой дар асрҳои XVI–XVIII* аниқӣ дарорeд.

## Мавзӯи 15-ум: ҲИНДУСТОН ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

**Асосгузорӣ ба империяи Бобуриҳо.** Дар асри XVI Ҳиндустон парокандагии сиёсиро аз сар гузаронида, кишварро ҷангҳою муқовиматҳои дохилӣ беҳол карда буд. Ҳокими Кобул Заҳириддин Муҳаммад Бобур

http://eduportal.uz

вазъияти дохилии сиёсии Ҳиндустонро кунҷковона мушоҳида карда, аз ин ҳолат истифода карданӣ шуд ва барои забти Ҳиндустон юриши ҳарбиро сар кард. Дар ин давр дар султонии Деҳлии Ҳиндустони Шимолӣ намояндаи сулолаи лӯдиёни афғонҳо Иброҳими Лӯдӣ ҳукмронӣ мекард.

21-уми апрели соли 1526 ӯ дар ҷанги зидди лашкари Бобур дар ҷанги Панипат мағлуб шуда, ҳалок гардид.

Дар асрҳои миёна дар Ҳиндустон кадом сулолаҳо ҳукмронӣ кардаанд?

Ба тахти султонии Деҳлӣ Бобур омад ва ба сулолаи бобуриҳо асос гузошт. Бобур то вақти вафоташ (соли 1530) дар Ҳиндустон ҳукмронӣ кард. Бино ба васияти ӯ ба тахт писараш Ҳумоюн нишаст. Аммо ашрофони маҳаллӣ бар зидди Ҳумоюн як шуда, соли 1540 ӯро аз тахт афтонданд. Ҳумоюни дар ҷанг мағлуб дар дарбори шоҳи Эрон Таҳмаспи I паноҳ ёфт. Тахти Ҳиндустонро сардори қабилаи сури афғонҳо Шерхон гирифт. Ҳумоюн баъди муборизаҳои тӯлонӣ соли 1555 Деҳлиро баргардонида гирифт. Вале дере нагузашта, вафот кард. Ба тахт писари Ҳумоюн Акбар омад. Ӯ аз байни ворисони Бобур аз ҳама машҳур, ислоҳотгари бузург буд. Ин шоҳ дар таърихи Ҳиндустон бо номи «Акбари Бузург» машҳур аст. Акбар солҳои 1556–1605 Ҳиндустонро идора кард. Вай бо ёрии усулҳои ҳарбӣ ва дипломатӣ ҳамаи бекҳои мусулмон ва роҷаҳои ҳиндро ба итоати худ даровард.

**Ислоҳоти Акбаршоҳ.** Солҳои ҳукмронии Акбаршоҳ даври тиллоии империя шуданд. Акбаршоҳ бо мақсади ташкили давлати мутамарказ ва ҳокимияти тавоно империяро ба вилоятҳо ҷудо карда, ба онҳо ноибони худро таъин намуд. Низоми андоз ҳам ислоҳ шуд, дар ҳудуди империя андози ягонаи савдо татбиқ гардид, аз заминҳои холиса ва ҷогирдорон андозаи як хел, яъне баробар ситонида мешуд. Барои тамоми империя воҳидҳои ягонаи дарозӣ ва вазн ҷорӣ шуд ва бар асоси низоми Мирзо Улуғбек тақвими ягона татбиқ гардид. Дар кишвар қасрҳо, иншоотҳои меъморӣ ва боғҳо барпо гаштанд. Илму фан, санъат ва деҳқонӣ пеш рафт. Ба таъмири роҳҳо, сохтмони корвонсаройҳо ва ба корҳои тиҷорат бо кишварҳои Европа ба воситаи роҳҳои баҳрӣ эътибори калон дода шуд.

Аз байни ислоҳотҳои Акбар ислоҳоти динӣ ба ӯ шӯҳрати калон овард. Дар Ҳиндустони бисёрдинӣ, ки одамон ба ислом, ҳиндуизм ва боз чан-



http://eduportal.uz

дин динҳо эътиқод доштанд, Акбаршоҳ сиёсати муросои байни динҳоро бурд.

Ӯ дар идоракунии мамлакат баробари мусулмонон ҳиндҳоро низ ҷалб кард, андози сари ҷонии ғайримусулмонон – **ҷизя**ро бекор намуд, андозҳое, ки аз зиёратгоҳҳои ҳиндҳо ситонида мешуданд, низ манъ гардид. Акбаршоҳ дар кишвараш сиёсати таҳаммули диниро пеш бурда, дар байни ҳиндҳо паҳн шудани дини исломро рағбатнок кард ва ҳар гуна поймолкунии ҳиндҳоро бекор намуд.



**Акбари Бузург**

Акбаршоҳ подшоҳи бомаърифат буд, илмҳои фалсафа, дин, адабиёт ва таърихро нағз медонист. Ӯ ба ҳамзистии осоиштаи ҳиндувон ва мусулмонон муваффақ шуд. Сиёсати одилонаи Акбаршоҳ барои ба империяи бузург табдил ёфтани давлати Бобуриҳо, аз тарафи аҳолии маҳаллӣ ва амалдорон дастгирӣ шудани он роли калон бозид. Ин дар навбати худ ба боз ҳам тавонотар шудани империя ва шӯҳрати он хизмат кард.

Ба туфайли сиёсати одилонаи Акбаршоҳ дар Ҳиндустон ӯ ба номи «Подшоҳи миллӣ», «Ҳукмдори халқ» сазовор шуд. Вай соли 1605 вафот кард.



- 21-уми апрели соли 1526 ...
- Соли 1530 ...
- Солҳои 1556–1605...
- Акбаршоҳ – ...

Ислоҳоти Акбаршоҳ ба эътирози ашрофони мусулмон ва мутаассибони динӣ сабаб шуд. Дар байни норозиҳо писари Акбаршоҳ, ворисн тахт Ҷаҳонгир Мирзо ҳам буд. Ӯ ба тахт омада, аксар ислоҳоти падарро бекор кард.

**Оғози таназзули империя.** Сиёсати ворисони Акбаршоҳ аҳволи иқтисодии империяро вазнин намуд. Даромад ба хазинаи давлат кам шуд. Дар ин ҳол кайфияти ҷудоихоҳӣ аз империя пурзӯр шуд. Дар натиҷа империяи Бобуриҳо рӯ ба таназзул овард.

Ин гуна ҳолат, хусусан, дар солҳои ҳукмронии писари Шоҳ Ҷаҳон Аврангзеб Оламгир (1658–1707) авҷ гирифт. Аврангзеби дар оқибати

хунрезиҳои дохилӣ ба тахт омада, барои нигоҳ доштани империяи пароканда шудаистода қоидаҳои дини исломро қатъӣ ҷорӣ кард. Барои ғайримусулмонон андози ҷизя аз нав ҷорӣ шуд, барои ҳиндувон дигар андозҳоро ду ҳисса зиёд намуд, ба онҳо ҷашнҳояшонро манъ кард, барои вайронкунии ибодатхонаҳояшон амр дод. Ниҳоят, дар кишвар шӯришҳои халқӣ сар шуданд.

Дар ибтидои асри XVIII империя ба парокандагӣ сар кард. Армия қудраташро гум кард, мустақилиии ҳокимиони маҳаллӣ пурзӯр шуд. Дар чунин шароит ба кишвар аввал эрониҳо, баъд афғонҳо зада даромада, онро тороҷ карданд. Ҳокимияти подшоҳи бобурӣ торафт заиф мешуд. Кишвар ба парокандагии феодалӣ бозгашт, барои дохилшавии европоиҳо шароити мусоид фароҳам омад.

- Солҳои 1658–1707 ...

**Ба Ҳиндустон даромадани европоиҳо.** Мақсади давлатҳои Европа соҳибӣ кардани сарвати бузург, заминҳои серҳосили Ҳиндустон буд. Ба туфайли инқирози империяи Бобуриҳо ҳукмдорони Европа нақшаҳояшонро амалӣ карданӣ шуданд.

Соли 1757 Британияи Кабир Банголаро ишғол кард. Ин ҳудуди бой барои минбаъд давом додани нақшаҳои истилогаронаи Британияи Кабир такягоҳ шуд. Ҳамин тариқ, даври ба мустамликаи Британия табдилёбии Ҳиндустон сар шуд. Дар ин ҷараён компанияи Ост-Индияи Британияи Кабир роли калон бозид. Дар охири асри XVIII компанияи Ост-Индия ҳамаи рақибҳояшро мағлуб карда, дар мутеъ кардани Ҳиндустони пароканда ва заиф раҳнамо шуд.

**Маданият ва санъат.** Дар замони Бобуриҳо илм, маданият ва санъати Ҳиндустон қуллаҳои навро фатҳ намуд. Дар Ҳиндустон илмҳои математика, тиббиёт нисбат ба илми Европа хеле пеш рафта буданд. Адабиёт низ пеш рафт. Дар қасри Акбаршоҳ асарҳои машҳури адабиёти ҳинд, ба монанди «Маҳабҳората», «Рамаяна» тарҷума шуданд. Шоири бузурги халқҳои Шарқ, олими мутафаккир Мирзо Абдулқодир Бедил дар ин давр дар Ҳиндустон эҷод кард.

Дар байни эҷодгарон ду нафар шоири бузурги ҳинд-Тулсидас ва Судрас фарқ мекунанд. Тулсидас дар асоси сужетҳои «Рамаяна» достони хеле бузурги «Ҷасоратҳои Рама»-ро таълиф кард. Бино ба ривоятҳо Сурдас модарзод кӯр буд, оид ба ҳаёти Кришна достонҳо офарид.

http://eduportal.uz




**Ҳиндустон дар асри XVIII**

Шаҳомати меъмории даври бобуриҳо, ороиши нотакрор, ҳамоҳангии анъанаҳои меъмории дарбории мусулмонӣ ва ҳинд ҷозиба доштанд. Дар ин давр обидаҳои машҳури меъморӣ қад рост карданд, яке аз онҳо дурдонаи ноёби санъати меъмории дунё мақбараи Тоҷмаҳал буд. Онро

http://eduportal.uz



**Тоҷмаҳал**

Шоҳ Ҷаҳон ба хонуми дӯстдоштааш Мумтоз Маҳал бахшида бунёд кунонида буд.

***Ҳамин тариқ, Ҳиндустони дар даври бобуриҳо марҳилаи нави тараққиётро аз сар гузаронида, аз асри XVIII эътиборан ба мустамликаи англисҳо табдил меёфт.***

***Карахтии иқтисодӣ, парокандагии сиёсӣ ва ҷангҳои дохилӣ дар кишвар барои Ҳиндустонро забт кардани англисҳо имконият офариданд.***

?!

1. *Империяи Бобуриҳо дар Ҳиндустон чӣ гуна барпо шуд?*
2. *Сиёсати Акбаршоҳ ва Аврангзебро дар империя қиёс кунед ва ҷиҳатҳои монанд ва фарқи онҳоро ёбед.*
3. *Омилҳои оғози таназзули империяи Бобуриҳоро қайд кунед.*
4. *Кадом омилҳо барои ба Ҳиндустон даромадани европоиҳо имкон доданд?*

http://edu...al.uz

**Супориши кори эҷодӣ**

Аз асарҳои «Бобурнома» ва Ҳумоюннома» истифода бурда, дар мавзӯи «Саҳми сулолаи Бобуриҳо дар тамаддуни дунё иборат аз ин, ки...» эссе нависед.

Аз интернет истифода бурда, ба *Ҳиндустони даври Бобуриҳо* сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед ва дар асоси материалҳои азбаршуда воқеаҳои таърихиро таҳлил намоед.

## Мавзӯи 16-ум: ЯПОНИЯ ВА КОРЕЯ ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

Япония дар Шарқ Дур, ҷазираҳои уқёнуси Ором ҷойгир буда, онро «кишвари офтоббаро» меноманд.

Дар Япония муносибатҳои заминдорӣ кай пурра ташаккул ёфта буд?

Дар асрҳои миёна Хитой ба тараққиёти Япония таъсири мусбӣ расонд. Ин таъсир хусусан дар даври ҳукмронии сулолаи мин ба маданият, санъати рассомӣ, адабиёт, меъморӣ, фалсафа ва соҳаи ҳарбӣ нағз эҳсос мешуд.

**Сохти сиёсӣ.** Дар асрҳои XVI–XVIII аҳолии Япония ба табақаҳо ҷудо шуда, вилоятҳоро феодалҳо-даймёҳо назорат мекарданд, дар дасти онҳо дворянҳо-самурайҳо хизмат мекарданд. Дар тахти кишвар расман император менишаст, аммо ҳокимияти сиёсӣ дар амал дар дасти ҳокими ҳарбӣ – сёгун буд.



**Токугава Иеасу**

Воқеаи муҳими сиёсии ин давр ба давлати мутамарказ муттаҳид шудани Япония мебошад. Дар муттаҳид шудани кишвар хизмати се шахси таърихӣ: Ода Нобунага, Тоётоми Хидеёси ва Токугава Иеасу беқиёс аст. Онҳо якҷоя армияи тавоно ташкил карда, кишварро аз гирдоби ҷанги дохилӣ раҳо доданд. Аз онҳо Токугава Иеасу соли 1603 унвони сёгунро қабул кард ва шаҳри Эдоро (Токиои ҳозира) пойтахт карда, ба сеюмин сёгунӣ асос гузошт. Ин давлат сёгунии То-

кугава ном гирифт. Токугаваҳо кори муттаҳид кардани Японияро ба охир расонда, онро то соли 1867 идора намуданд. Дар кишвар ҳокимияти мутлақи сулолаи токугава барпо шуд. Аммо ин сулола ба номаш ҳокимияти императорро нигоҳ дошт. Чунки император барои халқи япон авлоди Худо ба ҳисоб мерафт.

**Худро ҷудо кардан.** Баъди кашфиётҳои бузурги географӣ дар Япония европоиҳо пайдо шуда, ин ҷо дини насронӣ низ паҳн гардид. Миссионерҳои европоӣ онро байни японҳо тарғиб менамуданд. Аммо аксари миссионерҳо мақсад доштанд зери ниқоби дин халқи японро ба аросот монда, ба истиқлоли Япония нуқта гузошта, онро истило кунанд. Бино ба қонуне, ки охири асри XVI қабул шуд, ҳамаи миссионерҳои насронӣ аз кишвар бароварда шуданд.

Соли 1614 сёгун қонуни манъ кардани дини насрониро баровард. Қонун ин динро душмани кишвар эълон кард. Аз онҳое, ки дини буддоиро ҳурмат намекарданд, талаб намуданд, ки Японияро тарк кунанд. Ҳамин тариқ, мустамликахоҳони Европа аз Япония пеш карда шуданд. Ин ҳол ба муносибатҳои Япония бо Европа таъсир накарда намонд.

Дар натиҷа, Япония худро аз дунёи беруна ҷудо кард. Сёгун ба воситаи сиёсати худро ҷудокунӣ ният дошт, ки хавфи ба мустамлика табдилёбии Японияро бартараф намояд.



- Соли 1603 ...
- Соли 1867 ...
- Аз миёнаҳои асри XVI ...
- Соли 1614 ...



**Соли 1603** дар Япония ҳукмронии сулолаи сеюми сёгун – хонаводаи Токугава сар шуд.

**Ислоҳоти Ёсимуне.** Ёсимуне ҳамчун арбоби машҳури давлатии сулолаи токугава ном баровард. Ӯ ҳаштумин сёгун аз сулолаи токугава буд, солҳои 1716–1745 ҳукмронӣ кардааст. Ёсимуне аз ҳисоби азхудкунии заминҳои хушк сиёсати рағбаткунии деҳқононро пеш бурд. Шабакаи иншоотҳои обёрикуниро такмил дод. Қонуни манъкунии заминхарӣ, фурӯхтан ё ба гарав гузоштанро баровард. Маҷмӯаи қонунҳо бо номи «Фармони 100 модда», ки ӯ ҷорӣ кард, барои ба тартиб даровардани ҳаёти кишвар ва ҷамъият аҳамияти калон дошт.

http://eduportal.uz

## Корея дар асрҳои XVI–XVIII

**Таҷовузи Япония.** Торафт таназзулёбии давлати мутамаркази Корея дар асри XVI боиси таҷовузҳои ҳамсоягон шуд. Хусусан, аз ҷануб хавфи Япония пурзӯр гардид.

> Кадом омилҳо ба се шоҳӣ тақсим шудани Чосони қадим оварда расонданд?

Соли 1592 лашкари Япония ба ҳудуди Корея даромад ва муқобилияти лашкари корейсҳоро шикаст дода, Сеул, Пхенянро ишғол кард. Қисми калони кишварро японҳо истило намуданд. Онҳо нисбат ба аҳолӣ хеле бераҳмиҳо карданд.

Дар мамлакат бар зидди истилогарони япон ҷанги халқӣ сар зад. Дар ҷойҳои истилошуда гурӯҳҳои партизании халқии «Барои кори ҳақ» ташкил ёфтанд. Ба ҳаракатҳои лашкари халқ ғалабаҳои флоти корейсҳо таҳти қумондонии Ли Сун Син мадад бахшид. Флоти Ли Сун Син флоти японро мағлуб кард.

Лашкари панҷоҳ ҳазорнафараи лашкари Хитой муборизаи корейсҳоро бар зидди японҳо осон намуд.

Соли 1593 лашкари ягонаи Хитой ва Корея Пхенян ва Сеулро озод кард.

> **Соли 1592** лашкари Япония ба ҳудуди Корея даромад.
> **Соли 1593** лашкари ягонаи Хитой ва Корея Пхенян ва Сеулро озод кард.

Таҷовузи японҳо боиси талафоти азими маънавию моддии кишвар шуд. Заминҳои кишт хеле кам шуд. Дар байни амалдорон порахӯрӣ ва ҷиноятгарӣ, дар байни халқ бошад, гуруснагӣ ва вабо авҷ гирифт. Кишвар акнун худро барқарор карданӣ буд, аммо ҳуҷуми манҷурҳо сар шуд.

**Таҷовузи манҷурҳо ба Корея.** Манҷурҳои дар Хитой ҳукмронии худро ҷорӣ мекардагӣ соли 1627 ба Корея зада даромаданд. Онҳо муқобилияти лашкари корейсҳоро шикаст дода, якчанд шаҳрҳоро ишғол ва тороҷ намуданд. Ҳукумати корейс бо истилогарон музокираҳо бурд. Бино ба



http://eduportal.uz

шартномаи сулҳи тарафайн Корея бояд аз ёрии Хитой ва муносибатҳои иттифоқчигӣ даст мекашид.

Лашкари манҷурҳо ба Корея ҳуҷуми нав сар кард. Манҷурҳо шаҳри Сеулро гирифтанд. Корея ноилоҷ монд ва таслим шуд. Бино ба шартномаи нави соли 1637 шоҳи Корея худро вассали манҷурҳо эътироф кард. Ҳукумати корейсҳо маҷбурияти қатъи ҳама гуна муносибатҳо бо сулолаи минҳо ва дар ҷанги зидди Хитой ба манҷурҳо ёрӣ додан, ҳар сол товон доданро бар зимма гирифт. Товони калони ба манҷурҳо супурдашаванда аҳолиро хонавайрон мекард ва аҳволи Кореяро боз ҳам бад намуд.

**Тараққиёти иҷтимоӣ.** Инқирози вазнини иқтисодию сиёсӣ ҳокимони Кореяро барои гузаронидани ислоҳот маҷбур сохт. Табақаи пешқадами аҳолӣ низ ҳукуматро ба он даъват мекард. Сарфи назар аз мамониати муносибатҳои феодалӣ дар кишвар бозори маҳаллӣ ташаккул ёфта, ярмарка ва марказҳои бузурги савдо пайдо шуданд, робитаҳои савдоӣ бо Хитой ва Япония вусъат ёфтанд.

Дар замони **шоҳ Ёнгҷо** (1725—1776) бо мақсади тараққӣ додани кишвар ислоҳот гузаронида шуд. Сарбандҳо, обанборҳо, барои пешгирии гуруснагӣ анборҳои ғалла сохтанд. Аз биринҷ тайёр кардани нўшокии спиртӣ манъ шуд ва баъзе андозҳои давлатӣ бекор ё кам карда шуд. Ҳангоми истинтоқ намуди сахти азобдиҳӣ (шикастани пой) манъ гардид.



Актёрони театри Кабуки

Дар замони шоҳ Ёнгҷо баёния дар бораи бекор кардани мутеъгии шахсии деҳқонон аз заминдорони калон ва набераи зани ғулом шахси озод буданаш қабул шуд.

Ин кўшишот барои мустаҳкам намудани сохти заифшудаи феодалӣ дар ҳуҷҷати «Маҷмўаи бузурги қонунҳо», ки соли 1785 қабул шуд, ифодаи худро ёфт. Аммо қисман гирифтани тарафи заминдорони калон ва амалдорон барои мустаҳкам намудани ҳукмронии онҳо инқирози чуқури сохти феодалиро дошта натавонист. Кишвар ба ҳудуди давлатҳои тавонои мустамликавӣ табдил ёфт.

**Маданият ва санъат.** Дар ҳаёти японҳо санъат нақши алоҳида дорад. Кўшиш барои ҳис намудани ҳамоҳангии олам, қобилияти дарки

зебоии атроф яке аз ҷиҳатҳои хоси характери японҳо мебошад. Дар асрҳои XVI–XVIII санъати офаридани боғи япон дар атрофи қалъаи дар мобайни ҷойгиршуда инкишоф ёфт. Биноҳои биёрқабатаи нӯги бомаш каҷ паррандаи калони парвоз кардаистодаро ба ёд меовард.

Дар асри XVII театри анъанавии япон – **кабуки** (суруд, рақс, маҳорат) пайдо шуд. Актёрони ин театр фақат аз мардон иборат буда, рӯяшон грими мураккаб дошт.

Дар Даври нав шеърияти япон низ боло рафт. Жанри бештар аз ҳама паҳншудаи назм шеърҳои иборат аз панҷ қатори беқофия буда, онҳо дар асоси принсипи «Дар чакраи об уқёнусро бояд дид» эҷод мешуданд. Он жанри хокку ном гирифта, намояндаи бузурги ин жанр Масуо Басё буд.

Дар Даври нав дар Корея санъати сарояндагии ба бахшигии мо монанд васеъ паҳн шуд. Бо ин жанр эҷодиёти даҳонии халқ мақоми адабиётро гирифт.

Дар санъати тасвирӣ инъикоси эҷодиёти халқ, лавҳаҳои ҳаёти корейсҳо ба ҳукми анъана даромада буд. Усули пейзажи Хитой низ даромада омад. Он жанри «тасвири кӯҳу об» ном гирифта, расмҳои дар ин жанр эҷодкардаи Чон Сон, Ли Мёнук, Ким Хондо хеле машҳур буданд.

***Ҳамин тавр, дар давоми асрҳои XVI–XVIII Япония ба давлати ягонаи мутамарказ табдил ёфт, бозори миллии умумияпонӣ ташаккул ёфт. Ба туфайли ислоҳот ва сиёсати оқилонаи хориҷӣ дар тафовут аз давлатҳои Осиё аксарият ба нигоҳ доштани мустақилии худ муваффақ шуданд.***

***Дар Корея бошад ислоҳот бӯҳрони сохти мавҷударо боздошта натавонист. Кишвар ба объекти мустамликавии Хитой, Япония, Россия ва давлатҳои Европа табдил меёфт.***

**Сёгун** (сё-генерал, *гун* – лашкар) – гурӯҳи ашрофоне, ки дар Япония ҳокимиятро дар асрҳои XVII–XIX идора мекард.

**Кабуки** (худро тарк кардан) – намуди театри суннатӣ дар охири асри XVII дар Япония паҳн шуда буд.

**Самурай** (*сабурау* – хизмат кардан) – табақаи ҳарбию феодалӣ дар Японияи феодалӣ.

?!

*1. Ба хизмати Ода Нобунага дар таърихи Япония баҳо диҳед.*

*2. Хизматҳои Тоётоми Хидеёси ва Токугава Иеасуро дар назди Япония қиёс кунед.*

http://eduportal.uz

*3. Кадом омилҳо дар Даври нав ба заиф шудани Корея оварда расонданд?*
*4. Таҷовузи Япония ва манчурҳо ба Корея ба кадом оқибатҳои иқтисодӣ оварда расонд?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Аз матн истифода бурда, муваффақиятҳо ва камбудиҳои давлатҳои Япония ва Кореяро дар асоси нақшаи SWOT таҳлил кунед ва ба дафтаратон нависед.

Вобаста ба мавзӯъ филми бадеии «Самурайи охирин»-ро бинед ва хулоса баро-ред.

## Мавзӯи 17-ум: ИМПЕРИЯИ УСМОНИҲО ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

**Болоравии империя.** Дар ибтидои асри XVI империя ба вилоятҳо, вилоятҳо ба **санҷоқҳо** (ноҳияҳо) тақсим мешуд. Вилоятҳоро волӣ, санҷоқҳоро санҷоқбей идора менамуд. Такягоҳи асосии империя лашкари он буд.

> Ислоҳотеро, ки дар замони асосгузори сулолаи Усмониҳо Усмон амалӣ шуда буданд, оё медонед?

Заминҳои деҳқонии ҳудуди империя мутеъкарда мулки давлатӣ эълон шуд. Султон ин заминҳоро ба ивази хизмат ба **сипоҳиён** (аскарони савора) тақсим карда дода буд. Миқдори онҳо ҳар гуна буд. Сипоҳиён ҳамин тавр соҳиби хоҷагии худ шуданд. Онҳо замини худро ба деҳқонон ба иҷора медоданд. Дар айни вақт иштирок дар ҳаракатҳои ҳарбӣ бар зиммаи сипоҳиён, агар зарурият шавад, иҷрои фармони султон ба зиммаи санҷоқбейҳо гузошта мешуд. Инчунин, ба таври муносиб ба даромади аз заминашон гирифта аскарони мусаллаҳро низ бояд меоварданд. Даромади хоҷагии сипоҳиро андози аз деҳқони иҷоракор гирифташаванда ташкил медод. Ғайр аз ин, лашкари доимии пиёдаи империя – **яничарҳо** (лашкари нав), инчунин, флоти тавонаи ҳарбии баҳрӣ мавҷуд буданд. Ин омилҳо имкон дод, ки дар асри XVI низ империяи Усмониҳо ҷангҳои калонмиқёси таҷовузгарона баранд. Дар ин замон Эрон ба рақиби калонтарини империя дар Осиё буд.

http://eduportal.uz




**Империяи Усмониҳо дар асри XVII**

**Султони Салими I соли 1514** лашкари шоҳи Эрон Исмоили Сафавиро торумор намуд. Ин ғалаба барои оғози ҷанг бар зидди иттифоқчии шоҳи Эрон султонии Миср роҳро кушод. Султони Салими I аввал Сурия ва Фаластинро, баъд, **соли 1517** пойтахти Миср Қоҳираро ишғол кард.




**Султони Салими I**

Империя на фақат дар Осиёю Европа, балки дар Африка низ мустамликаҳо дошт. Вусъати ҳудуди империя ба зери назорат гирифтани роҳҳои азими савдо аз тарафи Туркия оварда расонд. Ин омилҳо сабабгори боз ҳам тавоно шудани ҳокимияти марказӣ ва қувваи ҳарбӣ шуданд. Дар оқибати кор, нуфузи байналмилалии савдои Туркия дар кишварҳои Европа, Осиё ва Африка боз ҳам афзуд.

**Аҳволи дохилӣ.** Қудрати империя на фақат ба туфайли сиёсати оқилонаи султонҳо, балки бар ивази истисмори сахти (эксплуа-

http://eduportal.uz

татсия) меҳнаткашон, аз ҳисоби сарвати зиёди аз кишварҳои мустамлика овардашуда боло мерафт. Деҳқонон аз эксплуатацияи пурзӯршуда бемадор шуда, ба шаҳрҳо, кӯҳҳо гурехта мерафтанд. Султон барои гирифтани пеши роҳи ин ҳолат оид ба баргардонидани деҳқонони гурехта ба соҳибони заминашон фармони махсус баровард.

Хонавайрон шудан ва гурехтани аксарияти деҳқонон дар миёнаҳои асри XVI сар карда боиси инқирози соҳаи кишоварзӣ шуд.

Ҳамин тариқ, даври заиф шудани қудрати ҳарбии Туркия сар шуд. Дар шароите, ки дар Европаи Ғарбӣ давлатҳои мутамарказ пайдо шуда, ҳокимияти марказӣ пурзӯр мегардид, Туркия ба таназзул рӯбарӯ шуд.

**Соли 1684** давлатҳои Европа бар зидди Туркия **«Лигаи муқаддас»** ташкил карданд.

Дар охири асри XVI – ибтидои асри XVII Туркия мисли пешина қудрати ҳуҷумгарона надошт.



- **Волӣ** – ин ...
- **Аз миёнаҳои асри XVI сар карда** ...
- **Санҷоқбей** – ин ...
- **Соли 1684** ...

**Оғози мутеъ шудан ба давлатҳои Европа.** Бо мурури вақт Туркия ба бӯҳрони иқтисодӣ дучор омад. Дар ин шароит Туркия ба мадади давлатҳои Европа умед баст. Ба савдогарони европоӣ якчанд имтиёз ва сабукиҳо дода шуд. Масалан, барои тоҷирони Франсия ҳамагӣ се фоиз боҷ муқаррар гардид. Дар натиҷа бозорҳои Туркия аз молҳои Европа пур шуда рафтанд. Ин ҳол ба ҳунармандони маҳаллӣ зарбаи сахт расонд. Дар сиёсати хориҷӣ Туркия пеш аз ҳама ба Англия ва Франсия наздик шуд. Аз назари султонҳо онҳо дар муборизаи зидди Россия бояд иттифоқчии империя мешуданд. Ҳукуматҳои Англия ва Франсия аз вазъияти мавҷуда ба манфиатҳои худ истифода бурданӣ шуданд. Туркияи ба мадади онҳо умедвор дар **асри XVIII** чандин бор бо Россия биҷангид, аммо мағлуб шуд. Мағлубият ба инқирози муносибатҳои Асри миёна, ки дар Туркия ҳукм меронд, сабаб шуд.



Авлиё Чалабӣ

**Илм, маданият ва санъат.** Аз асри XVIII зери таъсри ғояҳои пешқадами Европа дар шаҳрҳои азим, пойтахт – Истанбул илмҳои дунёвӣ ба пешравӣ сар карданд. Дар ин замон олими бузурги турк **Кошиб Чалабӣ**, дар соҳаи математика ва астрономия **Хизр Халифа Табарӣ**, **Мулло Меҳмет Чалабӣ**, **Мустафо Коширзода** барин олимон фаъолият бурданд.

Дар ин замон дар адабиёти турк ҳам фаъолии ба худ хос мушоҳида шуд, асарҳои бузург ба дунё омаданд. Аз байни онҳо асари **«Сайёҳатнома»-и Авлиё Чалабӣ** ҳамчун манбаи таърихию географӣ аҳамияти хос дорад.

Дар соҳаи меъмории охири асри XVII – ибтидои асри XVIII услуби ноаён, услуби омехтаи аз миллият хеле дур пайдо шуд. Ҳол он, ки меъморони турк дар асрҳои XV–XVII обидаҳои бузурги таърихӣ офарида буданд. Хусусан, меъмори бузурги асри XVI Синон бо биноҳои бетакрори худ дар инкишофи меъмории турк саҳми калон гузоштааст.

Ҳамчун намунаҳои аҷиби меъмории асри XVII кӯшкҳои Бағдод ва Равонро дар қасри Тӯпқориро гуфтан мумкин. Санъати наққошӣ ва миниатюра ҳам хеле ривоҷ кард.

Дар наққошӣ аз расмҳо ва навиштаҷоти миниатюра ҳамчун воситаи ороиш истифода мебурданд.

Сарфи назар аз таъсири маданияти Европа дар Даври нав маданияти турк миллият ва хусусияти хоси худро нигоҳ дошт. Аммо бӯҳрони сиёсию иқтисодии империя ба инкишофи маданият низ таъсир накарда намонд.

***Хулоса, давлати Усмониҳо, ки дар Асрҳи миёна империяи тавоно буд, дар Даври нав инқирози калонмиқёсро аз сар мегузаронид. Кӯшишҳо барои татбиқи як қатор ислоҳотҳо мамлакат ба ниммустамликаи давлатҳои Ғарб табдил ёфта буд.***

**Лига** – иттифоқ, иттиҳодия.

**Империя** – давлате, ки дар он зери зӯрӣ халқҳои гуногуни забон, дин, анъанаҳои маданиашон аз якдигар фарқ мекунанд, муттаҳид гардидаанд.

?!

*1. Дар таърихи империяи Усмониҳо асри XVI чӣ гуна мақом дошт?*
*2. Мутеъгии Туркия аз давлатҳои Туркия чӣ гуна содир шуд?*
*3. Ба савдогарони Франсия дар Туркия чӣ гуна имтиёзҳо дода шуданд ва чаро?*
*4. Дар бораи муносибатҳои Туркия ва Россия дар асри XVIII чиҳо медонед?*

http://eduportal.uz

Аз интернет истифода бурда, ба *давлати Туркияи асрҳои XVI–XVIII* сайёҳати виртуалӣ кунед. Таассуротатонро дар дафтаратон қайд кунед.

## Мавзӯи 18-ум: ЭРОН ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

**Барпо шудани ҳукмронии сулолаи Сафавиҳо.** Дар охири XV Эрон ба якчанд ҳудуди ба ҳокимияти марказӣ итоат намекардагӣ тақсим шуда рафта буд. Дар натиҷаи он байни онҳо ҷанги дохилӣ авҷ гирифт ва ба тараққиёти кишвар таъсири манфӣ мерасонд. Аз ин сабаб кишвар суст шуд. Таназзули Эрон хавфи таҷовузи Туркияро бештар намуд.

Кадом давлати мустақили дар Эрон ташкилшуда дар масъалаи истилои Ӯрдаи Тиллоӣ ва назди Кавказ ба рақобат сар карда буд?

Дар натиҷа, чун давлати ягона муттаҳид намудани Эрон зарурати ҳаётӣ шуда монд. Ин вазифаи таърихиро лашкаркаш, ҳокими шаҳри Ардабел Исмоили Сафавӣ, ки обрӯи калони сиёсӣ дар Эрон дошт, амалӣ намуд.

Дар натиҷаи ҷангҳои Исмоили I Сафавӣ ҳудудҳои калон зери тасарруфаш даромаданд. Соли 1502 шаҳри Табрезро ишғол намуда, худро шоҳаншоҳ эълон кард. Ҳамин тариқ, давлате ба вуҷуд омад, ки дар таърих бо номи «давлати Сафавиҳо» дохил шуд. Таркиби давлат аз ҳисоби ҳудудҳои берун аз Эрон васеъ шуд. Пойтахт шаҳри Табрез шуд. Исмоили I Сафавӣ на танҳо давлати мутамарказ ташкил кард, балки онро ба яке аз давлатҳои пурқудраттарини замон табдил дод.

Исмоили I Сафавӣ бо мақсади мустаҳкам кардани ҳокимияти марказӣ шакли **суюрғали** заминдориро қариб тамоман бекор намуд. Ба ҷои он **туюл**ро ҷорӣ кард.

Аммо ин чора кӯшиши заминдорони калонро барои итоат накардан ба марказ бознадошт.

Давлатдорони сафавӣ мунтазам ҷангҳои истилогарона бурданд. Муборизаи халқҳои тобеи давлати Сафавиҳо бешафқатона пахш мешуданд.

**Даври ҳукмронии Шоҳ Аббоси I.** Дар даври Аббоси I (1587–1629) ба заминдории калони мустақил хотима гузошта шуд. Давлати Сафавиён

http://eduportal.uz

ба қуллаи баланди қудрат расид. Соҳибони замин замоне ба сафавиҳо ёрии калон расонда буданд, бар ивази он дар замони шоҳҳои оянда дар ҳудудҳои калон соҳиби замин гаштанд. Онҳо дар амал хонҳои ҳудудҳои мустақил шуданд.

Аббоси I пойтахтро аз шаҳри Табрез ба **Исфаҳон** кӯчонд. Дар низоми андози кишвар тартибот ҷорӣ кард ва миқдори онро кам намуд. Ба инкишофи савдо ва ҳунармандӣ эътибори алоҳида дод. Корвонсаройҳо ва роҳҳои нави савдо созонд. Ба роҳзанҳои роҳҳои савдо мубориза сахт бурд.



**Шоҳ Аббоси I**

Дар сиёсати хориҷӣ савдоро ривоҷ дод. Ин боиси авҷи савдои дохилӣ ва хориҷии Эрон шуд. Иншоотҳои нави обёрикунӣ барпо шуд. Ғайр аз ин, Аббоси I лашкари доимӣ ташкил кард.

**Оғози таназзули иқтисодӣ.** Аз **асри XVIII** дар давлати Сафавиён бӯҳрони иқтисодӣ оғоз ёфт. Аз сабаби он, ки заминдории шакли туюл хеле зиёд, ҳаҷми замини ба давлат мансуб кам буд, даромад ба хазинаи давлат каме коҳид.

Барои пешгирӣ кардани он ҳукмдорони минбаъда миқдори андози деҳқононро зиёд намуданд. Дар оқибати он хоҷагиҳои деҳқонӣ хонавайрон шуда, аҳволи савдогарон ва ҳунармандон бад гардид, андози сарикасӣ (ҷизя) ҳам афзуд.

Дар ниҳояти кор, деҳқонон аз иҷора гирифта, рӯзгор бурдан манфиатдор нашуданд. Деҳқонон ноилоҷ ба дигар ҷойҳо мерафтанд. Аммо шоҳ Султон Ҳусайн барои пешгирӣ кардани ин ҳолат соли 1710 фармоне баровард, ки мувофиқи он деҳқон заминро партофта намерафт.

Хонавайрон шудани хоҷагиҳои деҳқонӣ боиси якбар кам шудани савдои дохилӣ гардид.

- Аз охири асри XV Эрон ...
- Соли 1502 ...
- Соли 1710 ...
- Даври Аббоси I ...

http://eduportal.uz

**Истилои афғонҳо.** Бўҳрони иқтисодӣ дар навбати худ боиси сар задани норозигиҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ шуд. Акнун соҳибони заминҳои калон ба ҳокимияти марказӣ итоат намекарданд, халқҳои истилошуда барои озодӣ муборизаро авҷ доданд.

Масалан, соли 1722 афғонҳо таҳти раҳнамоии Мирмаҳмуд ба Эрони заифшуда ҳамла оварданд. Шоҳи Эрон Султон Ҳусайн маҷбур шуда, ҳокимиятро ба дасти Мирмаҳмуд супурд. Ҳамин тавр, дар таърихи Эрон замони мутеъгӣ ба афғонҳо сар шуд.

**Ба сари ҳокимият омадани Нодиршоҳ.** Ин замон ҳокимияти сафавиҳо ба ном мавҷуд буд. Шоҳи охирин Тахмаспи II дар амал ҳеҷ ҳокимияте надошт. Ғайр аз ин ў қобилияти ба ҷанги зидди туркҳо ва афғонҳо роҳнамун кардани мардумро надошт. Дар чунин шароит фарзанди шуҷоъ ва сарлашкари бузург Нодир Қулӣ ба майдон баромад. Вай лашкари афғонҳоро тамоман торумор карда, Эрон аз тобеъгии афғонҳо наҷот дод. Нодир Қулӣ ба ҳамаи қаламрави тобеи сафавиҳо ҳокимияти худро барпо карда, соли 1736 дар анҷумани ашрофони қабилаҳо худро шоҳи Эрон – **Нодиршоҳ** гуфта, эълон намуд. Ҳамин тариқ, ҳукмронии сулолаи сафавиҳо ба охир расид.

Дар натиҷаи ҷангҳои истилогаронаи бузурги Нодиршоҳ империяи калон барпо шуд. Аммо Нодиршоҳ **соли 1747** дар натиҷаи низоъҳои дохилӣ кушта шуд.

**Барпо шудани ҳукмронии сулолаи Қоҷорҳо.** Баъди ҳалокати Нодиршоҳ империя ба чанд қисм тақсим шуд. Дар Эрон барои тахт байни қабилаҳои гуногун мубориза авҷ гирифт. Дар ин мубориза роли асосиро қабилаҳои занд ва қоҷор бозиданд.

Муборизаи байни онҳо **соли 1758** бо ғалабаи **қабилаи занд** анҷом ёфт. Намояндагони ин қабила то **соли 1796** ҳукмронӣ карданд. **Соли 1796** ҳокимиятро **қоҷорҳо** ба даст гирифтанд.



**Соли 1722** афғонҳо таҳти раҳнамоии Мирмаҳмуд ба Эрони заифшуда ҳамла оварданд.

Дар даври **Аббоси I** давлати Сафавиён ба қуллаи баланди қудрат расид.

**Нодир Қулӣ соли 1747** дар натиҷаи низоъҳои дохилӣ кушта шуд.

Ҳамин тариқ, дар Эрон ҳукмронии сулолаи нав-сулолаи қоҷорҳо барпо гардид. Пойтахти мамлакат ба шаҳри Теҳрон кўчид. Пешвои қоҷорҳо Оғо Муҳаммад худро шоҳаншоҳ эълон намуд. Сулолаи нав дар Эрон то **соли 1925** ҳукмронӣ кард.

http://eduportal.uz

**Адабиёт, санъат ва меъморӣ.** Дар асрҳои XV–XVII ҳам анъанаҳои маданияти бостонии Эрон давом дода шуд. Хусусан, дар бобати шаҳрсозӣ, санъати амалӣ ва шеърият анъанаҳо нигоҳ дошта шуданд.



Хатоӣ

Дар ин давр шоирон **Хатоӣ** (Исмоили I Сафавӣ), **Содиқбеки Афшор**, **Соиби Табрезӣ**, намояндагони бузурги адабиёти классикии курд **Аҳмад Ҳасанӣ** ва **Мирзо Шафиқ** ва дигарон пурсамар эҷод карданд.

Санъати тасвирӣ ва меъморӣ ба дараҷаи баланд баромад. Қасрҳо, мадрасаҳо ва масҷидҳои аҷиб бунёд гардиданд. Масҷиди Шоҳ, масҷиди Шайх Лутфулло, Алӣ Капа ва қасри Чилсутун дар Исфаҳон аз ҷумлаи онҳо буданд.

Дар ин давр миниатюраи Эрон намунаи олитарини санъати бадеии классикии дунё ба шумор мерафт. Дар инкишофи санъати миниатюра дар Ҳирот мактаби Беҳзод таъсири калон расондааст.

Дар асри XVIII низ анъанаҳои маданӣ давом дода шуданд. Аммо карахтии иқтисодӣ ва парокандагии сиёсии кишвар дар адабиёт ва санъат низ инъикоси худро ёфт. Ғайр аз ин, даромада омадани европоиҳо низ ба анъанаҳои қадим таъсири худро нарасонда намонд. Бо назардошти талаби бозор ба истеҳсоли қолин ва дигар чизҳои санъати амалӣ эътибор дода шуд, ки минбаъд ба самтҳои тараққиёти маданияти Эрон рол бозид.

***Хулоса, дар натиҷаи ҷангҳои доимии байниҳамдигарӣ, шӯришҳо дар асри XVIII Эрон ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ рӯ ба инқироз овард. Ин боиси ба кишвар зада даромадани мустамликахоҳони Европа шуд. Эрони бемадоршуда ба объекти мустамликавии Англия ва Франсия, Россияи подшоҳӣ табдил ёфт. Дар натиҷа бо давлатҳои мазкур якчанд шартномаҳои нобаробарро имзо карда, ба экспансияи иқтисодӣ ва сиёсии онҳо роҳро кушода дод.***

**Тиюл** – мулки замин, ки ба амалдорон ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ, ё хизматҳои алоҳида дар назди шоҳ муваққатан ё умрбод дода мешуд. Аммо ин замин меросӣ набуд.



http://eduportal.uz

*1. Дар Эрон сулолаи сафавиҳо кай ба тахт омад?*
*2. Сафавиҳо барои мустаҳкам намудани ҳокимияти марказӣ кадом чораҳоро ҷуста буданд?*
*3. Нодиршоҳ дар кадом шароит ба сари тахт омад ва чаро ҳокимияти ӯ умри дароз надид?*
*4. Ба сари ҳокимияти Эрон омадани сулолаи қоҷорҳо чӣ гуна ба амал омад?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Аз матн истифода бурда, оид ба *таърихи Эрон дар асрҳои XVI–XVIII* дар дафтаратон хронологияи таърихиро паи ҳам нависед.

## Мавзӯи 19-ум: КИШВАРҲОИ АФРИКА ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

Таърихи Африкаро аз нуқтаи назари тамаддунӣ ба ду-аз Саҳрои Кабир то шимол ва ҷануб ҷудо карда, омӯхтан маъқул аст.

**Африкаи Шимолӣ.** Дар қисми шимолӣ аз Саҳрои Кабири қитъа кишварҳои арабие, мисли Миср, Судан, Либия, Ҷазоир, Тунис, Марокаш ва Мавритания ҷойгир шуда, онҳо аз асри VII сар карда, зери таъсири дин ва маданияти ислом инкишоф ёфтанд. Дар асри XVI аксар кишварҳои араб аз тарафи усмониҳо забт карда шуданд. **Мисри** тахти ҳукмронии мамлукҳо ҳам аз аввалинҳо шуда, мустақилии худро аз даст дод. Дар ибтидои **соли 1517** лашкари Салими I пойтахти Миср Қоҳираро ишғол ва онро тороҷу вайрон кард.

Истилои туркҳо ба муносибатҳои мавҷудаи иҷтимоию сиёсии кишвар тағйироти ҷиддӣ надаровард. Фақат ҳокимияти мамлукҳо сарнагун карда, ҳамаи феодалон мулкҳову имтиёзҳои худро нигоҳ доштанд. Миср мақоми алоҳидаи подшоҳиро гирифт ва дар амал давлати ниммустақил шуд. Ҳокимияти маҳаллии идоракунӣ пурра дар дасти амирони мамлукҳо монд. Туркҳо аз маҳорати идоракунӣ, шароити маҳаллиро донистани мамлукҳо, нағз донистани урфу одатҳои аҳолӣ ба манфиати худ истифода бурданд.

Дар Миср техникаи истеҳсолот гарчанде хеле оддӣ буд, тақсимоти меҳнат дар мануфактураҳо ба афзоиши маҳсулот оварда расонд. Аз ин рӯ, савдои дохилӣ ва хориҷӣ зуд пеш мерафт. Миср бо давлатҳои Европа ва ҳамсояи Осиё муносибатҳои хуби савдоиро ба роҳ монд. Дар охири асри XVIII танҳо дар шаҳри Қоҳира 5 ҳазор нафар савдогарони хориҷӣ фаъолият доштанд.

http://eduportal.uz

Дар солҳои 60-уми асри XVIII ҷангҳои байни ашрофони мамлукҳо оғоз ёфта ба вазъи иқтисодии Миср таъсири бад расонд. Худсариҳо, зулм бар деҳқонону ҳунармандон сабабгори эътирози ҷиддӣ дар кишвар шуданд.

Ба ҳаракати халқии зидди зулми туркҳо ва мамлукҳо шайхони машҳури масҷиди Ал-Азҳари Қоҳира раҳнамоӣ мекарданд. Бо даъвати онҳо тобистони **соли 1795** ҳунармандон ва савдогарони қоҳирагӣ дӯконҳояшонро пӯшиданд.

Ҳокимони мамлукҳо маҷбуран бо шайхҳо музокира бурда, барои қатъи зӯрӣ ва худсарӣ ваъда доданд.

**Соли 1798** лашкари франсузҳо бо сарварии Наполеон ба Миср зада даромад ва Қоҳираро ишғол кард. Масҷиди Ал-Азҳар дар замони ҳуҷуми истилогаронаи франсузҳо ба маркази ҳаракати халқӣ табдил ёфт. Соли 1800 франсузҳо маҷбуран Мисрро тарк карданд.

Дар ибтидои асри XVI испанҳо ба Ҷазоир зада даромада, ҳудудҳои соҳилии онро забт карданд. Сарвари ҳаракати халқии зидди испанҳо Хайриддин барои ёрӣ ба туркҳо мурочиат кард. Султони Усмониҳо Салими I барои ҷойгир шудан дар Африкаи Шимолӣ аз фурсат истифода бурда, ба Хайриддин унвони бекларбегӣ (беки бекон) дод. Ба **Ҷазоир** корпуси бузурги яничарҳо, киштиҳои ҳарбӣ, артиллерия ва ёрии молиявӣ фиристод. Хайриддин ба ёрии туркҳо такя карда, паси ҳам шаҳрҳои Ҷазоирро аз испанҳо озод кард. Ҷазоир расман ба Истанбул итоат карда бошад ҳам, подшоҳи кишвар қариб сиёсати мустақил мебурд.

Дар асри XVI ба **Либия** низ европоиҳо даромаданд. Соли 1510 Триполиро испанҳо ишғол карданд. Либиягиҳо низ барои мадад ба султон Салими I мурочиат карданд.

Туркҳо зери шиори озод кардани мусулмонҳо **соли 1551** тамоми Либияро ба империяро ҳамроҳ намуданд. Аз асри XVIII эътиборан Либия ба ном ба Истанбул мутеъ буд, сиёсати мустақилонаи дохилӣ ва хориҷиро татбиқ мекард.

Аз асри XVI испанҳо ва туркҳо ба **Тунис** мароқ зоҳир карданд. Дар натиҷа **соли 1574** лашкари туркҳо иборат аз 40 ҳазор нафар ба соҳилҳои Тунис фаромада, дар он ҷо ба ҳукмронии испанҳо хотима гузоштанд.

**Судан ва Марокаш** мустақилии худро нигоҳ доштанд. Марокаш бо империяи Усмонӣ ва давлатҳои Европа шартномаҳои савдоӣ имзо карда, фоидаи калон медид. Мамлакат нағз тараққӣ мекард.



http://eduportal.uz

**Африкаи Ғарбӣ.** Европоиҳо, асосан португалиҳо ва испанҳо дар асри XV ба ҳудудҳои Африкаи Ғарбӣ бо омадан сар карданд. Португалиҳо ва испанҳо аз **соли 1434 то соли 1482 ҳудудҳои** соҳилиро аз димоғаи Сабз то дарёи Конгоро омӯхтанд. Португалиҳо аввал аз ин ҷо тилло гирифта рафтанд. Зеро дар ин давр дар бозорҳои Европа ба ғуломон эҳтиёҷ чандон зиёд набуд.

Дар таърихи инсоният ғуломдорӣ кай пайдо шуд?

Дар натиҷаи ба мустамлика табдил ёфтани қитъаи Америка ва бо сабабҳои гуногун нобуд шудани аҳолии маҳаллӣ зарурият ба қувваи корӣ пайдо шуд. Ин эҳтиёҷ хусусан дар ҳудудҳои хоҷагиҳои плантатсионӣ хеле пурзӯр буд. Манбаи ин гуна қувваи корӣ асосан аҳолииАфрикаи Ғарбӣ буда, баъди чандин сад сол ин ҷойҳо ба бозори хеле калони ғуломон табдил ёфт.

То охири асри XVI бо савдои ғуломон фақат португалиҳо машғул мешуданд. Онҳо дар соҳилҳои Африкаи Ғарбӣ ҷойгир шуда, оҳистаоҳиста ба воситаи дарёҳои Сенегал ва Гамбиа дохили қитъа шуданд. Аммо дар ин ҷойҳо давлатҳои пурқудрат ҳам буданд, ки португалиҳо худро чун истилогар нишон дода наметавонистанд. Аз ин сабаб онҳо эътибори асосиро ба Гвинеяи Поён, соҳилҳои укёнуси Атлантика нигаронидааст. Португалиягиҳо соҳилҳоро ба чор ҳудуд тақсим карда,



**Ҷараёни меҳнати халқҳои баату дар замин**

онҳоро бо молҳои асосие, ки ин ҷойҳо мекашиданд, номиданд. Масалан, соҳилҳои Либерияи Шимолии ҳозира соҳили Қаламфур, соҳили Устухони фил, соҳили Тилло, байни дарёҳои Волта ва Нигер бошад, соҳили Ғуломон ном гирифт.

Дар охири асри XVI дар ҳамаи ҳудудҳои Америка, ки ба мустамликаҳои Испания, Англия ва Франсия табдил ёфта буданд, хоҷагиҳои плантатсионӣ вусъат ёфтанд. Дар натиҷаи он эҳтиёҷ ба меҳнати ғуломон беш аз пеш афзуд. Барои ишғол кардани бозори қувваи кории Африка байни давлатҳои Европа муборизаи шадид сар шуд. Дар оқибати ин мубориза аҳолии Африка зарари калон дид.

Аз асри XVII дар бобати савдои ғуломон голландҳо пешқадамиро ба даст гирифтанд ва ба мустамликадорони испан дар Америка ғуломони африкоиро бурда мерасониданд. Аммо ҳукмронии Голландия дар бозори ғуломон дер давом накард. Аз нимаи дуюми асри XVII барои ишғол кардани бозорҳои мустамлика Англия ва Франсия ҳамроҳ шуданд. Плантаторҳои англис ва франсуз ба туфайли васеъ намудани хоҷагиҳои худ барои аз они худ кардани бозори меҳнати ғуломон, даст кашидан аз хизмати савдогарони португалӣ ва голландӣ, ки бар ивази молашон тиллою нуқра мегирифтанд, ҳаракат менамуданд. Шветсия, Дания, Бранденбург барин давлатҳо низ ба савдои ғуломон ҳамроҳ шуданд. Муборизаю рақобати байни давлатҳои пурзӯри Европа дар нимаи дуюми асри XVII ва тамоми асри XVIII давом кард. Қитъаи Африка, хусусан, Африкаи Ғарбӣ ва Марказӣ майдони ин мубориза шуданд.

Онҳое, ки бо савдои ғуломон машғул буданд, аз он фоидаи калон медиданд. Бошиддат пеш рафтани шаҳрҳои Европа ва Америка, аз қабили Бристол, Ливерпул, Манчестер, Лондон, Нант, Руан, Амстердам, Ню-Йорк, Орлеани нав, Рио-де-Жанейро бо фоидаи аз савдои ғуломон меомада вобаста буд.

Дар асрҳои XVI–XVIII ғуломфурӯшони европоӣ ба Америка **15–16 миллион** ғулом оварданд. Арабҳо низ ба кишварҳои мусулмон тахминан ҳамин қадар ғулом фурӯхтанд. Аксари ғуломон ҳангоми бурдан ба манзил нобуд мешуданд. Фақат ба воситаи уқёнуси Атлантика ҳангоми бурдани ғуломон барои фурӯхтан **60–70 миллион** нафар африкоӣ ҳалок шуд.

Савдои ғуломон на фақат афзоиши табиии аҳолии Африкаро боздошт, балки ҷамъияти африкоиҳоро ба роҳи ғайриоддии тараққиёт тела дод. Савдои ғуломон дар ҷамъияти африкоиҳо нобаробарии мулкию иҷтимоиро пурзӯр намуд, ба вайроншавии сохти қабилавӣ, ба ташаккули

http://eduportal.uz

доираи ғуломфурӯшон аз байни пешвоёни қабила оварда расонд. Савдои ғуломон ба таназзули халқҳои Африка, пайдоиши ҳисси нобоварӣ ба якдигар ва нафрат сабаб шуд. Бар ивази беҳол шудани Африка ба туфайли савдои ғуломон мамлакатҳои Европа ва Америка аз нигоҳи иқтисодӣ гул-гул мешукуфтанд.

- Соли 1517...
- Соли 1551..
- Соли 1795...
- 15–16 миллион...

Яке аз оқибатҳои вазнини савдои ғуломон барои Африка ҳолати психологӣ буд: ҳаёти инсон беқадр шуд. Оқибати манфуртарину ғайриинсонии ғуломдорӣ ташаккул ёфтани мафкураи нажодпарастӣ аст. Европоиҳо барои ҳақ баровардани кирдорҳои ғайриинсонию бехулқии худашон дар роҳи забт карда, ба мустамлика табдил додани Африка аз ин мафкура устокорона истифода мебурданд.

**Соли 1798** лашкари французҳо бо сарварии Наполеон ба Миср зада даромад ва Қоҳираро ишғол кард.

Фақат ба воситаи **уқёнуси Атлантика** ҳангоми бурдани ғуломон барои фурӯхтан **60–70 миллион** нафар африкоӣ ҳалок шуд.

***Дар асрҳои XVI–XVIII кишварҳои Африкаи Шимолӣ ба таркиби империяи Усмониҳо ҳамроҳ карда шуданд. Ин боиси ба ин ҳудуд паст шудани таъсири европоиҳо, дар доираи тамаддуни исломӣ роҳи тараққиёти ба худ хосро тай кардани халқҳои араби маҳаллӣ гардид.***

***Ба Африкаи Ғарбӣ даромада омадани европоиҳо ба бошиддат аз худ шудани сарватҳои табиии қитъа, инкишофи ғуломдорӣ ва савдои ғуломон оварда расонд. Савдои ғуломон дар таърихи африкоиҳо нақши фоҷиабор гузошт.***

**Мамлук** – табақаи ҳарбиён дар асрҳои миёна дар Миср. Онҳо асосан аз ҷавонони ғуломи мансуб ба халқҳои Кавказ ва туркӣ ташкил меёфтанд.

**Нажодпарастӣ** – маҷмӯи назария, мафкура оид ба нобаробарии ҳамаи нажодҳо, таъсири тафовути ирқӣ ба таърих ва маданияти халқҳо.

?!

1. *Аз тарафи усмониҳо забт шудани Миср боиси кадом дигаргуниҳо дар муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии ин ҷойҳо шуданд?*
2. *Ба Африкаи Ғарбӣ даромада омадани европоиҳо кай сар шуд?*
3. *Эҳтиёҷи европоиҳо ба савдои ғуломон кай пайдо шуд?*
4. *Савдои ғуломон ба сари африкоиҳо чӣ оқибатҳоро овард?*

http://eduportal.uz




## БОБИ IV. КИШВАРҲОИ ЕВРОПА ВА АМЕРИКА ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

### Мавзӯи 20-ум: БРИТАНИЯИ КАБИР ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Инкишофи саноат.** Дар ин давр саноати Британияи Кабир хеле тараққӣ кард. Соҳаҳои бофандагӣ, металлургия, мошинсозӣ, кон ҷойҳои аввалро ишғол намуданд.

Дар таърихи Англия «Ҷанги гулҳои сафед ва сурх» кай рӯй дода буд?

Дар оқибати мошиникунии истеҳсолот соли 1816 дар Британия мошинҳо меҳнати дастии баробар ба 150 миллион одамро иҷро мекарданд. Ҳол он ки аҳолии Британияи Кабир он вақт 12 миллион нафарро ташкил мекард.

Дар асри XIX дар соҳаи истеҳсоли дастгоҳҳо дар мошинсозӣ баробари инқилоб ихтироъ рӯй дод. Инкишофи мошинсозӣ имконияти коркарди металлро дод. Акнун бо ёрии як мошин боз як мошини дигарро офаридан мумкин шуд. Тараққиёти саноатӣ пайдо шудани соҳаи нави нақлиётро тақозо кард. **Соли 1825** дар Британияи Кабир дар **дунё бори**

http://eduportal.uz



**Инқилоби саноатӣ дар Англия**

**аввал роҳи оҳан** сохта шуд. Ин ҳодиса ба ҳам пайвастани минтақаҳои гуногуни мамлакатро ва арзон шудани боркашониро таъмин намуд.

Дар оқибат соҳибони заводу фабрикаҳо бештар маҳсулотро мебаровадагӣ шуданд.

Оғози сохтмони роҳи оҳан дар навбати худ эҳтиёҷро ба чўян, оҳан ва пўлод зиёд кард. Соҳаи нави саноат-паровозсозӣ пайдо шуд. Ин боиси ташкил додани флоти тавонои савдо ва ҳарбӣ шуд.

Асри XIX дар таърих ҳамчун асри истифодаи мошинҳои буғӣ дохил шуд. Ин тағйироти ҳаёти кишвар мавқеи Британияи Кабирро ҳамчун «ҳукмдори баҳрҳо» боз ҳам мустаҳкам намуд. Дар ин замон дар кишоварзӣ истифодаи мошинҳо ва нуриҳои маъданӣ сар шуд. Сохтмони корхонаҳои калони саноатӣ давом дода шуд. Сохтмони роҳҳои оҳан ва корхонаҳои азими саноатӣ маблағи зиёдро талаб менамуд. Ин қудрати банкҳои тиҷоратиро боз ҳам боло бурд. Онҳо акнун дар миқёси байналмилалӣ фаъолият нишон медоданд.

Дар кишвар консентратсия шудани истеҳсолоти саноатӣ рўй дод. Бори аввал дар таърихи ҷаҳон дар иқтисодиёти мамлакат пешқадамӣ аз хоҷагии қишлоқ ба саноат гузашт. Британияи Кабир дар дунё ба мамлакати якуми саноатишуда табдил ёфт.

**Ба поён расидани табаддулоти саноатӣ.** Дар солҳои 40-уми асри XIX пешравии босуръати саноат ва тараққиёти илму техника ба ҳодисаи навба поёнрасии табаддулоти саноатӣ оварда расонд. Зери ибораи «ба поёнрасии табаддулоти саноатӣ» оғози офаридани як мошин бо ёрии мошини дигар фаҳмида мешавад. Ин ҳодиса дар Британияи Кабир дар солҳои 40-уми асри XIX рўй дод. Дар саноат мошини буғӣ қувваи асосӣ шуд. Ангиштсанг ба намуди муҳими сўзишворӣ табдил ёфт.

**Ислоҳоти парламент.** Соли 1825 парламенти Британияи Кабир қонунро дар бораи манъи корпартоӣ қабул намуд. Ин қонун боиси норозигӣ дар байни коргарон шуд. Дар натиҷа масъалаи ислоҳоти парламент ба миён омад. Дар оқибат соли 1832 ислоҳоти парламент гузаронида шуда, тартиби интихобот тағйир ёфт.



- Солҳои 40-уми асри XIX ...
- Ба охир расидани табаддулоти саноатӣ...
- Соли 1816 ...
- Соли 1825 ...



**Меҳнати бачагон дар Англия (солҳои 1815–1848)**

Мувофиқи он ба марказҳои бузурги саноатӣ аз парламент 144-то ҷой ҷудо карда шуд. Ҳамин тавр, буржуазияи саноатӣ акнун аз нигоҳи сиёсӣ низ ҳукмронии худро мустаҳкам кард. Дар натиҷаи ислоҳот роли палатаи поёнии парламент дар ҳаёти сиёсии кишвар афзуд. Он ҳуқуқи назорати буҷети давлатро дар худ нигоҳ дошт. Ҷавобгарии ҳукумати Британияи Кабир фақат дар назди палатаи поёнӣ муқаррар гардид. Агар палатаи поёнӣ нисбат ба ҳукумат норозигӣ изҳор намояд, ба истеъфо рафтани ҳукумат маҷбурӣ буд.

Парламенти нави баъди ислоҳот интихобшуда барои бачагони то 13-сола вақти кори 8-соатаро муқаррар намуд, ба меҳнат ҷалб кардани бачаҳои то 9-сола манъ шуд.

Ислоҳоти парламент муборизаро барои ҳуқуқи интихобот пурра боз надошт.

Соли 1836 дар шаҳри Лондон «Ассосиатсияи кории мубориза барои ҳуқуқи умумии интихобот» таъсис ёфт. Он оид ба масъалаи васеъ кардани ҳуқуқи интихобот дар тӯли 12 сол се маротиба ба парламент **хартия** – баёния супурд. Ҳаракат барои ба ҳамаи мардон додани ҳуқуқи интихобот ба таърих бо номи **«ҳаракати чартистҳо»** дохил шуд.

Ин ҳаракат гарчанде шикаст хӯрд, ба интихоботи ояндаи парламент таъсир расонд. Соли 1867 ислоҳоти дуюми парламент гузаронида шуд. Тибқи он мардоне, ки дар шаҳрҳо хонаву ҷо дошта, дар хонадони алоҳида иқомат доранд, ҳуқуқи интихобот пайдо карданд.

**Сиёсати хориҷӣ.** Дар солҳои 50-уми асри XIX аз нигоҳи тараққиёти саноатӣ, миқёси савдо ва қудрат дар баҳр Британияи Кабир дар дунё ба мақоми аввал баромад.



**Соли 1825** дар Британияи Кабир дар дунё бори аввал роҳи оҳан сохта шуд.

**Дар солҳои 40-уми асри XIX дар** Британияи Кабир табаддулоти саноатӣ ба охир расид.

**Соли 1836** дар шаҳри Лондон «Ассосиатсияи кории мубориза барои ҳуқуқи умумии интихобот» таъсис ёфт.

Ин қудрат ба он имконияти боз ҳам мустаҳкам кардани ҳумкронии мустамликавӣ бар дигар давлатҳо ва васеъкунии онҳоро дод. Ҳукумати англис ба сохтани базаҳои ҳарбии баҳрии пурзӯр дар минтақаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳими дунё ва ба итоат даровардани ҳудудҳои такягоҳӣ эътибори алоҳида дод.

Дар асри XVIII ва нимаи якуми асри XIX дар роҳҳои баҳрӣ ва роҳҳои аз байни уқёнусҳо гузаранда як қатор пунктҳои такягоҳӣ истило карда шуданд. Айнан ба ҳамин базаҳои ҳарбӣ ва бартарии калони флоти ҳарбӣ такя карда, Британияи Кабир дар миёнаҳои асри XIX ба давлати бузургтарини мустамликавӣ табдил ёфт. Ҳиндустон дар байни мустамликаҳои Британияи Кабир аз ҳама калон буд, дар он 300 миллион аҳолӣ (аз аҳолии Британия 10 баробар зиёд) иқомат мекард.

**«Мустамликаҳои сафед».** Британияи Кабир дар сиёсати мустамликавии худ ба «колонияҳои сафед» низ эътибори калон дод. Ҳудудҳои Америка, Африка ва Австралия, ки аз тарафи одамони аз Британияи Кабир ва дигар кишварҳои Европа омада аз худ шуда буданд, номи «Мустамликаҳои сафед»-ро гирифтанд. Канада, Австралия, Зеландияи нав аз қабили он мустамликаҳо буданд. Ин мустамликаҳо барои худидоракунӣ мубориза мебурданд. Ин мубориза, хусусан, дар Канада бошиддат давом кард. Дар натиҷа, Британияи Кабир маҷбур шуда, ба Канада мақоми доминион дод.

***Асри XIX аз бисёр ҷиҳат асри Британияи Кабир шуд. Дар ин ҷо бори нахуст асосҳои давлати ҳуқуқӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ гузошта шу-***

http://eduportal.uz

***данд. Пешравии илму техника боиси табаддулоти саноатӣ шуд ва Англия ба «устохонаи дунё» табдил ёфт. Англисҳо ҷангҳои доимӣ бурда, империяи бузургеро ба вуҷуд овардананд, ки чоряк қисми аҳолии Заминро як карда буд.***

**Истеъфо (барканор аз вазифа)** – аз лавозим рафтан.
**Консентратсия (як, марказӣ)**– дар як ҷо ҷамъ шудани ягон чиз.
**Доминион** – кишвар, ҳудуде, ки худашро худ идора мекунад.

*1. Дар бораи пешрафти саноатии Британияи Кабир ва оқибатҳои он чиҳоро донista гирифтед?*
*2. Мазмуни ибораи «Ба поёнрасии табаддулоти саноатӣ»-ро шарҳ диҳед.*
*3. Мубориза барои ислоҳот дар Британияи Кабир чӣ гуна анҷомид?*
*4. Оид ба давлати бузургтарини мустамликавӣ будани Британияи Кабир мисолҳо оваред.*

**Супориши кори эҷодӣ**

Матни мавзӯъро дар асоси ҷадвали «Insert» таҳлил кунед ва рӯзномаи ду қисмӣ созед.

Аз интернет истифода бурда, ба *давлати Британия Кабир дар асри XIX* сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед. Таассуротатонро ба дафтаратон қайд кунед.

## Мавзӯи 21-ум: ФРАНСИЯ ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Империяи якум дар Франсия (1804–1814).** Баъди табаддулоти давлатии соли 1799 Наполеон лавозими Консули аввалинро гирифт. Баъд тамоми умр ба консулӣ интихоб шуд. Соли 1804 Сенат ӯро «Императори франсузҳо Наполеони I» эълон кард. Ҳамин тавр, дар Франсия монархия аз нав барпо шуд. Аммо ин монархия на ба ашрофзодагон, балки ба буржуазия хизмат мекард.

Дар Франсия кай монархияи табақавӣ, яъне давлати мутамарказе, ки ба ҷамъи намояндагони табақаҳо такя мекунад, ташаккул ёфт?

Дар замони императори якум дар натиҷаи ҷангҳои Наполеон ҳудудҳои империя васеъ шуд. **Соли 1805 дар ҷанги Аустерлитс** Наполеон бар

http://eduportal.uz



**Ҷанги Аустерлитс**

лашкари муттаҳидаи асосан аз армияи Россия ва Австрия иборат ғалабаи ҳалкунандаро ба даст овард. Дар ҷанги зидди Наполеон императорони Россия ва Австрия Александри I ва Франси II иштирок карданд.

Наполеон аз ин ҷанг рӯҳбаланд шуда, нисбат ба Британияи Кабир «муҳосираи қитъавӣ» эълон кард. Тибқи он тамоми давлатҳои тобеи Наполеон бо Британияи Кабир набояд савдо кунанд. Мақсади Наполеон бо ҳамин роҳ тобеъ кардани Британияи Кабир буд.

Соли 1807 Россия низ бо Наполеон Шартномаи сулҳ ва иттифоқиро баста, ҳамаи ғалабаҳои Франсияро дар Европа эътироф кард. Тибқи шартнома Россия ӯҳдадор шуд, ки бо Британияи Кабир алоқаашро канда, ба муҳосираи қитъа ҳамроҳ мешавад.

Аммо Наполеон бо муҳосираи қитъавиаш бар зидди Британияи Кабир ба мақсад нарасид. Аҳолӣ аз ҷангҳои доимӣ хаста шуд, дар кишвар норозигӣ, дар ҳудудҳои истилошуда ҳаракати миллию озодихоҳӣ оғоз ёфтанд.

Барои пахши эътирозҳо ба Наполеон як ҷанги ғолибона зарур буд. Аз ин рӯ вай бар зидди Россия ҷанг сар карда, ғалабаашро ба нақша гирифта буд.

- Соли 1799...
- Соли 1804...
- Даври империяи якум-ин...
- Соли 1825...

**Ҷанги зидди Россия.** Соли 1812 Наполеон бар зидди Россия ҷанг сар кард. Ҷанг дар таърихи Россия бо номи «Ҷанги ватанӣ» дохил шуд. Ҷанги ҳалкунандаи байни лашкарҳои ду давлат 7-уми сентябри соли 1812 дар деҳаи Бородинои назди Москва шуда гузашт. Дар ҷанги Бородино аз ҳар ду тараф талафот зиёд шуд. Наполеон Москваро ишғол кард. Аммо лашкари вай бенизомӣ карда, аскарон ба тороҷгарӣ гузаштанд. Дар лашкар рӯҳи ҷанговарӣ намонд.

Наполеон маҷбур шуд Москваро тарк намояд. Армияи Россия бо сарварии М.И. Кутузов французҳои ақибнишастаро таъқиб карда, ба он талафоти калон расонид.

**Афтидани империя.** Ҷанги байни лашкарҳои муттаҳидаи кишварҳои Европа бо армияи Наполеон дар остонаи Лейпсиг соли 1813 ба амал омад. Дар ин ҷанги номи «Ҷанги халқҳо»-ро гирифта лашкари Наполеон шикаст хӯрд.

Соли 1814 лашкари иттифоқчиён ба шаҳри Париж даромад. Наполеон аз тахт даст кашид. Иттифоқчиён ӯро ба ҷазираи Элба бадарға карданд. Ҳамин тавр, империя афтид.

Давлатҳои иттифоқчӣ дар Франсия оид ба барпо кардани ҳокимияти сулолаи бурбонҳо қарор намуданд. Додари шоҳ Людовики XVI, ки дар солҳои инқилоб қатл шуда буд, Людовики XVIII бо қарори Сенат ба тахт нишаст. Иттифоқчиён ба Франсия шартномаи сулҳ имзо карданд. Мувофиқи он Франсия аз ҳамаи ҳудудҳое, ки Наполеон забт карда буд, маҳрум шуд.

**Ҷанги Ватерлоо.** Аммо вазъияти дохилии Франсия мураккаб шуда мерафт. Ашрофзодагони кӯҳна ҷорӣ намудани тартиботи феодалӣ ва монархияи мутлақ, инчунин молу мулкашонро, ки аз даст дода буданд, талаб менамуданд. Аъёнҳои нави дар замони Наполеон бойшуда ва афсарони аз армия рафта низ норозӣ буданд.

Наполеони ин замон дар бадарғабуда аз вазъият истифода бурданӣ шуд. Ӯ моҳи марти **соли 1815 аз Элба** ба ҷануби Франсия омад. Лашкари иборат аз 30 ҳазор нафар, ки Людовики XVIII ба ҷанг фиристода буд, ба тарафи Наполеон гузашт.

Наполеон шаҳри Парижро гирифта, ба тахт нишаст. Аммо ин дафъа ӯ ҳокимиятро ҳамагӣ 100 рӯз идора кард. Давлатҳои иттифоқчӣ (Брита-

http://eduportal.uz



**Ҷанги Ватерлоо**

нияи Кабир, Голландия ва Пруссия) лашкари калонро зидди Наполеон фиристоданд. Ҷанги ҳалкунандаи ду тараф дар деҳаи Ватерлоо (ҳоло дар ҳудуди Белгия) ба амал омад. Он ба таърих бо номи **«ҷанги Ватерлоо»** дохил шуд.

Наполеони бори дуюм аз тахт рафта, акнун ба ҷазираи дури Еленаи Муқаддас бадарға карда шуд ва дар он ҷо соли 1821 вафот кард. Дар Франсия ҳокимияти бурбонҳо аз нав барпо шуд.

**Конгресси Вена.** Давлатҳои ғолиб конгресс даъват карданд. Ин конгресс солҳои 1814–1815 дар пойтахти Австрия шаҳри Вена шуда гузашт. Мақсади асосии конгресс бар манфиати давлатҳои ғолиб тақсим кардани Европа буд.

Бино ба ҳуҷҷати хотимавии конгресс ҳудуди Франсия дар сарҳади соли 1789 монда шуд. Дар Европа таъсири Британияи Кабир ва Россия пурзӯр шуд.

**7-уми сентябри соли 1812** ҷанги Бородино шуда гузашт.

**Соли 1813** дар остонаи Лейпсиг «Ҷанги халқҳо» ба амал омад.
**Соли 1821** Наполеон вафот кард.

Дар айни вақт Конгресси Вена **баёнияро** (декларатсия) оид ба манъи савдои ғуломони сиёҳпӯст қабул кард.

**«Иттифоқи муқаддас».** Бо мақсади мубоpизаи якҷоя зидди инқилобҳои эҳтимолӣ дар Европа соли 1815 дар конгресси Вена монархҳои се давлат-Россия, Австрия ва Пруссия иттифоқ таъсис доданд, ки бо номи «Иттифоқи муқаддас« ба таърих дохил шуд.

**Монархияи июлӣ дар Франсия. Барпошавии империяи дуюм.** Соли 1824 Людовики XVIII вафот кард. Тахтро додараш Карли Х гирифт. Ӯ барои мустаҳкам кардани ҳокимият, соли 1830 парламенти кишварро пароканда кард ва маҳдуд намудани ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандонро маълум сохт. Ин боиси сар задани инқилоб дар шаҳри Париж шуд. Иштирокчиёни он буржуазия, коргарон, ҳунармандон ва донишҷӯён буданд. Мақсади инқилоб барпокунии республика дар Франсия буд.

Шоҳи Франсия Карли Х аз инқилоб тарсида, ба хориҷа гурехт. Ҳокимият ба дасти буруҷазияи калон-банкирҳо, саноатчиён ва заминдорони калон гузашт. Онҳо хеши бурбонҳо Луи Филиппро ба тахт шинонда, ҳамин тариқ монархияро нигоҳ доштанд. Ин ҳодиса моҳи июли соли 1830 ба амал омад, аз ин рӯ ба таърих бо номи «Монархияи июлӣ» дохил шуд. Дар даври он Конститутсияи нав қабул карда шуд. Дар **конститутсия** озодии сухан, матбуот, ҷамъомадҳо эълон шуд. Барои интихобкунандагон сензи сол ва мулк кам карда шуд.

Аммо аҳволи коргарон ва деҳқонон вазнин шуда монд. Шӯришҳои онҳо бераҳмона пахш карда мешуданд.



- Соли 1815 ...
- Соли 1824 ...
- Монархияи июлӣ – ин ...

**Инқилоби соли 1848.** Зимистони соли 1846 дар Франсия хеле хунук омад, ғаллаи тирамоҳӣ нобуд шуд. Дар оқибати он нархи озуқаворӣ, пеш аз ҳама нон хеле баланд шуд.

Зиёда аз ин, дар натиҷаи зимистони қаҳратун дарахтони тутро хунук зад, саноати бофандагии вобаста ба пилла ба инқироз дучор омад ва бекорӣ авҷ гирифт.

http://eduportal.uz

Ин гуна вазъият ба пастравии истеҳсолот, беқурб шудани пул оварда расонд. Дар натиҷаи пӯшидашавии корхонаҳо ва ихтисор шудани ҷои корӣ бекорӣ авҷ гирифт. Ҳамин тариқ, барои оғози инқилоб шароит пухта расид.

Ниҳоят, моҳи феврали соли 1848 дар таърихи Франсия боз як инқилоб рӯй дод.

Дар муддати кӯтоҳ ҷойҳои муҳими Париж, муассисаҳо ба дасти шӯришгарон гузашт. Шоҳ Луи Филипп аз тахт даст кашида, ба Британияи Кабир гурехт. Шӯришгарон қасри шоҳро ишғол карда, тахти онро оташ заданд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи инқилоби февралии соли 1848 монархияи Июлӣ сарнагун шуд. 25-уми феврал Франсия Республика эълон шуд. Ин дар таърихи Франсия республикаи дуюмин аст. Парламенти кишвар ҳукумати муваққатӣ таъсис дод.

Ҳукумати нав озодии матбуот, намоишҳоро эълон намуд. Инчунин ба ҳамаи мардоне, ки 21 солро пур кардаанд, ҳуқуқи нтихобот дод.

Зимистони **соли 1846** дар Франсия хеле хунук омад, ғаллаи тирамоҳӣ нобуд шуд.

**25-уми феврали соли 1848** Франсия Республика эълон шуд.

**Империяи дуюм.** Дар мамлакат ҳукумате зарур буд, ки тартиботро ҷорӣ намояд. Аз ин сабаб табақаҳои ҳукмрон оид ба ҷорӣ кардани лавозими президентии дорои ваколатҳои калон қарор намуданд.

Декабри соли 1848 ҷияни Наполеон Бонопарт Луи Наполеон Бонопарт Президенти Франсия интихоб шуд. Аз нав ташкил кардани империяи Франсия мақсади асосии вай буд.

2-юми декабри соли 1852 ӯ худро бо номи Наполеони III императори Франсия эълон намуд. Ҳамин тариқ, дар Франсия Империяи дуюм барқарор шуд. Гарчанде Наполеони III «Империя-сулҳу осоиш» гуфта буд. Франсия дар чандин ҷангҳо иштирок кард. Дар оқибати шикастхӯрӣ дар яке аз ин ҷангҳо Империяи дуюм сарнагун шуд.

***Дар асри XIX ягон халқ мисли французҳо бештар дар ҷанг иштирок накардааст, ягон миллате дар Европа чун французҳо инқилоби бештар надидааст. Дар натиҷа, дар охири асри XIX Франсия ҳарчанд ба сафи давлатҳои қудратманди дунё дохил шуда буд, бинобар инқилобҳою ҷангҳо талафоти бисёр дид, суръати тараққиёташ суст шуд.***

http://eduportal.uz

**Контрибутсия** – товоне, ки давлати дар ҷанг мағлубшуда барои баровардани қусури ҷанг медиҳад.

**Сенз** – шартҳои маҳдуд кардани истифода аз ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон. Онҳо сензҳои мулкӣ, синну сол, ҷинс ва монанди инҳо шуданашон мумкин.

?!

1. *Империяи якум дар Франсия чӣ гуна ба вуҷуд омад?*
2. *Дар конгресси Вена кадом масъалаҳо ҳал шуданд?*
3. *Оид ба инқилоби февралии соли 1848 ва оқибатҳои он чиҳоро дониста гирифтед?*
4. *Империяи дуюм дар Франсия чӣ гуна барпо шуд?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Дар мавзӯи «Сабабҳои ҳалокати империяи якум« эссе нависед.

Ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии Империяи якум ва дуюми Франсияро дар асоси нақшаи Т таҳлил кунед ва ба дафтаратон нависед.

## Мавзӯи 22-юм: ГЕРМАНИЯ ВА ИТАЛИЯ ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Сабабҳои сар задани инқилоб дар Германия.** Сабаби асосии инқилоби Германия роҳи пешравии капиталистиро гирифтани тартиботи Асримиёнагии феодалӣ буд. Дар натиҷаи он дар Германия ҳанӯз пароканадагии феодалӣ ҳукм меронд. Бинобар ин бозори ягонаи умумӣ ба вуҷуд наомад. Истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ аз дигар мамлакатҳо ақиб монда буд. Идоракунии давлатии бар зӯрӣ асосёфта ҳар гуна озодфикриро таъқиб менамуд. Ин омилҳо боиси пухта расидани вазъияти инқилобӣ шуданд. ***Мақсади асосии инқилоб барҳам задани пароканадагии сиёсӣ ва тартиботи феодалӣ дар Германия буд.*** Ба инқилоб қисми мӯътадили буржуазияи тарафдори монархияи конститутсиявӣ раҳбарӣ мекард.

Дар асрҳои миёна дар Германия кай қувваҳои истеҳсолкунанда боло рафтанд?

**Инқилоби соли 1848.** Инқирози иқтисодие, ки соли 1847 давлатҳои Европаро фаро гирифта монд, Германияро дар канор намонд. Ин ин-



http://eduportal.uz

қироз ба афзоиши бекорӣ, пастравии музди кор оварда расонд. Нархи наво, хусусан ба маҳсулоти озуқаворӣ боло рафт. Мардуми гурусна ба кӯча баромад. Зери таъсири инқилоби моҳи феврали соли 1848 дар Франсия дар Берлин шӯриш сар шуд. Кӯчаҳои Берлин бо баррикада иҳота шуданд.

Шабонгоҳон ҷангҳои шадид давом карданд. Дар чунин шароит шоҳи Пруссия роҳи муросоро ҷуста, ба интихоботи Маҷлиси миллат (парламент) ва таҳияи конститутсия ваъда дод. Ҳокимияти шоҳ вазъияти сиёсиро каме нармтар карда, ба пахш шудани инқилоб ноил шуд, аммо инқилоб бе асорат намонд.

Соли 1848 дар шоҳии Пруссия ҷорӣ шудани конститутсия худ як воқеаи муҳими сиёсӣ буд.



**Камилло Кавур**

**Муттаҳид шудани Италия.** Соли 1861 шоҳии муттаҳидаи Италия ташкил ёфт. Зарурияти боз ҳам инкишоф додани капитализм ба охир расонидани ҷараёни муттаҳидшавии кишварро тақозо мекард. Бидуни он ҳолат Италия дар Европа мавқеи худро ёфта наметавонист. Ягонагии забон ва маданият ба Италия имконияти муттаҳид шуданро дод. Сарвазир **Камилло Кавур** сиёсатмадори дурандеш, ислоҳотгари мӯътадил ва тарафдори монархияи конститутсиявӣ буд.

К. Кавур бо Франсия дар масъалаи мубориза зидди Австрия шартнома баст. Лашкари Австрияро мағлуб намуд ва шартномаи сулҳро имзо кард. Аммо Ситсилия ва шоҳии Неапол такягоҳи парокандагии сиёсии Италия шуда монданд.

Тарафдори ашаддии муттаҳидкунии Италия, қаҳрамони халқ **Ҷузеппе Гарибалди соли 1860** бо қувваҳои ҳарбиаш ба ҷазираи Ситсилия фаромада омад. Омма ӯро ҳамчун наҷотбахш пешвоз гирифт. Шаҳри Палермои Ситсилия ишғол шуд. Баъд лашкари Ҷ. Гарибалди ба Неапол юриш кард. Лашкари Неапол ҳам торумор шуд ва ба шоҳии он хотима гузошта шуд.

Хизмати се шахсияти бузург барои муттаҳидкунии Италия беқиёс аст. Инҳо сарвазир К. Кавур, қаҳрамони халқӣ, ки дар ҷангҳои миллию озодихоҳии кишварҳои Америкаи Лотинӣ ном баровардааст – Ҷ.Гарибалди ва раҳнамои ҷамъияти **«Италияи ҷавон»** Ҷузеппе Мадзини мебо-

шанд. Дар адабиёти бадеӣ бо назардошти хизматҳои ин се нафар қаҳрамони миллӣ дар як шудани Италия онҳоро бо «Ақлу заковат, ҷон ва шамшери Ватан» қиёс мекунанд.

**Соли 1847** дар Германия бӯҳрони иқтисодӣ рӯй дод.
**Соли 1861** шоҳии муттаҳидаи Италия ташкил ёфт.
Хизмати се шахсияти бузург: Камилло Кавур, Ҷузеппе Гарибалди, Ҷузеппе Мадзини барои муттаҳидкунии Италия беқиёс аст.

Дар кишвар монархияи конститутсиявӣ қарор ёфт ва парламенти дупалатадор (Сенат ва Палатаи депутатҳо) ҷорӣ гардид. Соли 1866 вилояти Венетсияи зери таъсири Австрия, соли 1870 бошад, шаҳри Рими тобеи Франсия ба шоҳии Италия баргардонида шуд. Ҳамин тариқ, ба давлати ягона муттаҳидшавии Италия поён ёфт.

**Мубориза барои муттаҳидкунии Германия.** Дар Германия низ табақаҳои пешқадами ҷамъият барои муттаҳид кардани миллӣ мубориза мебурданд. Дар ин ҷо низ тамоми масъулиятро яке аз давлатҳои зиёди дар Германия мавҷудбуда бояд бар зимма мегирифт. Ин шараф насиби Пруссия шуд. Пруссия ин замон яке аз давлатҳои қудратманди империяи Германия буд.



**Отто фон Бисмарк**

Арбоби намоёни он давр **Отто фон Бисмарк** канслери шоҳӣ буд. Ӯ ба ҷараёни таърихии ба давлати ягона муттаҳид кардани Германия раҳбарӣ кард.

Баъди ғалабаи таърихии Пруссия бар Австрия дар соли 1866 Бисмарк ба имзои шартнома оид ба ташкили Иттифоқи Пруссия ва Германияи Шимолӣ муваффақ шуд.

Бисмарк лавозими канслери иттифоқ – Бундесканслерро ишғол кард. Бисмарк дар муддати кӯтоҳ бо ёваронаш конститутсияи иттифоқи Германияи Шимолиро тартиб дод.

Баъзе тағйироти матнҳои асосиро ба инобат нагиранд, ин конститутсия дар муддати беш аз 50 сол, то вақти қабул шудани Конститутсияи Республикаи Германия дар Веймар (соли 1919) амал кард.

***Германияи ба якчанд давлатҳои майда тақсимшуда дар асри XIX ба давлати замонавии қисми калони миллати немисро муттаҳидкарда табдил ёфт. Дар охири аср Германия аз қатори давлатҳои мутараққӣ ҷой гирифт.***

***Италия баъди муттаҳид шудан роҳи монархияи конститутсиониро пеш гирифт. Тараққиёти сусти бозори дохилӣ доираҳои ҳукмронро ба истилогарӣ, барои ташкили империяи мустамликавӣ роҳнамун мекард.***

- Соли 1848 ...
- Соли 1861 ...
- Соли 1848 шоҳии Пруссия ...
- Отто фон Бисмарк ...

Дар роҳи муттаҳид кардани Германия монеаи асосии хориҷӣ Франсия буд. Пруссия дар ҷанги зидди он тайёргарии тайёрии ҷиддӣ медид.

**Буржуазияи мӯътадил** – қисми буржуазияе, ки тарафдори муросо, бо роҳи сулҳомез ҳал кардани муаммоҳо, барои созиш намудан бо табақаҳои ҳукмрон кӯшиш мекунад.

?!

1. *Дар бораи сабабҳои инқилоби Германия ва мақсади асосии он чиҳоро дониста гирифтед?*
2. *Кадом хусусияти мақсади асосии инқилоби Италия аз мақсади асосии инқилоби Германия фарқ мекунад?*
3. *Шоҳии муттаҳидаи Италия чӣ гуна ташкил ёфт?*
4. *Дар бобати ба давлати ягона муттаҳид кардани Германия роли сарвазири Пруссия Бисмаркро қайд намоед.*

**Супориши кори эҷодӣ**

Бо ёрии диаграммаи Venn умумият ва фарқияти таърихи Германия ва Италияро таҳлил карда, дар дафтаратон нависед.

Аз интернет истифода бурда, ба давлати Германия ва Италияи солҳои 40–60-уми асри XIX сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед. Таассуротатонро ба таври хронологӣ дар дафтаратон қайд кунед.

## Мавзӯи 23-юм: РОССИЯ ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Хусусиятҳои ба худ хоси ҳаёти иқтисодӣ.** Тартиботи крепостноӣ дар Россияи подшоҳӣ дар роҳи тараққиёти ҷамъият монеа шуда буд. Дар ҳоле, ки дар давлатҳои Европаи Ғарбӣ ва ШМА саноати мошинишу-

http://eduportal.uz

да равнақ меёфт, дар Россия ҳанӯз истеҳсолоти мануфактурӣ ҳукмрон буд. Дар соҳаи кишоварзӣ ҳанӯз қоидаҳои сохти крепостноии Асримиёнагӣ амал мекард ва ба садди асосии тараққиёт табдил ёфта буд.


Дар давлати Руси Киевӣ дини насронӣ кай қабул шуда буд?

**Муборизаи зидди самодержавие ва сохти крепостноӣ.** Пас аз ғалаба дар ҷанги Франсияю Россия дар соли 1812 дар Россияи подшоҳӣ тартиботи идоракунии самодержавие ва ҳуқуқи крепостноӣ боқӣ монд. Ин ҳолат одамони пешқадами Россияи подшоҳиро ба ҳаракат овард. Онҳо ватанашонро дар сафи давлатҳои пешқадами Европа дидан мехостанд. Онҳо нағз медонистанд, ки сохти мавҷудаи Ватанро дигар накарда, орзуҳояшонро ҷомаи амал пӯшонида наметавонанд.

Онҳо бар зидди самодержавие ва ҳуқуқи крепостноӣ бо барномаи аниқ муборизаро сар карданд. Ин мубориза дар таърихи Россия бо номи **«Ҳаракати декабристон»** даромадааст. Декабристон фарзандони ашрофон буданд. Як гурӯҳи онҳо тарафдори дар Россия барпо кардани республика бошанд, дуюмӣ хоҳиши ташкили монархияи конститутсиявӣ буданд.


**Павел Пестел**

Декабристон дуто ҷамъияти махфӣ ташкил карданд. Яке аз онҳо **«Ҷамъияти ҷанубӣ»**, дигаре **«Ҷамъияти шимолӣ»** ном дошт. Ҳар ду ҷамъият ҳам лоиҳаи конститутсияи Россияро таҳия карданд. Арбоби намоёни «Ҷамъияти ҷанубӣ» иштирокчии Ҷанги ватанӣ **Павел Пестел** буд.

Лоиҳаи таҳиякардаи ӯ «Ҳақиқати Рус» ном дошт. Дар лоиҳа барҳам задани самодержавие, ҳуқуқи крепостноӣ ва дар Россия ҷорӣ кардани низоми идоракунии республика дар назар дошта шуда буд. «Вечеи халқ» чун парламенти Россия пешниҳод шуд.

Дар «Ҷамъияти шимолӣ» лоиҳаи конститутсияро **Никита Муравёв** таҳия карда буд, дар он дар Россия монархияи конститутсионӣ мақбул дониста шуда буд. Вечеи халқии иборат аз ду палата (парламент) ҳам-



http://eduportal.uz



**Никита Муравёв**

чун органи қонунгузори олӣ, ки дар асоси сензи мулк интихоб мешуд, тавсия гардид.

Деҳқонон ба мақсадҳои худ фақат бо шӯриши мусаллаҳона расидан мумкин, гуфта, ба он тайёрӣ медиданд. Шӯриш дар рӯзи маросими ба тахт нишастани Николаи I-додари императори вафоткарда Александри I муқаррар шуда буд.

Шӯриш бояд аз тарафи қисми ҳарбии ба декабристон содиқ амалӣ мешуд. Шӯриш 14-уми **декабри соли 1825** сар шуд, аммо бо нокомӣ анҷом ёфт ва онро қувваҳои ҳарбии ба император содиқ пахш карда шуд.

Панҷ нафар раҳбарони ҳаракати декабристон, аз ҷумла П. Пестел ва Н. Муравёв ба дор овехта шуданд, аксари дигарон ба Сибир бадарға гардиданд. Аммо ҳаракати декабристон барабас нарафт. Ғояҳои пешқадами онҳо ба пеш гузошта дер вақт табақаҳои пешқадами ҷамъияти Россияро дар муборизаи зидди самодержавие ва ҳуқуқи крепостнойӣ илҳом дод.

Баъди пахши шӯриши декабристҳо дар кишвар реаксия сар шуд. Ҳар кадом намуди эътироз, озодфикрӣ аз тарафи ҳукумат бераҳмона таъқиб мешуд. Хусусан, намояндагони фаъоли адабиёти рус зери таъқиби сахт гирифта шуданд.

**Пӯсидани ҳуқуқи крепостнойӣ. Дар ҷанги Қрими солҳои 1853–1856** Россия ба мағлубият дучор шуд. Ин мағлубияти оқибати ночории иқтисодии Россия буд. Дар Россия сохти крепостнойӣ кайҳо боз садди асосии тараққиёт шуда буд. Ғайр аз ин мағлубият нишон дод, ки то даме ҳуқуқи крепостнойӣ бекор нашавад, дар Россия капитализм ҳеҷ гоҳе тараққӣ нахоҳад кард.



**Александри II**

Бо мақсади пахши мавҷи эътирози пуршиддат дар кишвар император **Александри II 19-уми феврали соли 1861 Қонун «Дар бораи бекор кардани ҳуқуқи крепостнойӣ»-ро** имзо кард.

Бино ба қонун деҳқонони крепостной шахсан озод шуданд. Акнун деҳқононро харидан, фурӯхтан ё ба ягон кас ҳадя кардан манъ шуд.

Деҳқон минбаъд метавонист бе рухсат оила созад, ба таври мустақил шартнома, созишномаи савдо имзо кунад, мулк харида, онро мерос гузорад ва дигар ҳуқуқҳоро дошт.

**Соли 1812** Россия дар ҷанги Франсияю Россия ғалаба кард.

Декабристон дар Россия дуто ҷамъияти махфӣ – «Ҷамъияти ҷанубӣ» ва «Ҷамъияти шимолӣ» ташкил карданд.

**19-уми феврали соли 1861** дар Россия Қонун «Дар бораи бекор кардани ҳуқуқи крепостноӣ» имзо шуд.

Ҳукумат деҳқононро озод карда, ба додани замин маҷбур буд. Агар чунин намекард, ғазаби халқ авҷ гирифтанаш аниқ буд. Ғайр аз ин, асосан деҳқонон андоз месупурданд. Замини ба деҳқонон додашуда замини чек ном гирифт. Ҳукумат манфиати помешикҳоро низ ба назар гирифт.

Аз ҷумла, помешик аз се як қисми замини дар ихтиёраш бударо 1/3, дар ҳудудҳои чӯл қисми 1/2-ро нигоҳ дошта метавонист. Ғайр аз ин, деҳқон то ин дам аз ҳудудҳои дар қарори ҳукумат пешбинишуда истифода бурда омада бошад, замини зиёдатӣ ба помешик гузаронида мешуд. Ин заминҳоро «отрезок» мегуфтанд.

Деҳқон барои соҳибӣ намудани замини додашуда «викуп» бояд месупурд. Аммо деҳқон барои «викуп» пул надошт. Онро давлат медод. Деҳқонон ин қарзо дар тӯли 49 сол бо фоизаш бояд медоданд.

**Аҳамияти таърихии ислоҳот.** Соли 1861 дар натиҷаи ислоҳот ҳуқуқи крепостной барҳам хӯрд. Аммо ислоҳот деҳқононро якбора озод накард. Асорати крепостноӣ дер давом кард. Дар натиҷа капитализм дар хоҷагии қишлоқи Россия хеле оҳиста инкишоф ёфт. Дар ҳар сурат ислоҳот аҳамияти буруги таърихӣ дошт. Чунончӣ, деҳқонон ба озодии шахсӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандӣ соҳиб гаштанд. Барои мустаҳкамшавии муносибатҳои капиталистӣ дар иқтисодиёт имконият васеъ шуд. Гарчанде дер бошад ҳам, мисли дигар давлатҳо табаддулоти саноатӣ идома ёфт.

**Сиёсати хориҷӣ.** Россия мисли дигар давлатҳои бузург дар асри XIX ҷангҳои истилогаронаро бас накард.

Аз ҷумла, баъди ҷангҳои тӯлонӣ, соли 1864 тамоми Кавказ ба таркиби Россия даромад. Акнун барои забти Осиёи Миёна ҳаракатҳои ҳарбиро сар кард.

http://eduportal.uz

- 14-уми декабри соли 1825...
- 19-уми феврали соли 1861...
- Викуп –...
- Соли 1864...
- Солҳои 1853–1856...

Соли 1867 дар ҳудудҳои истилошудаи хонии Қўқанд ва аморати Бухоро генерал-губернатории Туркистон ташкил шуд.

Соли 1867 Россия Аляскаи ба худаш мансубро ба ШМА фурўхт. Ҳамин тавр, Россия дар сиёсати хориҷиаш ба такягоҳии ШМА-и торафт пурзўршуда умед баста буд.

**Маданият.** Дар соли 1800–1870 дар ҳаёти маънавии Россия дигаргуниҳои азим рўй доданд. Айнан дар ин солҳо Россия дар ҷойҳои болоии маданияти ҷаҳон меистод. Намояндагони машҳури адабиёти рус Александр Сергейевич Пушкин, Лев Николаевич Толстой, Фёдор Михайлович Достоевский дар ин давр эҷод карданд. Асарҳои бо маҳорати баланд навиштаи онҳо олами маънавии халқи русро ба дунё шиносонд. А.С. Пушкин ба забони адабии замонавии рус асос гузошт. Асарҳои ў аз қабили «Руслан ва Людмила», «Асири Кавказ», «Евгений Онегин», «Духтари капитан» на фақат ҳаёти Россия, балки бойгарии забони русиро намоён кард.

Эҷодиёти А.С. Пушкин ба инкишофи минбаъдаи адабиёти рус таъсири бузург гузошт. Дар асарҳои «Бачагӣ», «Казакҳо», «Ҷанг ва сулҳ»-и Л.Н. Толстой, «Ҷиноят ва ҷазо», «Телба»-и Ф.М.Достоевский ҳаёти халқи рус, дунёи ботинии одамон бо маҳорати том ошкор карда шудаанд. Инчунин, асарҳои шоирон ва нависандагони асри XIX, мисли Михаил Юревич Лермонтов, Николай Василевич Гогол, Иван Сергеевич Тургенев низ машҳури дунё гаштанд.

Санъати мусиқии руси ин давр бо номи оҳангсози бузург Михаил Иванович Глинка ва Пётр Илич Чайковский вобаста аст. Эҷоди М.И. Глинка дар нимаи якуми асри XIX қуллаи баланди маданияти мусиқии рус буда, он ба мусиқии классикии рус асос гузошт. Асари машҳури вай операи «Руслан ва Людмила» мебошад. Инкишофи минбаъдаи санъати мусиқии рус зери таъсири М.И.Глинка ташаккул ёфт.

П.И. Чайковский намояндаи бузурги маданияти асри XIX-и рус, даҳои санъати мусиқӣ аст. Операҳои «Евгений Онегин», «Зебодухтари хоб», «Шелкунчик» ҳанўз низ аз саҳнаҳои театрҳои ҷаҳон ҷой гирифтаанд. Дар ин замон рассомони машҳур Силвестр Федосийевич Шедрин, Карл Павлович Брюллов ва Иля Ефимович Репин эҷод кардаанд. Дар



http://eduportal.uz

эҷодиёти онҳо табиати бои Россия ва олами ботинии инсонҳои рус инъикос ёфтаанд.

Муваффақиятҳои маданияти рус ба Россия барои ишғол намудани ҷояш аз қатори давлатҳои пешқадам имкон дод.

***Сарфи назар аз он, ки Россия дар Даври нав ба муваффақиятҳои муайян ноил шуд, дар солҳои 70-уми асри XIX он чун давлати ақибмондатарини Европа буд. То соли 1861 боқӣ мондани сохти крепостноӣ ва мавҷудияти сохти сиёсие, ки садди роҳи ташаббускорию тадбиркории одамон мешуд, сабабҳои ақибмондагӣ буданд.***

**Викуп** – харида гирифтани замин аз тарафи деҳқонон баъд аз озод шудан аз крепостноӣ.

**Қувваҳои реаксия** – қувваҳое, ки ғояҳои пешқадамро таъқиб карда, барои нигоҳ доштани тартиботи кӯҳна, ё барқарор кардани онҳо мекӯшанд.

**Самодержавие** – ҳокимияти номаҳдуди ҳукмдорони Россия.

**Бадарға** – ба дигар ҷо фиристодан ҳамчун ҷазо.

*1. Аз матн сабабҳои ақибмонии иқтисодии Россияро аз кишварҳои Европаи Ғарбӣ аниқ кунед.*
*2. Ҳаракати декабристон дар назди худ чӣ мақсадҳо гузошта буд?*
*3. Оид ба реаксияи дар Россия ҳукмрон чиҳо медонед?*
*4. Чаро доираҳои ҳукмрони Россия барои бекор кардани ҳуқуқи крепостноӣ маҷбур шуданд ва онро чӣ гуна амалӣ намуданд?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Дар асоси технологияи Т ҷиҳатҳои умумӣ ва фарқкунандаи ҷараёнҳои хоси таърихиро дар тараққиёти давлати Россия дар асри XIX таҳлил кунед ва ба дафтаратон нависед.

Аз интернет истифода бурда, ба *давлати Россияи солҳои 40–60-уми асри XIX* сайёҳати виртуалӣ ташкил карда, воқеаҳои таърихии омӯхтаатонро таҳлил намоед.

## Мавзӯи 24-ум: ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Тараққиёти иқтисодии ШМА.** Дар солҳои истиқлоли ШМА саноат бошиддат пеш рафт, дар солҳои 30-юми асри XIX инқилоби саноатӣ сар шуд.То миёнаҳои асри XIX мамлакате буд, ки асосан ба соҳаи кишо-

http://eduportal.uz

варзӣ асос ёфта буд. Дар шимоли мамлакат асоси кишоварзиро хоҷагии фермерӣ ташкил медод.

Фермерҳо аз меҳнати кироя васеъ истифода мебурданд. Онҳо нисбат ба деҳқонони ба помешикҳо тобеъ бештар мол фурӯхта ё харида метавонистанд.

Ин хусусиятҳои ба кишоварзии хоси ШМА ба инкишофи иқтисодиёти он ёрӣ медод.

> Чаро дар асрҳои миёна дар Америка фақат қабилаҳои майя, инк ва кечуа давлатҳои худро ташкил карда буданд?

**Хоҷагии плантатсия.** Дар ШМА дер вақт ду сохти хоҷагидорӣ давом кард. Дар штатҳои шимолӣ, ки хоҷагиҳои фермерӣ ривоҷ карда буд, дар ибтидои асри XIX ғуломдорӣ бекор шуд. Дар штатҳои ҷанубӣ ғуломдорӣ мавҷуд буд ва хоҷагиҳои плантатсия давом мекард. Шароити бади ҷануб барои кишти пахта қулай буд.

Инкишофи босуръати саноати Британияи Кабир ва ШМА талабро ба пахта зиёд намуд. Баробари хариди зиёди пахтаи ШМА барои фабрикаҳои Британияи Кабир эксплуататсияи ғуломон пурзӯр мешуд. Ин зулм аз крепостнойӣ дида боз ҳам бешафқат буд.

Дар айни вақт аксар табақаҳои пешқадами сафедпӯст, коргарон, фермерон, зиёиён барои бекор кардани ғуломдорӣ мубориза бурданд. Ҳамин тариқ, ҳаракати аболитсионистҳо ба вуҷуд омад.

Онҳое, ки ба ғуломдорӣ нафрат доштанд, дар ШМА зиёд мешуданд. Дар охирҳои солҳои 50-ум аболитсионисти машҳур, фермери сафедпӯст Ҷон Браун дар Вирҷиния ба шӯриши ғуломон сарварӣ кард. Ӯ дар кӯҳи Аллеган ҷой гирифта, аз он ҷо ба паҳн шудани шӯриш дар плантатсияҳо умед баста буд. Гурӯҳи мусаллаҳи ташкилкардаи ӯ аз 22 нафар иборат буд.

Дар гурӯҳ 5 нафар сиёҳпӯст ҳам буд. Дар шаби боронӣ ӯ анбори яроқу аслиҳаро ба даст даровард. Баъд Браун одамони худро барои озод кардани ғуломон ба плантатсияҳои ҳамсоя ва гаравгон кардани ғуломдорон фиристод.

Аммо Браун ба ташкилкунии шӯриши умумӣ муваффақ нашуд. Дере нагузашта лашкари ҳукумат гурӯҳи мусаллаҳи Браунро торумор кард. Брауни сахт маҷрӯҳшуда ба ҳабс гирифта, баъд ба қатл маҳкум шуд.

http://eduportal.uz

**Исёни ғуломдорон.** Дар ин давр дар ШМА сохти дупартиявӣ (дуҳизбӣ) ҳам пурра ташаккул ёфта буд. Арбоби дар байни мардум боэътибори партияи республикачиён Авраам Линколн (1809–1865) буд. Баромадҳои Линколнро бар зидди ғуломдорӣ коргарон, фермерон, қисми пешқадами буржуазия пуштибонӣ карданд. А. Линколн маъракаи пешазинтихоботиро бо шиори «Барои соҳиби замин шуданатон овоз диҳед!» ташкил карда, оид ба қабул намудани қонун дар бораи ба фермерон бепул тақсим намудани замин ваъда дод.

> **Дар солҳои 30-юми асри XIX** дар ШМА инқилоби саноатӣ сар шуд.
> **Дар охири солҳои 50-уми асри XIX** Ҷон Браун барои ташкили шӯриши ғуломон ҳаракат намуд.



**Авраам Линколн**

Дар интихоботи президентии соли 1860 намояндаи Ҳизби республикачиён **Авраам Линколн** ғалаба кард. Бо интихоби ӯ дар ин лавозим дар ҳукумат ба ҳукмронии ғуломдорон хотима гузошта шуд. Ин қадам дар муборизаи зидди ғуломдорӣ ғалабаи хеле бузург ва дар айни вақт сулҳомезона буд. Онҳо бори аввал ҳокимиятро ба дасти худ гирифтанд. Плантаторҳои ҷануб дар интихобот мағлуб шуданд, онҳо такягоҳи асосии Ҳизби демократҳо буданд. Онҳо бо роҳи қонунӣ ба нигоҳ доштани ғуломдорӣ муваффақ нашуданашонро дарк карданд. Аз ин боис дар штатҳои ҷанубӣ давлати алоҳидаи бар ғуломдорӣ асосёфтаро ташкил карданӣ шуданд, аз таркиби ШМА баромаданро, таъсиси конфедератсияи дорои президенти худиро эълон намуданд. Инчунин, лашкари алоҳида ташкил карданд. Ҳамин тариқ, плантаторҳои ҷанубӣ дар роҳи нигаҳдории ғуломдорӣ ба манфиатҳои миллӣ хиёнат карданд. Акнун дар ШМА оғози ҷанги дохилӣ муқаррар шуда монд.

**Ҷанги дохилӣ (1861–1865).** Моҳи апрели соли 1861 байни Шимол ва Ҷануб ҷанги дохилӣ сар шуд. Қувваҳои Шимол бартарӣ доштанд. Ҷанги дохилӣ (шаҳрвандӣ) **апрели соли 1865** бо ғалабаи Шимол анҷом ёфт.

Аммо қотиле, ки қувваҳои иртиҷоӣ кироя карда буданд, А. Линколнро парронда кушт. Аммо ин қотилӣ дар роҳи бекоркунии ғуломдорӣ садд шуда натавонист.



http://eduportal.uz



**Ҷанги дохилӣ дар ШМА**

Моҳи декабри соли 1865 дар ШМА ғуломдорӣ бекор шуд.

Соли 1866 Конгресси ШМА ба конститутсия тағйирот дохил кард. Бинобар он ҳуқуқҳои шаҳрвандию сиёсии сиёҳпӯстон бо сафедпӯстон баробар карда шуд.

- Апрели соли 1861...
- Моҳи декабри соли 1865...
- Ҷон Браун дар Вирҷиния – ...

**Натиҷаҳои ҷанги дохилӣ.** Ғалабаи Шимол дар ҷанг аҳамияти бузурги таърихӣ дошт. Ғалаба ягонагии кишварро нигоҳ дошт. Ғуломдорӣ бекор карда шуд ва Қонун «Дар бораи гомстедҳо» қабул шуд.

Дар кишоварзии заминҳои ғарбии ШМА низ барои инкишофи капитализм имконият фароҳам омад. Ғалаба хавфи аз ҷониби тарафдорони ғуломдорӣ забт кардани заминҳои ғарбиро бартараф кард. Дар ҷануб ҳам барои пешравии хоҷагиҳои фермерӣ низ роҳи васеъ кушода шуд. Ғалабаи таърихӣ барои ба охир расонидани табаддулоти саноатӣ ва инкишофи саноати Америка шароит муҳайё намуд.



http://edu...

**Адабиёт ва санъати Америка.** Дар ибтидои асри XIX аз сабаби он, ки аксари аҳолии ШМА босавод буданд, Инҷилро, асарҳои адибони англис, аз қабили Уилям Шекспир, Чарл Диккенсро мехонданд. Хусусан, бинобар он, ки қаҳрамони асар Даниэл Дефо-Робинзон Крузо ба тарзи ҳаёти америкоӣ наздик буд, он равияи минбаъдаи адабиёти миллиро муқаррар кард.

Мубориза доимӣ барои ба итоати худ даровардани табиат, ҳиндувони маҳаллӣ мавзӯи асосии адабиёти миллии Америкаро ташкил медод. Баъдтар ин мавзӯъ дар асарҳои «Пионерон»-и **Фенимор Купер**, «Моби Дик»-и **Герман Мелвилл** давом дода шуданд. Мавзӯи муборизаи байни кӯҳна ва нав, дунёи нав ва кӯҳна дар асарҳои нависандагони машҳури Америка, аз ҷумлаи **Уолт Уитмен**, **Марк Твен**, дар шеърҳои **Генри Лонгфелло** инъикос ёфтанд.

**Санъати тасвирӣ** дар асри XVIII иборат аз тақлид ба анлисҳо иборат буд. Рассомони ин давр мисли **Бенҷамин Уест**, **Ҷон Копли** дар жанри портрет ва пейзаж ижод карда, дар Европа машҳур шуданд. Аз солҳои 1850 сар карда, якчанд мактабҳои санъати тасвирӣ ва мусиқӣ кушода шуданд. Дар онҳо рассом ва оҳангсозони аз кишварҳои Европа омада роли калон мебозиданд.

***Асри XIX асри инкишофи пурҷадали ШМА шуд. Ҳанӯз дар оғози аср халқе, ки дар ҷанги дохилӣ барои нигоҳ доштани ягонагии давлат мубориза мебурд, дар охири аср ба яке аз давлатҳои тараққикардатарин ва пурзӯри дунё табдил ёфт.***

***Имкониятҳои барои озодиҳои васеи демократӣ, баробарии ҳуқуқу маҷбуриятҳо, тадбиркорӣ ва ташаббускории одамон офаридашуда ШМА-ро ба кишвари тавонотарини дунё табдил дод.***

**Аболитсионистҳо (бекоркунӣ)** – тарафдорони бекоркунии ғуломдорӣ дар Америка.

**Қонун «Дар бораи гомстедҳо»** – қонун дар бораи бепул додани замин барои хоҷагиҳои фермерӣ аз ҳисоби хазинаи замини калони бекорхобидаи Ғарб.

**Конфедератсия (иттифоқ, иттиҳодия)** – иттифоқи давлатҳои соҳибихтиёр барои амалӣ кардани мақсад ва ҳаракати аниқ.

**Фермер** – тадбиркори соҳаи кишоварзӣ, ки аз замини хусусӣ ё аз замини ба муддати дароз иҷора гирифта маҳсулоти хоҷагии қишлоқро истеҳсол мекунад.

**Хоҷагии плантатсия** – хоҷагии калони деҳқоние, ки дар ҷануби ШМА бар меҳнати ғуломон асос ёфтааст.

http://eduportal.uz

1. *Сабабҳои ҷанги дохилии дар ШМА рӯйдодаро дар дафтаратон бо тартиб нависед.*
2. *Чаро барои Шимол даромадан ба ҷанги дохилӣ нисбат ба ду қисм тақсим шудани ШМА афзалтар дониста шуд?*
3. *Барои таъмини ғалабаи Шимол президент А. Линколн чӣ гуна рол бозид?*
4. *Дар бораи аҳамияти таърихии ғалабаи Шимол чиҳоро дониста гирифтед?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Ҳангоми хондани матни мавзӯъ калимаҳои бароятон ношиносро дар дафтаратон нависед ва бо ёрии луғат мафҳумҳоро таҳлил кунед.

Аз интернет истифода бурда, ба *ШМА-и асри XIX* сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед ва фаъолияти президент Авраам Линколнро таҳлил кунед.

## Мавзӯи 25-ум: МУБОРИЗАИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲИИ ХАЛҚҲОИ АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ

**Оғози мубориза барои мустақилӣ.** Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ҳамон зери юғи мустамликавии Испания ва Португалия буданд. Табақаҳои ҳукмрони Испания зулми мустамликавиро беш аз пеш пурзӯр карданд. Чунончӣ, амалдорон, генералҳо ва афсарони испанӣ дар ин кишварҳо сарвати зиёд ғун карданд. Онҳо креолҳоро писанд намекарданд.

> Дар асрҳои миёна кадом халқ дар ҳавзаи дарёи Урубамбаи Америкаи Ҷанубӣ ба шаҳри Каско асос гузошт?

Дар байни креолҳо намояндагони помешикҳо, савдогарон ва рӯҳониён ҳам буданд. Амалдорони Испания креолҳоро ба лавозимҳои маъмурии олии мустамликаҳо роҳ намедоданд, бо онҳо бо кибр муомила мекарданд. Креолҳо аз супурдани андозҳои вазнин ба хазинаи Испания, аз худсариҳои амалдорони мустамликачӣ ва манъи савдо бо дигар давлатҳо азият мекашиданд. Аҳвол дар Бразилияи мустамликаи Португалия буда низ вазъият чун мустамликаҳои Испания фарқ намекард.

Зулми мустамликавӣ дар роҳи боз ҳам инкишоф додани соҳаи кишоварзӣ ва савдо монеаи асосӣ шуд. Ин омилҳо боиси сар задани ҳара-

http://eduportal.uz




**Америкаи Лотинӣ дар асри XIX**

кати озодихоҳӣ бар зидди зулми мустамликавии Испания гардиданд. Мақсади асосии ин ҳаракат ташкили давлатҳои мустақил буд. Дар байни шахсони босавод, помешикҳои креолҳо, хусусан, афсарон ғояҳои озодӣ васеъ паҳн шуданд. Дар мамлакат ҳоло буржуазия суст буд.

Ҳамин тавр инқилобчиёни аз креолҳо баромада ба ҳаракати озодихоҳӣ сарварӣ карданд. Арбобони ҳаракати озодихоҳӣ ба оммаи халқ-деҳқонони аз байни ҳиндувон, метисҳо ва мулатҳо баромада ва ҳунармандон, инчунин ба ғуломони сиёҳпӯст, ки ба туфайли истиқлол ба сабукшавии қисмати худ умед баста буданд, такя мекарданд.

**Ҷанг барои мустақилӣ дар Мексика.** Соли 1810 дар кишварҳои мустамлика шӯриши оммавӣ сар зад. Дар ҷараёни муборизаи озодихоҳии халқҳои Америкаи Лотинӣ чандин нафар ватанпарварони аҷиб ба камол расиданд.

Номи қаҳрамонони шарафманди муборизаи озодихоҳӣ **Мигел Идалгова Хосе Морелосро** халқи Мексика имрӯз ҳам бо ҳурмат ба забон мегиранд. Рӯҳонии деҳа Идалгоро аҳолии таҳҷоӣ, хусусан, ҳиндуён дӯст медоштанд. Ӯ забони ҳиндуёнро медонист. Соли 1810 Идалго ҳиндуён ва мулатҳои мансуб ба табақаҳои қашшоқтаринро ба мубориза барои мустақилӣ баргардонида гирифтани заминҳояшон даъват кард. Аз ҳиндуён ва мулатҳои исёнгар лашкар ба вуҷуд омад. Идалго аз ғуломдорон дар зарфи даҳ рӯз озод кардани ғуломонро талаб намуд ва товонеро, ки ҷамоаҳои ҳиндуён ба маъмурони мустамликадор месупурданд, бекор кард.



**Симон Боливар**

Лашкари Испания шӯришро пахш намуд. Идалгои асирафтода парронда шуд. Ҳамсафи наздики Идалго Морелос кори ӯро давом дод. Аммо лашкари доимии Испания ин дафъа ҳам шӯришро пахш кард. Морелос ҳам парронда шуд. Баъдтар сарварии ҳаракати озодихоҳиро помешикҳои бадавлат ба даст гирифтанд. Дар Мексика мубориза барои мустақилӣ давом кард.

Ниҳоят, **соли 1821 Мексика ба мустақилӣ расид**. Ғуломӣ бекор шуд. Баъдтар Мексика республика эълон шуд.

**Мустақилии Венесуэла.** Ба муборизаи Венесуэла барои мустақилӣ **Симон Боливар** раҳбарӣ намуд. Ӯ қаҳрамони машҳури халқҳои Америкаи Ҷанубӣ шуд. Боливар дар оилаи креоли бадавлати венесуэлагӣ – помешик ва савдогар ба дунё омад. Ӯ соҳиби илм буд ва ба Европа сафарҳо намуд.

«Ман то даме, ки занҷири Испанияро, ки мамлакати маро бандӣ кардааст, пора-пора накунам, хотирҷамъ намешавам», – гуфт ӯ. Боливар лашкари озодихоҳии Венесуэларо ташкил кард.

**Соли 1810 дар** Мексика шӯриши оммавӣ сар шуд.
**Соли 1821** Мексика ба мустақилӣ расид.
Ҷанг барои мустақилиро Симон Боливар раҳбарӣ кард.



http://eduportal.uz

Вай барои ҷангҳои муваффақомезонаи зидди лашкарҳои испан унвони генерал ва номи фахрии «Наҷотбахш»-ро гирифт.

Боливар на фақат ба креолҳои заминдор такя намуд, балки сиёҳпӯстон ва ҳиндуёнро низ ба мубориза роҳнамун кард. Бекор шудани ғуломдориро эълон намуд ва ҳамин тариқ як қисми ғуломони сиёҳпӯстро ба лашкараш ҷалб кард. Ба деҳқонони ҳинду ваъда дод, ки баробари тамом шудани ҷанг ба онҳо ба замини худ соҳиб мешаванд.

Боливар ба аҳли пешқадами ҷамъияти Европа муроҷиат намуда, ёрӣ пурсид, ба даъвати ӯ аксар ихтиёриён ҳозирҷавобӣ карда, барои расонидани кӯмак ба халқҳои Америкаи Лотинӣ қарор қабул намуданд ва ба Венесуэла расида омаданд. Дар байни онҳо ирландиҳо, англисҳо, немисҳо, италяниҳо, полякҳо ва русҳо буданд.

**Соли 1811 Венесуэла мустақилиашро эълон кард.** Боливар барои озодкунии Гренадаи Нав аз юғи Испания ёрӣ дод ва Гренадаи Нав бо Венесуэла як шуд. Ба давлати ягона ба шарафи Христофор Колумб **Колумбияи Бузург** ном ниҳоданд.

Боливар ба лавозими президенти Колумбия нишаст. Ӯ боҷи ба ҳиндуён боршударо бекор кард. Лоиҳаи қонуни оиди мусодира намудани




**Давлатҳои нави ташкилшуда дар Америкаи Лотинӣ дар ибтидои асри XIX**

замини помешикҳои калонро тайёр кард. Аммо ин тадбир ба муқовимати помешикҳо дучор омад ва амалӣ нашуд.

Боливар ташкили конфедератсияи ҳамаи республикаҳои аз Испания озодшудаи Америкаро орзу карда буд. Дар марҳилаи душвортарин ва ҳалкунандаи инқилоб Боливар бо халқ буд ва ба он фидокорона хизмат кард. Аз ин рӯ ӯ ба заминдорони калон маъқул нашуд.

Онҳо барои ҷисмонан нобуд кардани Боливар қарор намуданд. Ӯ дар ниҳояти кор маҷбуран, соли 1830 ба истеъфо баромад. Боливар афсӯс хӯрда, чунин навишта буд: «Ба инқилоб хизмат кардан ба шудгор кардани баҳр баробар аст». Халқҳои Америкаи Лотинӣ то ин дам қаҳрамони номӣ, озодкунандаи Америка аз мустамлика Боливарро бо эҳтиром ба ёд меоранд.

- Соли 1810 ...
- Соли 1811 ...
- Соли 1821 ...
- Соли 1830 ...

**Анҷоми мубориза барои мустақилӣ.** Дар Аргентина муборизаи мусаллаҳона барои мустақилӣ соли 1810 сар шуд. Санаи 25-уми май-оғози мубориза дар таърих ҳамчун ҷашни миллии халқи Аргентина қайд мешавад. Аргентинаро лашкари инқилобии таҳти фармондеҳии Хосе Сан-Мартин озод кард ва Аргентина мустақил шуд.

Дар солҳои минбаъда Парагвай, Чили ва дигар давлатҳо ба мустақилӣ ноил шуданд. Соли 1822 Бразилия худро аз Испания мустақил эълон кард. Лашкари ватанпарварони Перуи Боло, ки барои истиқлол бар зидди мустамликадорони Испания мубориза мебурданд, ҳамсафи Боливар таҳти раҳбарии генерал Сукре лашкари испанҳоро торумор намуд. Перуи Боло аз зулми Испания озод карда шуд. Мамлакат ба шарафи С. Боливар **Боливия** номида шуд.



**Хосе Сан-Мартин**

Уругвай ҳам баъдтар мустақилиро ба даст овард. Ҳамин тавр дар натиҷаи ба поён расидани мубориза барои мустақилӣ дар Америкаи Лотинӣ ба ҳукмронии Испания нуқта гузошта шуд ва якчанд давлатҳои нави мустақил ташкил ёфтанд. Испания танҳо дар Куба ва Пуэрто-Рико монду халос.

Ғайр аз дар ҳамаи кишварҳои Америкаи Лотинӣ сохти республика барпо карда шуд. Муборизаҳо барои мустақилӣ дар Америкаи Лотинӣ муборизаи зидди мустамликадорӣ ва инқилоби буржуазӣ ҳам буданд.

Дар ин инқилобҳо аҳолии маҳаллӣ аз зулми мустамликавии Испания ва Португалия озод гардиданд.

***Хоҷагиҳое, ки дар замони мустамликадорӣ ташкил шуданд, оҳиста-оҳиста ба хоҷагии капиталистӣ табдил меёфтанд. Аммо ин хоҷагиҳо ҳанӯз ҳам ба меҳнати дастӣ асос ёфта, ба экспорти ашёи хом ва инвеститсияи хориҷӣ тобеъ буданд. Фақат баъди соли 1860 дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ болоравии иқтисодӣ мушоҳида мешуд. Давлатҳои Европа сармоя ва техника дароварда, барои тараққиёти иқтисодӣ сармоя сарф карданро оғоз намуданд. Аҳолӣ асосан аз ҳисоби эмигратсия афзоиш ёфт. Шаҳрҳои калон – марказҳои саноатию маданӣ пайдо шуданд. Дар ҷамъият нишонаҳои тамаддуни индустриалӣ баръало ба назар мерасид.***

**Креолҳо** – авлодҳои испан ва португалиҳое, ки аввалтар ба Америкаи Лотинӣ кӯчида омада буданд.

**Америкаи Лотинӣ** – мамлакатҳое, ки дар аҳолиаш ба забонҳои испанӣ ва португалии лотиниасос гуфтугӯ мекард.

**Метис** – авлоди аз никоҳи омехтаи шахсони мансуб ба сафедпӯстон ва ҳиндуёни дар Америка ба дунё омада.

**Мулат** – авлоди аз никоҳи сафедпӯстон ва сиёҳпӯстон ба дунё омада.

?!

1. *Америкаи Лотинӣ кай ба мустамлика табдил ёфта буд?*
2. *Оиди муборизаи миллию озодихоҳии мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ва натиҷаҳои он чиҳоро донista гирифтед?*
3. *Рӯйхати давлатҳои миллиеро, ки дар натиҷаи ҷангҳо баҳри истиқлол ташкил ёфтаанд, тартиб диҳед. Онҳоро аз харита ёбед.*
4. *Тақдири Боливар чӣ гуна анҷом ёфт?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Дар асоси ҷадвали консептуал ҷиҳатҳои ба худ хоси давлатҳои Америкаи Лотиниро таҳлил кунед.

Аз интернет истифода бурда, ба *мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ дар асри XIX* сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед. Фаъолияти қаҳрамонҳои халқӣ Идалго, Морелос, Симон Боливар, Хосе Сан-Мартин, Сукреро таҳлил намоед ва кластери ранга тайёр кунед.

http://eduportal.uz



# БОБИ V. КИШВАРҲОИ ОСИЁ ВА АФРИКА ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

## Мавзӯи 26-ум: ҲИНДУСТОН ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Тартиби мустамликадорӣ дар Британияи Кабир.** Табақаҳои ҳукмрони Британияи Кабир дар Асри нав низ сиёсати пурра ба мустамликаи худ табдил додани Ҳиндустонро давом доданд. Бо ҳамин мақсад ҳукумат «Шӯрои назорат оид ба корҳои Ҳиндустон»-ро ташкил кард.

Ин шӯро самтҳои сиёсати мустамликадории Британияи Кабирро дар Ҳиндустон муайян карда медод.

> Кадом султони Деҳлӣ ба туфайли хоҷагии қишлоқро ва ҳунармандиро боло бурдан ва идоракунии оқилонааш номи «ҳомии халқ»-ро гирифта буд?

Инчунин парламенти Британияи Кабир қонуни оиди идоракунии Ҳиндустонро қабул намуд. Тибқи он губернатори компанияи «Ост-Индия» дар шаҳри Калкутта генерал-губернатори ҳамаи мустамликаҳои Британияи Кабир дар Ҳиндустон таъин шуд. Ҳамин тариқ, компания дар амал ба дастгоҳи маъмурияти идоракунии мустамликавии Ҳиндустон табдил ёфт.

Дар Ҳиндустон фурӯхта шудани маҳсулоти саноати бофандагии Британияи Кабир ҳунармандони маҳаллиро хонавайрон кард. Зеро маҳсулоти онҳо аз нигоҳи сифат бо молҳои Британияи Кабир рақобат карда наметавонистанд. Дар оқибат даҳҳо ҳазор нафар бофандагони Ҳиндустон ба гуруснагӣ маҳкум карда шуданд.

Компанияи «Ост-Индия» ба қувваи калони ҳарбӣ такя мекард. Вай аз ҳиндуён низ лашкари кироя ташкил дода буд. Аскари ин лашкар сипоҳӣ ном гирифта буд. Афсарони англис ба лашкар қумондонӣ мекарданд.

Дар Ҳиндустон танҳо ҳамин лашкар ташкилоти муташаккили ҳиндуён буду халос. Компания тарафдори ба Британияи Кабир беқилуқол итоат кардани сипоҳиён буд. Мустамликадорон ҳиссиёти миллии аҳолии маҳаллиро ба ҳисоб намегирифтанд.

Дар оқибат аз байни ҳамон сипоҳиёни ягона муташаккили ҳарбӣ нисбат ба тартиботи мустамликадорон норозӣ бештар мешуданд.

**Шӯриши сипоҳиён.** Сабаби бевоситаи оғози шӯриши сипоҳиён ҷорӣ кардани милтиқи бо патрон коркунанда дар лашкар буд. Рӯи патрони нав бо коғази рӯғанин печонида шуда буд, пеш аз ба милтиқ ҷо кардани патрон коғаз бо дандон бояд дарронда мешуд.

Дар байни сипоҳиён овоза шуд, ки рӯғани болои коғаз аз омехтаи рӯғани гав ва хук тайёр шудааст.

Ҳукумати англис барои пурра ба мустамлика табдил додани **Ҳиндустон** «Шӯрои назорат оид ба корҳои Ҳиндустон»-ро ташкил кард.

Лашкари кирояи **компанияи «Ост-Индия»** ташкилоти ягонаи муташаккили сипоҳиёни ҳинд буд.

Дар дини ҳиндуён гав муқаддас ба ҳисоб меравад ва гӯшти он истеъмол намешавад. Сипоҳии ҳинд патрони рӯяш рӯғани гав молидаро бо дандон газидан динашро таҳқир, сипоҳии мусулмон бошад, патрони рӯяш рӯғани хук молидаро бо дандон газидан ҳақорати дини ислом

http://eduportal.uz



**Шўриши сипоҳиён**

(дар дини ислом гўшти хук ҳаром дониста шудааст) гуфта қабул карданд.

Аз ин сабаб онҳо аз қабули патрони нав сар тофтанд. Ин ҳодиса дар ниҳояти кор ба оғози шўриш оварда расонд.

Шўриш соли 1857 сар шуд. Сипоҳиён ба зудӣ шаҳри Деҳлиро гирифтанд. Онҳо ба қасри шоҳ зада даромаданд. Баҳодуршоҳи II ба даъватномае маҷбуран имзо гузошт, ки халқи ҳиндро ба шўриши зидди мустамликадорон ҷеғ мезад.

**Пахши шўриш.** Британияи Кабир ба Ҳиндустон қувваҳои ҳарбии иловагиро фиристод. Баъд аз он бартарӣ ба тарафи истилогарони Британияи Кабир гузашт.

Лашкари Британия шаҳрҳои ишғолкардаи шўришгаронро муҳосира намуданд, онҳоро бо штурм ишғол карданд. Аҳолӣ худро қаҳрамонона ҳимоя намуд. Дар кўчаҳо набардҳо ба амал омаданд. Мустамликадорон тўпҳоро ба филҳо бор намуда, ба Деҳлӣ даромаданд ва ин чора тақдири ҷангро ҳал кард.

Ҳангоми пахши шӯриш ваҳшониятҳо содир шуд. Аскарони Британияи Кабир ба занону духтарон, бачаҳо ва кӯҳансолон ҳеҷ раҳме намекарданд. Асирафтодагонро дар назди оммаи якҷо ҷамъомада ба даҳони тӯп баста, аз тӯп парронда, пора-пора мекарданд.

Соли 1858 Ҳиндустон мулки Британияи Кабир эълон шуд. Гарчанде шӯришгарон торумор шуданд, мустамликадорон маҷбур буданд баъзе ислоҳотҳо гузаронанд.Аз ҷумла, зиёд кардани андози заминро манъ намуданд.

Ҳуқуқи мулкдории роҷаҳои (князҳои) маҳаллӣ бедахолат эълон шуд. Компанияи «Ост-Индия» баста шуд. Идоракунии Ҳиндустон ба ихтиёри маъмурони Британия гузашт.

- Сабабҳои шӯриши сипоҳиён...
- Соли 1857...
- Соли 1858 ...

**Ташаккулёбии табақаи зиёиён дар Ҳиндустон.** Ҳукумати Британияи Кабир аз шӯриш хулосаҳои зарурӣ баровард. Аз ҷумла, барои илмомӯзии ҳиндҳо роҳ кушод. Мактаб, коллеҷ ва дигар масканҳои таълим таъсис ёфтанд. Ҳиндҳо акнун имконияти таълимро дар донишгоҳҳои давлатҳои Европа пайдо намуданд. Ҳамин тариқ табақаи маҳаллии рӯшанфикрон (зиёиён) ташаккул меёфт.

Ҳиндуёни соҳиби маълумоти европоӣ ба хизмати давлат ҷалб карда мешуданд. Ба воситаи онҳо паҳншавии забони англисӣ вусъат ёфт. Ба воситаи ҷавононе, ки забони англисиро медонистанд ва дар Британия таълим гирифта буданд, дар ҷамъияти ҳинд ғояҳои пешқадами Европа паҳн мегаштанд.

***Ҳамин тавр то солҳои 70-уми асри XIX дар ҳаёти иқтисодию сиёсии Ҳиндустон дигаргуниҳои муҳим рӯй доданд. Гарчанде суст буд, капитализм инкишоф меёфт. Ҳаракати миллию озодихоҳӣ пайдо шуда, мубоизаи зидди мустамликаи англис пурзӯр мегардид.***

**Сипоҳӣ (ҷанговар)** – лашкари кироия иборат аз ҳиндуён таҳти раҳбарии афсарони Британияи Кабир.

?!

*1. Оиди тартиботи мустамликадории Британияи Кабир дар Ҳиндустон чиҳоро дониста гирифтед.*

*2. Мустамликадорон Ҳиндустонро чӣ гуна идора мекарданд?*



http://eduportal.uz

*3. Сабабҳои шӯриши сипоҳиёнро эзоҳ диҳед.*
*4. Ҳукумати Британияи Кабир барои пахш кардани шӯриш кадом чораҳоро дид ва аҳамияти таърихии шӯриш аз чиҳо иборат аст?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Аз романи «Шабҳои ситоразор»-и Примқул Қодиров қисми «Агра. Гирдоби ситораҳо»-ро хонед ва вобаста ба мавзӯи «Роли Бобуриҳо дар таърихи Ҳиндустон» дар дафтаратон эссе нависед.

## Мавзӯи 27-ум: ХИТОЙ ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Таназзули империяи Чин (Син).** Дар охири асри XVIII қудрати истилогарии империя суст шуд. Карахтии иқтисодӣ ва қашшоқ шудани деҳқонон, ки қисми асосии аҳолии кишварро ташкил медоданд, онҳоро ба шӯриш роҳнамун мекард.

> Дар асрҳои миёна дар Хитой кадом сулолаҳо ҳукмронӣ кардаанд?

Ҳамин тариқ, Хитой дар шиканҷаи зиддиятҳои дохилӣ буд. Сулолаи ҳукмрон ҳар гуна чораҳо андешида, умри сохти ба поёнрасидаро дароз карданӣ мешуд. Онҳо ҳамаи муқобилиятро бераҳмона пахш мекарданд. Дар ин замон ба Хитой омадани савдогарони Британияи Кабир ва Франсия пурзӯр шуд. Ҳаракати фаъоли онҳо ҳукумати Хитойро хавотир карда монд. Император бо мақсади гирифтани пеши роҳи хориҷиёни зиёд соли 1757 бандаргоҳҳои Хитойро барои савдои хориҷӣ пӯшид. Ин сиёсати «Дарҳои пӯшида» Хитойро аз дунёи беруна ҷудо карда мемонд.

Савдои беруна танҳо таҳти назорати амалдорони император дар бандари Гуанчжоу ба роҳ монда шуду халос. Сиёсати яккагузории Хитой ба нигоҳ доштани тартиботи феодалӣ хизмат мекард. Вай ба инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиии Хитой зарари калон расонд. Маъмурони император муваффақиятҳои дигар халқҳоро дар соҳаи илму техника рад мекарданд. Кишвар дар ботлоқи ақибмондагӣ монд.

Дар чунин шароит ҳукумати Британияи Кабир барои кушодани имкониятҳо ба савдогаронаш дар Хитой кӯшиш кард. Барои шикастани якравии императори Чин барои вай баҳона лозим буд.

http://eduportal.uz

**Ҷанги якуми афюнӣ.** Савдогарони Британияи Кабир бо роҳи ғайриқонунӣ аз Ҳиндустон ба Хитой афюн (маводи нашъа) оварданд. Маъмурони маҳаллии Хитой корвони афюнро мусодира карданд. Ҷавобан ба он ҳукумати Британия барои қонунӣ кардани воридоти афюн ва молҳои англисӣ соли 1840 бар зидди Хитой ҷанг эълон кард. Ин ҷанг ба таърих бо номи «Ҷанги якуми афюнӣ» дохил шуд. Ҷанг то соли 1842 давом кард. Дар ҷанг Хитой ба туфайли ақибмонии иқтисодӣ ва техникаи ҳарбӣ мағлуб шуд.



**Ҷанги афюнӣ. Карикатура**

Дар поёни ҷанг Британияи Кабир ҷазираи Гонконгро забт кард ва Хитойро маҷбур сохт, ки якчанд бандарашро барои савдогарони хориҷӣ кушояд.

Аммо Хитой қонунӣ будани даровардани афюнро эътироф накард.

- Соли 1840 ...
- Соли 1856 ...
- Ҷангҳои афюнӣ – ин ...
- Хун Сютсюан – ин ...

**Ҷанги дуюми афюнӣ.** Дар солҳои 1856–1860 ҷанги дуюми афюнӣ рӯй дод. Ин дафъа Хитой ба зарбаи дандоншикани лашкари муттаҳидаи Британияи Кабир ва Франсия дучор омад. Онҳо қасри тобистони пур аз хазинаҳои императорро дар остонаи Пекин талаву тороҷ ва вайрон карданд. Мустамликадорон Хитойро ба имзои шартномаи нави нобаробар маҷбур сохтанд.

Ба хориҷиён боз дар дигар бандарҳо барои бурдани савдо рухсат ва имтиёзҳо дода шуд. Дар айни вақт шаҳрвандони англис ва француз дар ҳудуди Хитой аз итоат ба қонунҳо ва суди ин мамлакат озод карда шуданд. Агар ҷиноят содир кунанд, онҳоро сафири дахлдор бо қонунҳои мамлакати худаш суд менамуд. Британияи Кабир дар савдои баҳрӣ афзалият пайдо намуда, дар Хитой бештар аз ҳама имтиёз дошт. Дар кварталҳои (даҳаҳо) махсуси шаҳрҳои соҳили баҳрҳо фақат аҷнабиҳо истиқомат мекарданд, маъмурони Хитой ба инҷоҳо даромада наметавонистанд.

**Шӯриши деҳқонон ва давлати Тайпинҳо (1850–1864).** Дар оқибати сиёсати таслимгаронаи ҳукумат Хитой ба ниммустамликаи давлатҳои




**Шўриши тайпинҳо дар Хитой (соли 1854)**

Европа табдил шуданаш ва афзудани зулми феодалӣ боиси норозигиҳои пуртезутунди оммаи халқ шуданд. Деҳқонон маҷбуран шўриш бардоштанд. Ин шўриш соли 1850 дар ҷануби кишвар сар шуд. Муборизаи зидди сулолаи Син ва феодалҳо бо муборизаи зидди мустамликадорон як шуд.

Ба шўриш писари деҳқон, муаллими мактаб Хун Сютсюан раҳбарӣ мекард. Шўришгарон дар вилояти Янсзи «Давлати осмонии фаровон» («Тайпин тянго») барпо карданд. Шаҳри Нанкин маркази он буд. Бино ба фикри Хун Сютсюан дар ин гуна давлатҳо «деҳқонон бояд ҷамоа шуда зиндагӣ кунанд, дар ҷамоа набояд нобаробарӣ бошад, барои он, ки ҳама сер ва либосаш бошад, соҳиби замин буда, баробар кор кунанд, якҷоя хўрок тановул намоянд, либосро баробар тақсим карда, пулро якҷоя сикка зананд». Ҳаёти аҳолӣ дар асоси тартиби ҳарбӣ ба роҳ монда шуд. Ҳар як оила ба лашкар як нафар аскар бояд медод. Сарвари қисми

ҳарбӣ дар айни вакт дар ҳудуди қисм вазифаи ҳокимиятро иҷро менамуд. Ҳамаи мардон ба як лагери меҳнат, занон ва бачаҳо ба дигар маскан ҷойгир шуданд.

**Ҷанги якуми афюнӣ** солҳои 1840–1842 ба амал омад.
**Давлати тайпинҳо** байни солҳои 1850–1864 амал кард.
**Соли 1757** императори Хитой бандаргоҳҳоро барои савдои берунӣ баст.

**Мағлубияти тайпинҳо.** Орзуву умедҳои раҳбарони шӯриш пуч баромад. Нақшаҳои онҳо дар бораи тақсим кардани замин бо назардошти шумораи аъзоёни оила табақаҳои мулкдорро аз шӯриш дур кард. Ин ҳолат дар байни раҳбарони тайпинҳо низоъро ба амал овард. Деҳқонони аз замин ноумедшуда рӯҳафтода гардиданд. Ин барои торумор кардани тайпинҳо аз тарафи давлат имконият фароҳам овард. Ҳукумат қувва ҷамъ намуда, ба ҳуҷум гузашт.

Ба он Британияи Кабир, Франсия ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка ёрӣ расониданд. Давлатҳои бузург аз ҳукмронии сулолаи син, ки ба таназзул рӯ оварда буд, манфиатдор буданд. Соли 1864 лашкарҳои ҳукумат шаҳри Нанкинро, ки дар он раҳбарияти шӯриш ҷойгир буд, ишғол намуданд. Хун Сютсюан ба ҷонаш қасд кард. Пас аз пахши шӯриши тайпинҳо мустамликадорон сулолаи синро дастгирӣ намуда, дар назди он шартҳои нав гузоштанд.

***Дар ибтидои асри XIX Хитой, ки ҳанӯз давлати бузург ба ҳисоб мерафт, ба миёнаҳои аср омада, ба ҳудуди хеле муҳими манфиатҳои ба ҳам зидди мустамликавии давлатҳои Ғарб, баъд ШМА, Россия ва Япония табдил ёфт. Ақибмондагии иқтисодию ҳарбии Хитой сарфи назар аз мақоми давлати бузург доштанаш ба ниммустамликаи давлатҳои Ғарб табдил дод.***

**Афюн** – моддаи нашъаманди пуртаъсири ба хоббаранда.

?!

1. *Хитой чӣ гуна ба асорати давлатҳои бузург монд?*
2. *Мақсад аз сиёсати «дарҳои пӯшида» чӣ буд ва он ба кадом оқибатҳо овард?*
3. *Ҷангҳои афюнӣ барои кушодани дарҳои Хитой барои капитали хориҷӣ чӣ гуна рол бозиданд?*
4. *Дар бораи шӯриши тайпинҳо ва сабабҳои мағлубияти онҳо чиҳоро дониста гирифтед?*

http://eduportal.uz

**Супориши кори эҷодӣ**

Бо ёрии диаграммаи Venn ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи Ҷангҳои якум ва дуюми афюниро, ки дар Хитой рӯй дода буданд, таҳлил кунед ва ба дафтаратон нависед.

Аз интернет истифода бурда, ба давлати Хитоий асри XIX сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед ва фаъолияти Хун Сютсюанро таҳлил намоед.

## Мавзӯи 28-ум: ЯПОНИЯ ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Бо зӯрӣ «кушодани» Япония.** Ҳанӯз дар асри XVI дар Япония паҳн кардани дини насронӣ манъ шуда буд. Ҳукуматдорон дини насрониро вайронкунандаи анъанаҳои миллии халқи япон, миссионерҳои насрониро гурӯҳҳои нахустини истилогар номида буданд. Аз ин сабаб ҳукуматдорони Япония дар асри XVII мамлакатро барои хориҷиён пӯшиданд ва аз кишвар ҳамаи аҷнабиёнро берун карданд.

Ҳокимияти Сёгун чӣ гуна дар Япония барпо шудагиашро ба ёд оред.

Дар фармони сёгун чунин қайд шуда буд: «Аз ин вақт эътиборан ба Япония аз кишварҳои хориҷӣ ҳеҷ касе, ҳатто сафирон намедароянд. Хавфи марг ҳам ин фармонро бекор набояд кунад».

Ҳамин тавр солҳо паси ҳам сипарӣ шуданд. Ниҳоят соли 1854 флоти ҳарбии баҳрии ШМА Японияро маҷбур сохт, ки дарашро кушояд. Ҳамон сол байни ШМА ва Япония Шартнома «Оиди сулҳ ва дӯстӣ» имзо шуд. Тибқи он Япония барои ШМА ду бандаргоҳашро боз кард ва консули ШМА-ро қабул намуд. Баъд аз ШМА ба Япония давлатҳои Европа низ даромада омаданд. Мақсади онҳо ишғол намудани бозорҳои Япония буд.

Соли 1858 ба америкоиҳо боз чанд бандар кушода шуд. Ба шаҳрвандони ШМА дар Япония ҳуқуқи экстерриториявӣ дода шуд. Барои молҳо ШМА боҷи паст муқаррар карданд. Дере нагузашта ҳамин гуна шартномаҳо бо давлатҳои Европа низ ба имзо расиданд. Аслан ин шартномаҳо Японияро паст зада, нобаробар буданд, зеро тан надодан ба давлатҳои аз нигоҳи ҳарбӣ пурзӯр имконнопазир шуд. Ҳамин тариқ, даври пӯшидагии сиёсию иқтисодии Япония ба охир расид.



http://eduportal.uz

**Оғози даври «Идоракунии бомаърифат».** Барои хориҷиён боз шудани Япония ба иқтисодиёти он таъсири манфӣ расонд. Зеро бозорҳои Япония аз молҳои хориҷӣ пур шуда рафтанд ва ба истеҳсолоти мануфактура ва ҳунармандии маҳаллӣ зарбаи калон расонданд. Дар натиҷа ҳаракат барои аз мамлакат рондани хориҷиён пурзӯр шуд.

Дар айни вақт қисми пешқадами самурайҳо ва рӯшанфикрон нағз медонистанд, ки мамлакат дар солҳои барои хориҷиён пӯшида аз ШМА ва давлатҳои Европаи Ғарбӣ ақиб мондааст. Аз ин рӯ онҳо дар бораи бо роҳи ислоҳот ба давлати замонавӣ табдил додани Японияро фикр мекарданд.

Тарафдорони император барои модернизатсия кардани Япония аз ҳаракати муборизон барои сарнагун сохтани ҳокимияти сёгун ва барқарор намудани ҳокимияти император истифода бурданӣ буданд.

Ҳамин тариқ кӯшиш барои бо зӯрӣ кушодани кишвар ва шартномаҳои нобаробари ҳукумати сёгун бо давлатҳои хориҷӣ барои оғози ҷанги дохилӣ сабаб шуд. Қувваи асосии ҳаракати оммавии сарнагун кардани



**Ҷараёни тоза кардани шолӣ**

ҳокимияти сёгунро самурайҳо ташкил мекарданд. Ба онҳо табақаҳои бой ва миёнаи деҳоту шаҳр ҳамроҳ шуданд. Дар натиҷаи ҷанги дохилӣ (шаҳрвандӣ) ҳокимияти сёгун сарнагун шуд.

Соли 1867 сёгуни охирини сулолаи токугава аз ҳокимият ба фоидаи **император Мусухито** даст кашид. Ҳамон сол ба вай тоҷи императориро бо номи **император Мейдзи** («идоракунии бомаърифат») пӯшониданд.



**Император Мейдзи**

**Оғози ислоҳотҳои Мейдзи.** Дар Япония замони модернизатсия (ислоҳот) сар шуд. Ҳукумат дар назди худ вазифаи аз анъанаҳои миллӣ даст накашида, мустақилиро пурра нигоҳ дошта, мисли Ғарб замонавӣ кардани Японияро гузошта буд. Аввал ислоҳоти аграрӣ татбиқ шуд. Ин ислоҳот ба хариду фурӯши замин, ба мулки хусусӣ табдил додани он рухсат дод. Дар натиҷа деҳқонони дар давоми солҳо барои заминдорони калон меҳнаткарда соҳиби чеки замин шуданд. Инчунин барои замин андози калон ҳам муқаррар карда шуд.

Меъёри ин андоз ба 50 фоизи ҳаҷми даромад аз ҳосилро ташкил медод. Аз ин боис баъди гузаштани 10 сол аз ислоҳот танҳо аз се як қисми деҳқонон замини гирифтаашонро нигоҳ дошта тавонистанду халос. Боқимонда ҳама ба иҷоракор табдил ёфтанд. Сарфи назар аз ин ислоҳот инкишофи муносибатҳои капиталистиро дар хоҷагии қишлоқ таъмин намуд.

Ислоҳоти соҳаи маъмурӣ ҳокимияти маҳаллии князҳоро барҳам зад. Барои шикастани қудрати князҳо аввал як қисми замини онҳо мусодира карда шуд. Баъд князҳо аз ҳуқуқи идоракунӣ маҳрум шуданд. Ҳокимият дар ҷойҳо ба дасти губернаторҳое, ки император таъин менамуд, гузашт.





**Соли 1854** флоти ҳарбии баҳрии ШМА Японияро маҷбур сохт, ки дарашро кушояд.

**Соли 1858** ба америкоиҳо боз чанд бандар кушода шуд.

**Соли 1867** сёгуни охирини сулолаи токугава аз ҳокимият ба фоидаи император Мутсухито даст кашид.

Бино ба ислоҳоти ҳарбӣ дар Япония ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ҷорӣ карда шуд. Самурайҳо қиёфаи аввалиашонро гум карданд. Акнун онҳо



http://eduportal.uz

аз имтиёзи доимӣ дар хизмати ҳарбӣ будан маҳрум шуданд. Ташкили лашкар дар мисоли европоӣ сар шуд.

Аз Франсия мутахассисони ҳарбӣ даъват карда шуданд. Лашкар бо аслиҳаи замонавии аз Европа харида мусаллаҳ шуд. Гарчанде лашкар дар асоси андозаҳои европоӣ ташкил шуд, мафкураи он японӣ монд. Масалан, дар шуури хизматчиёни қувваҳои мусаллаҳ ғояҳои садоқат ба манфиатҳои давлати худ, муҳаббат ба император ва писанд накардани марг тарбия карда мешуданд. Ин хусусиятҳоро нишонаҳои «рӯҳи миллии японӣ» меҳисобиданд.

Ғайр аз ин дар шуури японҳо Япония бо иродаи худои офтоб Аматерасу офарида шуданаш, аз ин сабаб давлат мисли Осмон ва Замин абадӣ, ба император мисли худо Аматерасу меҳрубонӣ хос будан, вай ҳеҷ гоҳе ноҳақ нашуданаш ҷойгир карда буданд. Намунаи олии ватанпарварӣ будани садоқат ба император, бартарии японҳо нисбат ба дигарон, бузургии миллат ва монанди инҳо бо сабру тоқат талқин мешуданд.

Дар айни вақт барои бар зидди тазйиқи давлатҳои Ғарб мубориза бурдан ғояи тахти ҳокимияти императори Япония муттаҳид шудани ҳамаи давлатҳои Осиёро аз ёд намебароварданд.

Барои талқини ин ғояҳо дар байни ҷавонон ба фаъолияти ибодатхона, лашкар ва мактабҳо эътибори калон дода мешуданд. Ин ғояҳо минбаъд дар ҷараёни аз ҷиҳати мафкуравӣ тайёркунии ҷангҳои калонмиқёси Япония дар қитъаи Осиё роли калон бозиданд.

- Соли 1854 ...
- Соли 1867 ...
- Аматерасу-ин ...
- Дар шуури японҳо... бо сабру тоқат талқин мешуданд.

**Хусусиятҳои нави тараққиёти иқтисодӣ.** Ислоҳотҳои Мейдзи ба парокандагии феодалии кишвар нуқта гузошт. Дар натиҷа бозори ягонаи дохилии япон пайдо шуд. Дар кишвар воҳиди ягонаи пул-иена ҷорӣ шуд. Ҳукумат ба масъалаи саноатикунонии истеҳсолот ҳамчун омили асосии ҳимояи даxолати давлатҳои хориҷӣ ба корҳои дохилӣ нигоҳ мекард. Аз ин сабаб давлат ба сохтани корхонаҳои саноатӣ ҳомигӣ менамуд.

Корхонаҳои асосии саноатӣ аз ҳисоби маблағи давлат сохта мешуд, баъдтар дар асоси имтиёз ба фирмаҳои гуногун ё фурӯхта, ё ба иҷора



http://eduportal.uz

дода мешуданд. Давлат тадбиркориро ҳамаҷониба дастгирӣ ва рағбатнок кард. Ислоҳотҳои Мейдзи дар таърих бо номи «Инқилоби Мейдзи» дохил шуд.

***Асри XIX, хусусан нимаи дуюми он дар Япония даври инкишофи пуравҷи капитализм шуд. Он баъди инқилоби Мейдзи аз байни мамлакатҳои тамаддуни анъанавӣ аввалин шуда ба роҳи тараққиёти индустриалӣ даромад, барои пешрафти капиталистӣ шароит фароҳам овард, конститутсия қабул шуд, ҳизбҳо ташкил мешуданд, нишонаҳои давлати ҳуқуқӣ намоён мегардид.***

**Модернизатсия** – замонавӣ кардан.

**Ҳуқуқи экстерриториалӣ** – дахолатнопазирии шахсӣ, хонаву ҷой ва мулки шаҳрвандони хориҷӣ, онҳоро ҳуқуқи суд кардан надоштани суди маҳаллии давлат.

*1. Аз чӣ сабаб барои ШМА ва давлатҳои Европа дарҳои Японияро маҷбуран «кушодан» зарур шуд?*
*2. Дар Япония ҳокимияти сёгун чӣ гуна сарнагун карда шуд?*
*3. Оиди ислоҳотҳое, ки император Мусухито амалӣ кард, чиҳоро дониста гирифтед?*
*4. Ба нақши ислоҳотҳои Мейдзи дар тараққиёти Япония чӣ гуна баҳо медиҳед?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Ғояҳоеро, ки бо сабру тоқат ба шуури японҳо талқин мешуданд, таҳлил кунед ва дар дафтаратон нависед. Дар мавзӯи «Нишонаҳои рӯҳи миллии японӣ дар инкишофи Японияи замонавӣ» эссе нависед.

Аз интернет истифода бурда, ба *давлати Японияи асри XIX* сайёҳати виртуалӣ ташкил кунед ва нишонаҳои модернизатсияи Япония дар ҳолати сутун оварда, дар дафтаратон нависед.

Филми бадеии ба мавзӯъ вобастаи «Сёгун»-ро бинед ва хулоса бароред.

## Мавзӯи 29-ум: КОРЕЯ ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

Дар ибтидои асри XIX ашрофзодагони аз ҳокимият рондашуда дар ҷанги зидди гурӯҳи ҳукмрон тайёрӣ медиданд. Бар зидди сулолаи ҳукмрони Ли тахти сарварии заминдори бой Хон Гён Не шӯриши калони мусаллаҳона ба амал омад. Онҳо аввал ба якчанд ғалабаҳо ноил шу-



http://eduportal.uz

данд, аммо дар ниҳояти кор мағлуб шуда, бераҳмона ҷазо диданд. Хон Гён Неи асир қатл карда шуд. Аммо пахши шӯриш норозигиро дар мамлакат боз дошта натавонист. Соли 1813 дар ҷазираи Ҷеҷудо шӯриши деҳқонон ва моҳидорон шуда гузашт. Баъд чанд сол хушксолӣ шуд, одамони бисёр аз гуруснагӣ ва беморӣ нобуд гаштанд.

Ли Сон Ге ба сулолаи Ли кай асос гузошта буд?

Кореяро гуруснагӣ ва эпидемияи вабо фаро гирифт. Дар шаҳрҳо якчанд шӯриши гуруснаҳо шуда гузашт.

**Корея дар солҳои 30–60-уми асри XIX.** Аз асри XIX дар ҳама соҳаҳои ҷамъияти корейс инқироз боз ҳам авҷ гирифт. Сулолаи Ли бинобар зиддиятҳои дохилии сиёсӣ заиф шуда, ба завол рӯ ба рӯ омад. Дар ин шароит давлатҳои капиталистӣ барои кушодани Корея ба хориҷиҳо ва ба мустамлика табдил додани он хавф оварданд. Ин хавф аввал дар фаъол шудани миссионерҳои насронии европоӣ намоён мешуд.

Соли 1831 папаи Рим таъсис ёфтани епископии Кореяро эълон кард. соли 1832 киштии Британияи Кабир дар соҳилҳои Корея пайдо шуда, ба



**Кӯфтани шолӣ дар Корея. Асри XIX**

роҳ мондани муносибатҳои савдоии ду тарафро пешниҳод кард. Аммо ҷавоби рад гирифт. Дар ин байн намояндагони миссионерҳои калисои насронӣ ба Корея пинҳонӣ даромада, фаъолият мебурданд. Онҳо асосан миссионерҳои француз буданд. Бо миссионерҳо қатл карда шудани корейсҳои дини насрониро қабул карда барои ба Корея фиристодани киштиҳои ҳарбии француз баҳона шуд. Французҳо ба қувваҳои ҳарбӣ такя карда, бар ивази товони марги миссионерҳо кушодани бандарҳои Кореяро талаб намуданд. Аммо ташриф бемуваффақият анҷом ёфт-дуто киштӣ дар ҳамвории назди соҳили Корея ғӯтида монд.

Бо қувваи зӯрӣ кушода шудани Хитой барои давлатҳои хориҷӣ ва ба давлатҳои пурзӯр таслим шудани манҷурҳо ба доираҳои ҳукмрони Корея таъсири калон расонд. Ҳукмдорони Сеул ба роҳи боз ҳам сахттар ва пурратар ҷудо кардани мамлакат аз дунёи беруна гузаштанд.

- Соли 1831 ...
- Соли 1832 ...
- Сабабҳои таназзули сулолаи Ли –...

Дар миёнаҳои асри XIX вазъияти дохилии Корея бо болоравии ғазаби халқ тавсиф дода мешавад. Яке аз миссионерон дар хабари худ чунин навишта буд: «Шарораи хурдакак чунин аланга гирифтанаш мумкин аст, ки оқибати онро ба ҳисоб гирифтан илоҷ надорад».

Гуруснагӣ аҳволро боз ҳам танг мекард. Шӯриши деҳқонон авҷ гирифт, аммо ҳамаи онҳо аз тарафи ҳукумат бешафқатона пахш мешуд. Дар ин байн фишори давлатҳои капиталистӣ ба Корея пурзӯр шуд. Хусусан америкоиҳо чандин бор барои «кушодани« бандарҳои Корея ва имзо кардани шартномаҳои нобаробар кӯшиданд.

Аммо кӯшишҳои онҳо ба муқовимати сахти корейсҳо дучор омада, амалӣ нагаштанд.

Соли 1863 Ли Сзе Хвани 12-сола бо номи Шоҳ Коҷон ба тахт нишаст. Ҳокимиятро муваққатан падараш Ли Хе Ин, ки **тевонгун** (ҳоким) буд, идора мекард. Тевонгун ба зӯроварии партияи ашрофзодагони **норон** (мӯйсафедон), ки лавозимҳоҳи муҳими давлатӣ одамони худро мегузошт, хотима дод. Ӯ онҳое, ки аз дворянҳо набуданд, баъзе вакилони савдогарон, заминдорони на чандон бойро ба хизмати давлатӣ ҷалб кард. Қудрати асилзодагони пештара, ки таъсири ҳалкунанда доштанд, мавқеъро аз даст доданд.

http://eduportal.uz

Андози ҳарбие, ки одамони оддӣ месупурданд, ба андози сари хонаводагии барои ҳамаи табақаҳо маҷбурӣ иваз карда шуд. Бо мақсади «баробаркунии» асилзодаҳо ва халқи оддӣ ба халқ пӯшидани пойафзоли сиёҳранг бекор шуд. Барои боло бурдани обрӯи подшоҳии нав тевонгун қасри Кёнбоккунро, ки дар асри XVI ҳангоми таҷовузи японҳо сӯхта буд, барпо карданд.

**Соли 1813** дар ҷазираи Чеҷудо шӯриши деҳқонон ва моҳидорон шуда гузашт.

Дар миёнаҳои **асри XIX** вазъияти дохилии Корея бо болоравии ғазаби халқ тавсиф дода мешавад.

**Соли 1863** дар Корея ҳокимиятро тевонгун, яъне Ли Хен Ини ҳамчун ҳокими машҳур идора мекард.

Вале аз сабаби он, ки табақаҳои ҳукмрони Корея ислоҳотҳои иқтисодиро мувофиқи талабҳои замон нагузаронианд, мамлакат аз дунёи берун ҷудо буд, иқтисодиёти мамлакат дар ҳолати ночор монд. Ин бошад, дар ниҳоят ба мустамликаи Япония табдил ёфтани Корея оварда расонд.

***Дар Корея барои мустаҳкам намудани ҳукмронии заминдорон ва амалдорон тағйиротҳо ба амал оварда шуданд, лекин онҳо бӯҳрони чуқури сохти феодалиро бартараф карда натавонистанд. Як қисми фаъоли рӯшанфикрон ғояҳои пешқадами Европаро қабул карда, зери таъсири миссионерҳо монданд. Мамлакат ба объекти мустамликавии Хитой, Япония, Россия ва Европа табдил ёфт.***

?!

1. *Сабабҳои шӯришҳои дар ибтидои асри XIX сарзада дар Кореяро фаҳмонда диҳед.*
2. *Барои суст шудани Корея миссионерҳо чӣ гуна рол бозиданд?*
3. *Дар Корея ҳокимиятро ҳоким Ли Ха Ин кай ишғол кард?*
4. *Кадом омилҳо иқтисодиёти Кореяро ба ҳолати ночор рӯ ба рӯ карданд?*

**Супориш доир ба кор бо асари бадеию таърихӣ**

Аз сайти n.ziyouz.com қиссаи Чингиз Айтматов «Абри сафеди Чингизхон»-ро кӯчонида, хонед ва таассуротатонро дар дафтаратон нависед.

Ҷараёнҳои таърихии давлати Кореяро дар асри XIX дар шакли кластер биоред.



http://eduportal.uz

## Мавзӯи 30-юм: ИМПЕРИЯИ УСМОНИҲО ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Сохти давлатӣ.** Империяи Усмониҳо дар ин солҳо ҳам монархияи мутлақ буд, нишонаҳои ба давлатҳои ҳарбии хоси Асрҳои миёнаро пурра нигоҳ медошт. Давлатро султоне, ки ҳуқуқи он умуман маҳдуд набуд, идора мекард. Айнан ҳокимияти бар зулм асосёфта ва ба қабули навигариҳо тайёрнабуда дар роҳи тараққиёти ҷамъият монеаи асосӣ шуд. Ғайр аз рӯҳониён дигар ҳама хизматчиёни давлат ғуломи султон ба ҳисоб мерафтанд. Албатта барои гузаронидани ислоҳот низ кӯшишҳо ба назар мерасид. Аммо онҳо ба туфайли муқобилияти арбобони мутаассиби динӣ ва давлатҳои хориҷии мустамликахоҳ амалӣ нашуданд.

Давлати салҷуқиҳо дар Осиёи Хурд кай пароканда шуд?

**«Масъалаи Шарқ»**. Дар охири асри XVIII давлатҳои пурқудрати Европа аз суст шудани империяи Усмониҳо истифода бурда, ба ҳудудҳои мустамликаи вай чашм ало карданд. Ин ҳудудҳо аз нигоҳи географӣ ва сиёсӣ аҳамияти калон доштанд, ба сарватҳои табиӣ, ашаёҳои хом бой буданд.



**Аскарони турк. Асри XIX**

Доираҳои ҳукмрони Британияи Кабир, Австрия ва Россия ҳар кадоме аз ин ҳудудҳо ғанимати худро гирифтанӣ мешуданд. Барои ишғол кардани кишварҳои тобеи империяи Усмонӣ давлатҳои Европа байни худ мубориза мебурданд, ки ин мубориза дар таърих бо номи «Масъалаи Шарқ» дохил шудааст. Британияи Кабир ва Франсия империяро зери таъсири худ даровардани буданд.

Россия дар нимҷазираи Балкан, ки тобеи Туркия буд, барои ҷойгир шудан ва гулӯгоҳи Босфор ва Дарданелли баҳри Сиёҳ, инчунин шаҳри Истанбулро ба даст даровардани буд.

**Тезутунд шудани масъалаи Шарқ.** Дар мамлакатҳои тараққикардаи Европа пешравии истеҳсолоти капиталистӣ талаботро ба

кишварҳои нави ашёи хом тақозо кард. Ин ҳодиса муборизаи онҳоро барои мустамликаҳои Туркия боз ҳам авҷ гиронд. Аз муборизаи миллию озодихоҳии халқҳои империя давлатҳои Европа ҳамчун аслиҳаи дахолат ба корҳои дохилии Туркия истифода бурданд. Аз ҷумла, соли 1827 дар Лондон байни Британияи Кабир, Франсия ва Россия оид ба Юнони тобеи Туркия додани мухторият созишнома имзо карда шуд.

Франсия соли 1830 Ҷазоирро истило кард. Ин бемуваффақиятиҳои паси ҳами ҳукумати султон боиси сар бардоштани ҳукмдори Миср Муҳаммад Алӣ, ки расман ба Туркия мутеъ буд, гардид.

**Доираҳои ҳукмрони Британияи Кабир, Австрия ва Россия** ҳар кадоме аз ин ҳудудҳо ғанимати худро гирифтанӣ мешуданд.

Франсия **соли 1830** Ҷазоирро истило кард.

Муҳаммад Алӣ лашкари султонро торумор карда, ба шаҳри Истанбул роҳ гирифт. Султонро аз ҳалокат Россия нигаҳ дошт. Мақсади охирини Россия, аввал, барои ба даст даровардани гулӯгоҳҳои баҳри Сиёҳ ва шаҳри Истанбул аз Муҳаммад Алии пурзӯр дида ҳокимияти султони суст беҳтар буд.

Дуюм, ғалабаи Муҳаммад Алӣ ба ғалабаи Франсия, ки ӯро дастгирӣ мекард, баробар буд. Россия ба ин роҳ додан намехост, аз ин рӯ ба султони Туркия ёрии худро пешниҳод намуд.

Зери фишори флоти Россия Муҳаммад Алӣ лашкарашро ба Миср баргардонд. Акнун байни Россияю Туркия қаробат сар шуд. Табиист, ки Британияи Кабир ва Франсия ба ин тоқат намекарданд. Акнун онҳо Муҳаммад Алиро боз ҳам бештар дастгирӣ намуданд.

Муҳаммад Алӣ аз султон ҳуқуқи мерос карда мондани ҳокимияти худашро талаб намуд. Ин талаб барои оғози ҷанги нав баҳона шуд. Бо анҷоми ҷанг соли 1840 Муҳаммад Алӣ ҳуқуқи мерос карда, идора намудани Миср ва Суданро гирифт.

**Ба ниммустамлика табдилёбии империя.** Давлатҳои Европа дахолат ба корҳои дохилии Туркияро боз ҳам пурзӯр намуданд. Соли 1853 кӯшишҳои Россия барои мустаҳкам намудани мавқеъаш дар кишварҳои тобеи Туркия боиси сар задани ҷанги байни онҳо шуд. Ин ҷанг дар таърихи Россия бо номи **«ҷанги Қрим»** (1853–1856) дохил шуд. Пеш аз оғози ҷанг подшоҳи Россия Николайи I аз султон талаб кард, ки ҳоми-

http://eduportal.uz



**Иштирокчиёни Ҷанги Қрим**

гии онро нисбат ба ҳамаи халқҳои православи муқими кишварҳои тобеи Туркия, инчунин зиёратгоҳҳои муқаддаси насрониҳо дар Фаластинро эътироф кунад. Британияи Кабир ва Франсия аз султон қабул накардани ин талабро тақозо намуданд. Ниҳоят, ҷанги Россия-Туркия сар шуд.

Дар ҷанг иттифоқи сегонаи Британияи Кабир, Франсия ва Туркия ғалаба кард. Аммо ин ғалаба вобастагии Туркияро аз Британияи Кабир ва Франсия боз ҳам пурзӯр намуд. Дар оқибати ҷанг соли 1856 шартномаи сулҳи Париж имзо шуд, тибқи он «ҳомӣ»-гии давлатҳои Ғарб бар Туркия дар амал ҷорӣ шуд. Дар Туркия ба хориҷиён барои харидани замин ва дигар мулкҳои ғайриманқул рухсат дода шуд. Консессияҳои ба давлатҳои хориҷӣ додашуда кафолат дода шуд. Ҳамин тариқ барои ниммустамлика шудани Туркия роҳ кушода шуд. Дар солҳои 60-уми асри XIX давлатҳои мустамликачӣ дар Туркия мавқеи иқтисодию сиёсии сиёсати онро муқарраркунандаро пайдо карданд.

***Хуллас, ба туфайли сохти ақибмондаи иҷтимоию сиёсии кишвар империя рӯ ба завол овард. Дар империя ва ҳудудҳои мутеъ ба он мубо-***

***риза барои мустақилӣ авҷ гирифт. Қарзи Туркия аз давлатҳои хориҷӣ бисёр афзуд. Яъне давлате, ки як вақт дар 3 қитъаи дунё мустамликаҳои калон дошт, акнун ба ниммустамликаи давлатҳои пурзӯри Европа табдил ёфт.***

- Соли 1827 ...
- Соли 1830 ...
- Соли 1853 ...
- Сабаби саршавии ҷанги Россия – Туркия – ин ...

**Консессия (лотинӣ – рухсат, тан додан)** – шартномаи созиш оид ба муддати муайян ба капитали хориҷӣ додани корхонаҳои давлатӣ, мулк.

?!

*1. Дар бораи сохти давлатии империяи Усмониҳо чиҳоро донista гирифтед?*
*2. «Масъалаи Шарқ« чӣ гуна масъала буд ва он чӣ гуна пайдо шуд?*
*3. Ба мубориизаи давлатҳои Европа оид ба «масъалаи Шарқ» баҳо диҳед.*
*4. Империяи Усмониҳо чӣ гуна ба ниммустамлика табдил ёфт?*

**Супориш доир ба кор бо асари бадеию таърихӣ**

Аз сайти n.ziyouz.com асари Ҷалолуддини Румӣ «Чашми дилро кушо»-ро хонед. Мустақилона зери мазмуни «Сабабҳои инқирози империяи Усмониҳо иборат аз он, ки...« эссе нависед.

Ҷараёнҳои таърихии империяи Усмониҳоро дар шакли хронология оваред.

## Мавзӯи 31-ум: АФҒОНИСТОН ВА ЭРОН ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Сохти давлатӣ.** Эрон дар асри XIX ҳам монархияи мутлақ буда, шоҳ ҳуқуқи номаҳдуд дошт. Тамоми ҳокимият дар дасти он буд. Дар назди шоҳ шӯрои махфӣ амал мекард, дар таркиби он **садри аъзам, амин-уд-давла, вазир, ҳакимбошӣ ва шайхулислом** дохил шуда буданд.

Давлати сафавиён дар ҳудуди кадом давлат ташкил шуда буд?

http://eduportal.uz

Давлат ба вилоятҳо тақсим шуда буд, онҳоро **бекларбегӣ** идора мекард. Ба вориси тахт Озарбойҷон низ дода шуд, қароргоҳи вай дар шаҳри Табрез буд.

Дар асри XIX Британияи Кабир ва Франсия, ки барои ҳумкронӣ дар Шарқ мубориза мебурданд, рағбаташон ба Эрон низ пурзӯр шуд. Барои барпо намудани ҳукмронӣ дар Кавказ Эрон бо Россия дар солҳои 1826–1828 ҷанг кард, Эрон ба мағлубият дучор ва аз даъвояш дар Кавказ даст кашид.

**Бо бозори Британияи Кабир табдилёбии Эрон.** Мағлубиятдар ҷанг бо Россия ва оқибатҳои он дар байни табақаҳои ҳукмрони Эрон норозигиро ба вуҷуд овард. Ниҳоят дар як қатор вилоятҳои Эрон таҳти сарварии заминдорони калон бар зидди шоҳ исён сар зад. Британияи Кабир аз аҳволи вазнини Эрон истифода бурда, онро ба имзои шартномаи нобаробар маҷбур кард. Тибқи он Британияи Кабир барои корҳои савдо бо Эрон ба имтиёзҳои калон соҳиб шуд.

Дар оқибати он вай бозорҳои Эронро бо маҳсулоти саноати сабукаш пур карда фиристод. Ин дар навбати худ деҳқонони маҳаллӣ, ҳунармандон ва савдогаронро хонавайрон кард. Ҳамин тариқ, Эрон ба бозори фурӯши маҳсулоти саноати мустамликачии калон Британияи Кабир табдил ёфт. Ин ҳолат дар мамлакат эҳтиёҷро ба пул зиёд намуд.

Дар натиҷа фурӯхтан ва харидани мансабҳо дар дастгоҳи давлатӣ бениҳоят авҷ гирифт. Ҳокимони вилоятҳо, заминдорони калон ба хазинаи давлат андоз намесупурдагӣ шуданд. Ин омилҳо сабабгори ба амал омадани норозигии ҷиддӣ дар байни табақаҳои меҳнаткаши аҳолӣ гардиданд ва дар ниҳояти кор ба сар шудани шӯриши соли 1848 оварда расониданд. Ин шӯриш дар таърих бо номи **«Шӯриши бобиён»** дохил шудааст.



Дар **асри XIX** Эрон дар ҷангҳо бо Россия шикаст хӯрд ва аз даъвояш ба ҳудудҳои назди Кавказ даст кашид.

**Соли 1848** дар Эрон шӯриши бобиён сар шуд.

**Шӯриши бобиён.** Шӯриш бар зидди сохти шоҳӣ, зулми он ва заминдорӣ нигаронида шуда буд. Иштирокчиёни шӯриш асосан аз ҳунармандон, савдогарони майда, камбағалони шаҳр ва деҳқонони муқими атрофи шаҳр иборат буданд. Ба шӯриш табақаҳои поёнии рӯҳониён низ иштирок карданд.

http://eduportal.uz

Шӯришгарон тарафдори таълимоти Боб буданд. Асосгузори ин таълимот саид Алӣ Муҳаммад, ба худ тахаллуси Боб («Дар ба сӯи ҳақиқат ва адолат») гирифта буд. Истилоҳи бобиён аз ин тахаллус баромада буд.

Шӯриш то миёнаҳои соли 1850 давом кард. Лашкари аз нигоҳи ҳарбӣ бартаридоштаи шоҳ шӯришро пахш намуд. Алӣ Муҳаммад қатл карда шуд.

**Ҷанги Эрон-Британияи Кабир.** Британияи Кабир аз суст шудани Эрон истифода бурданӣ шуд. Британияи Кабир фаромӯш накарда буд, ки барои гузаронидани таъсир ба хонгариҳои Осиёи Миёна шаҳри Ҳирот аҳамияти калон дорад, Аз ин рӯ кӯшид, ки то Эрон аз даъвояш аз Ҳирот расман даст кашад. Вале соли 1856 Эрон шаҳри Ҳиротро забт кард. Ҷавобан ба он Британияи Кабир зидди Эрон ҷанг эълон намуд. Дар ин ҷанг Эрон ба мағлубият дучор омад.

Соли 1857 байни Британияи Кабир ва Эрон шартномаи сулҳи Париж имзо карда шуд. Бино ба шартнома Эрон аз даъвоаш нисбат ба Ҳирот ва ҳудудҳои дигари Афғонистон тамоман даст кашид.

- Дар солҳои 1826—1828 ...
- Таркиби шӯрои махфии назди шоҳи Эрон – ин ...
- Бино ба шартномаи сулҳи Париж ...

Шартномаи сулҳи Париж ба пурзӯр шудани таъсири Британияи Кабир ба Эрон хизмат кард.

**Афғонистон. Ҷанг барои мустақилӣ.** Аз асри XVI сар карда, афғонҳо солҳои тӯлонӣ бар зидди сафавиёни Эрон мубориза мебурданд. Соли 1709 дар вилояти Қандаҳор бар зидди таҷовузҳои Эрон шӯриш сар шуд. Ба шӯриш хони қабилаи гилзайи афғонҳо Амир Вайсхон раҳбарӣ мекард. Қисми ҳарбии вай шаҳри Қандаҳорро ишғол намуд.

**Муносибатҳои Афғонистон – Эрон.** Дар муддати кӯтоҳ Қандаҳор ба хонии пурқудрат табдил ёфт. Соли 1722 пойтахти Эрон Исфаҳонро низ ишғол кард ва писари Амир Вайсхон Амир Маҳмуд худро шоҳи Эрон эълон намуд. Акнун Эрон барои мустақилӣ мубориза сар кард. Ба ин мубориза яке аз қумондонҳои лашкари Эрон Нодирқулӣ сарварӣ мекард. Эрон аз истилогарони афғон пурра озод карда шуд.

Соли 1736 Нодирқулӣ бо номи Нодиршоҳ шоҳи Эрон эълон шуд. Вай дар айни вақт ҷангҳои истилогарона бурд. Афғонистонро ҳам тобеъ намуд. Барои зери итоат нигоҳ доштани Афғонистон бисёр нафар ҷан-



http://eduportal.uz

говаронро аз Эрон бо оилаҳояшон ба Кобул ва дигар шаҳрҳо кӯчонида овард.

**Ташкилёбии давлати Афғонистон.** Соли 1747 Нодиршоҳ кушта шуду империя низ пароканда гардид. Барои ташкил кардани давлати Афғонистон шароити мусоид фароҳам омад.

- Соли 1709...
- Соли 1722...
- Соли 1736...
- Соли 1747...

Соли 1747 шӯрои хонҳои қабилаҳои **афғон** (ҷирга) сардори қабилаи абдалии афғонҳо Аҳмадхонро шоҳи Афғонистон эълон намуд. Аҳмадшоҳ дар муддати кӯтоҳ ҳудудҳои мамлакатро муттаҳид кард.

Бар ивази ин ғалабаҳо ӯ унвони «Дурри дурон»-ро қабул кард ва номи қабилаи абдалиро бо номи **дурронӣ** иваз намуд.

Дар натиҷаи ҳаракати итоат накардан ба ҳокимияти марказӣ ва шӯришҳои доимиии халқҳои истилошуда ҳукмронии сулолаи дурронихо заиф шуд. Ворисони Аҳмадшоҳ гарчанде бар зидди ин омилҳо мубориза бурданд, лекин онро бартараф карда натавонистанд.

**Барҳамхӯрии ҳукмронии сулолаи дурронихо.** Дар айни вақт байни ворисони тахт мубориза ҳам шиддат гирифт. Аз ин ҳолат хонҳои дигар қабилаҳо истифода бурданӣ шуданд. Масалан, пешвои баракзайҳо Фатҳхон дар муборизаи барои тахт гоҳ ин ворисро, гоҳ он ворисро дастгирӣ карда, лавозими сарвазирии давлатро худаш гирифт ва ҳамин тавр ҷилави тамоми корҳои давлатиро дар амал дар даст дошт.

Вай яке аз сардорони бузурги ҳарбӣ буд, ба ёрии додараш Дӯст Муҳаммадхон такя менамуд. Онҳо қариб ба тамоми вилоятҳои калони Афғонистон ҳокимонро аз одамони худашон таъин мекарданд. Баъди ҷангҳои байниҳамдигарии тӯлонӣ соли 1826 Дӯст Муҳаммадхон тахти Афғонистонро ишғол кард ва худро амир эълон намуд.

Ҳамин тариқ, ҳукмронии сулолаи дурронихо барҳам хӯрд. Дар мамлакат ҳукмронии сулолаи баракзайҳо барпо карда шуд. Амири ин сулола Дӯст Муҳаммадхон барои ба давлати ягона муттаҳид кардани Афғонистон ва ба давлати муқтадир табдил додани он ҳаракат кард.

**Ҷанги якуми Англияю Афғонистон (1838–1842).** Барои он, ки Афғонистон аз нигоҳи стратегӣ дар минтақаи хеле муҳим ҷой гирифтааст, манфиатҳои Британияи Кабир ва Россия дар ҳудуди ин давлат бархӯр-

http://eduportal.uz

данд. Британияи Кабир барои зери доираи таъсири худ даровардани ба он ҳуҷум кард. Дар муддати кӯтоҳ шаҳри Кобул ишғол карда шуд. Ба тахт намояндаи сулолаи дурраниҳо Шуҷуро шинонданд.



**Афғонистон дар иҳотаи Россия ва Англия. Карикатура**

Аммо халқи ватанпарасти афғонро зери итоат даровардан кори осон нест.

Аҳолии Кобул шӯриш бардошт. Дар ин шӯриш писари Дӯст Муҳаммадхон Акбаршоҳ роли калон бозид. Қумондонии лашкари Британияи Кабир маҷбур шуда, шартномаро оиди аз хоки Афғонистон баровардани ҳамаи қисмҳои ҳарбиаш имзо кард.

Соли 1842 лашкари Британияи Кабир хоки Афғонистонро тарк кард. Ҳамин тариқ ҷанги якуми англису афғон бо мағлубияти Британияи Кабир поён ёфт. Ҳокимияти амирии Дӯст Муҳаммадхон аз нав барпо шуд.

**Соли 1747** сардори қабилаи абдали Аҳмадхон шоҳи Афғонистон эълон шуд.

**Соли 1826** Дӯст Муҳаммадхон ба тахти Афғонистон нишаст.

**Соли 1842** лашкари Британияи Кабир аз Афғонистон баромада рафт.

**Соли 1843** компанияи «Ост-Индия» вилояти Синди Ҳиндустонро ба худ мутеъ кард.

Дӯст Муҳаммадхон бо Британияи Кабир ҷанги навро намехост, ӯ соли 1855 шартномаи дӯстии англису афғонро имзо кард. Соли 1857 байни Британияи Кабир ва Афғонистон шартномаи ҳарбӣ ба имзо расид.

Ин шартнома дар роҳи ба давлати вассали Британияи Кабир табдилёбии Афғонистон қадами нахустин буд.

Соли 1863 Дӯст Муҳаммадхон вафот кард, байни писарони вай барои тахт мубориза авҷ гирифт. Британияи Кабир ва Россия, ки дар Афғонистон манфиатҳои худро доштанд, дахолат накардан ба корҳои дохилии онро баён намуданд.

Соли 1870 на мустамлика, на давлати мутеъ буд. Аммо ба сарҳадҳои вай аз ҷанубу шарқ Британияи Кабир, аз шимол Россия торафт наздик шуда меомад.

http://eduportal.uz

***Дар асри XIX Эрон армияи пурзўри миллӣ, аппарати марказии давлат ва низоми ягонаи андоз надошт. Эрон ба ҳаракатҳои истилогаронаи Британияи Кабир ва Россия дар минтақа муқовимат карда натавонист.***

***Ба ислоҳотҳои дохили кишвар мутаассибии динӣ ва сохти давлатии бар он асосёфта, суст тараққӣ кардани институтҳои иҷтимоӣ халал мерасонданд. Дар натиҷаи он Эрон ба ниммустамликаи давлатҳои пурзўр табдил ёфт.***

***Сарфи назар аз кўшишҳои чанддафъаинаи Британияи Кабир Афғонистон мустақилии худро нигоҳ дошт. Аммо тааҷҷубовараш ин аст, ки Афғонистони таъсири давлатҳои қудратмандро бартараф намуда, дар бобати тараққиёт бисёр ақиб монд. Дар он дар охири асри XIX ҳам муносибатҳои қабилавию авлодӣ ва хоҷагии натуралӣ монда буданд.***

**Садри аъзам** – сарвазир.
**Амин-уд-давла** – вазири молия ва корҳои дохила.
**Ҳакимбошӣ** – сартабиби дарбор.
**Дурри дуррон** – ҷавоҳири ҷавоҳирон.
**Ҷирга** – шўро.

?!

1. *Оиди сохти давлатии Эрон чиҳо медонед?*
2. *Кадом омилҳо сабабгори шўриши бобиён шуданд?*
3. *Эрон чӣ тавр зери доираи таъсири Британияи Кабир афтода монд?*
4. *Ба ҳукмронии сулолаи дурраниҳо дар Афғонистон чӣ гуна барҳам дода шуд?*
5. *Чаро Британияи Кабир Афғонистонро истило карда ё ба давлати ба худаш вассал табдил дода натавонист?*
6. *Амир Дўст Муҳаммадхон нисбат ба Британияи Кабир ва Россия чӣ гуна сиёсатро пеш бурд?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Истилоҳҳои асосии оиди мавзўъро бо ёрии луғат ба англисӣ тарҷума кунед ва дар дафтаратон дар шакли ҷадвал инъикос кунед.

Аз интернет истифода бурда, ба *Эрон ва Афғонистони асри XIX саёҳати* виртуалӣ ташкил кунед. Ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи Эрон ва Афғонистонро аниқ кунед. Дар дафтаратон дар асоси технологияи -Т таҳлил намоед.

http://eduportal.uz

## Мавзӯи 32-юм: ХАЛҚҲОИ АФРИКА ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

**Ҳолати минтақа.** Халқҳои Африка дар асри XIX дар зинаҳои гуногуни тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ мезистанд. Аз ҷумла, агар дар давлатҳои аз қабили Эфиопия, Миср, Тунис, Марокаш, Судан ва Мадагаскар монархияи феодалӣ ҳукмрон бошад, дар баъзеи онҳо ҳанӯз ҳам сохти ҷамоавии ибтидоӣ мавҷуд буд. Қабилаҳо тарзи зисти кӯчманчигиро доштанд, гурӯҳҳои хурд-хурди онҳо дар ҳудудҳои бароящон қатъӣ муқарраршуда бо шикор ва чинакчигӣ ҳаёт ба сар мебурданд. Онҳо соҳаи кишоварзӣ, коркарди металлро ва истифодаи олоти меҳнати металлиро намедонистанд.

Дар таърихи давлати Мали дар асри VIII, дар асри IX ва дар асри XIII кадом воқеаҳои таърихӣ содир шуда буданд?

Давлатҳои **Гана** ва **Малии** воқеъ дар Африкаи Ғарбӣ давлатҳои қадимтарин ба ҳисоб мерафтанд. Дар Африка халқҳое, ки хоҷагии қишлоқашон пеш рафта буд, низ зиндагӣ мекарданд. Онҳо асосан қаҳва, чормағзи заминӣ ва какао парвариш мекарданд.

**Тақсим кардани Африка.** Африкаи дорои бойигариҳои калони табиӣ эътибору таваҷҷӯҳи давлатҳои тавонои Европаро ҷалб накарда намонд. Истилогарии давлатҳои Европа ҳаёти халқҳои Африкаро якбора тағйир дод. Алоқаҳои анъанавии савдо канда шуданд. Истеҳсолоти маҳаллӣ хароб шуд. Африкагиҳоро ғулом карда фурӯхтан то миёнаҳои асри XIX давом кард. Дар натиҷаи он аз қитъа миллионҳо нафар фурӯхта шуданд. Ангола ва Мозамбик, ки мустамликаи Португалия буданд, базаҳои асосии савдои ғуломон ба шумор мерафтанд.

Аз асри XIX сар карда ба мустамлика табдил додани қисми дохилии қитъа ҳам сар шуд. Дар охири асри XIX 90 фоизи ҳудуд дар дасти мустамликадорон буд. Фақат ду давлат – **Либерия** ва **Эфиопия** мустақилии худро **нигоҳ дошта тавонистанд.**

**Ташкилёбии давлати мустақили Либерия дар Африка.** Ташкилёбии он бо муборизаи зидди ғуломдорӣ дар ШМА вобаста аст. Соли 1816 дар Африка ҷойгир кардани ғуломони сиёҳпӯсти озодшудаи ШМА сар шуд. Дар натиҷа дар соҳилҳои Гвинея соли 1821 13 ҳазор километри мураббаъ майдон харида шуд. Дар ин ҷо бошишгоҳи **Монровия** (аз номи

http://eduportal.uz



**Ғуломфурӯшони европоӣ дар киштӣ ғуломони африкоиро гирифта мераванд**

Президенти ШМА Монро гирифта шудааст) ташкил шуд ва як қисми собиқ ғуломони сиёҳпӯсти Америка дар ин маҳалла паноҳгоҳ ёфтанд. Онҳо минбаъд ҳудуди бошишгоҳро васеъ намуданд.

Соли 1847 ташкилёбии давлати Либерия эълон шуд. Дар ин давлат тартибу қоидаҳои пешқадами Европаи Ғарбӣ ва Америкаи Шимолӣ ҷорӣ гардид. Либерия аз рақобати Британияи Кабир ва Франсия моҳирона истифода бурда, мустақилии худро нигоҳ дошт.

**Эфиопия.** Дар асри XIX низ дар Эфиопия муносибатҳои Асрҳои миёна ҳукм меронданд. Он аз гурӯҳи якчанд князигариҳо иборат буд. Ҳар кадоме аз онҳо лашкари худро дошт. Ин князигариҳо ба номаш ҳокимияти марказиро эътироф менамуданд. Давлатҳои Европа айнан ҳамин омилро истифода бурданӣ шуданд. Хавфи кишварро душманони беруна ишғол карданашон беш аз пеш зиёд мешуд.

Дар чунин шароит ба майдони сиёсати Эфиопия писари заминдори хурд Касса баромад. **Касса** Эфиопияро ба давлати ягона муттаҳид кард ва соли 1855 худро император эълон кард. Ӯ лашкари нағзакак тайёрии ҳарбиро гузаштаро ташкил кард. Феодалҳои калонро аз ҳуқуқи нигоҳ-




**Тақсим кардани Африка**

дории лашкари худӣ маҳрум намуд. Дар мамлакат барои боло бурдани иқтисодиётислоҳот гузаронд. Император шаҳрвандонро ба давом додани фаъолияти меҳнатии пештар машғулшудаашон даъват кард.

**Дар давлатҳои аз қабили Эфиопия, Миср, Тунис, Марокаш, Судан ва Мадагаскар** монархияи феодалӣ ҳукмрон буд.

**Давлатҳои Гана ва Малии** воқеъ дар Африкаи Ғарбӣ давлатҳои қадимтарин ба ҳисоб мерафтанд.

**Дар Африка ду давлат** – Либерия ва Эфиопия мустақилии худро нигоҳ дошта тавонистанд.

**Соли 1847** давлати озоди Либерия ташкил ёфт.

Аммо ислоҳотҳои вай ба муқобилияти феодалони калон ва калисо дучор омаданд. Бо дахолати Британияи Кабир соли 1867 ҳокимияти Касса

http://eduportal.uz

сарнагун карда шуд. Аммо Британияи Кабир дар Эфиопия мустаҳкам ҷой нагирифт.

Иродаи халқи Эфиопия дар бобати мутеъ нашудан ба бегонаҳо ҳаракатҳои Британияи Кабирро ба нестӣ баровард. Ҳамин тариқ, Эфиопия мустақилии худро нигоҳ дошт.

**Ба мустамлика табдил ёфтани Африкаи Ҷанубӣ.** Дар ибтидои асри XIX Британияи Кабир колонияи Капи Африкаи Ҷанубиро забт намуд. Аҳолии колония **бурҳо** (*бур* – деҳқон) номида шуданд. Онҳо авлодҳои франсузҳо, немисҳо ва голландиҳо буданд. Бурҳо акнун аз он ҷо барои кӯчидан маҷбур шуданд. Онҳо дар ҷои нав думо давлат сохтанд. Яке аз онҳо Республикаи Оранҷ, дигаре Трансваал буд. Бурҳо нисбат ба аҳолии маҳаллӣ бениҳоят бешафқат буданд.

**Мустамликаҳои Франсия.** Дар Миср дар байни асрҳои XVIII–XIX ҷанговарони мамлук ва аҳолии маҳаллӣ дар мубориза зидди лашкари франсузҳо, ки бо роҳбарии Наполеон Бонопарт ба кишвар даромада буд, иштирок карданд. Баъди таслим шудани лашкари боқимондаи франсузҳо мисриҳо барои аз кишвар рондани лашкари Британияи Кабир мубориза бурданд.

Миср расман таҳти ҳокимияти олии империяи Усмониҳо буд, дар амал қариб мустақилии худро нигоҳ дошта буд.

Франсия соли 1830 Ҷазоирро забт кард. Аҳолии Ҷазоир бар зидди мустамликадорони франсуз муқовимати сахт нишон доданд. Ҷанги миллию озодихоҳӣ бурданд. Дар ин мубориза пешвои ҷазоириҳо Абдулқодир роли алоҳида бозид.

Соли 1847 лашкари Абдулқодирро ба муҳосира гирифта, торумор намуданд. Худи Абдулқодир ҳалок шуд. Аммо муборизаи миллию озодихоҳӣ қатъ наёфт. Ҷазоириҳо боз солҳои зиёд бар зидди истилогарон муборизаи миллию озодихоҳиро давом доданд.

Аҳолии Марокаш бар зидди мустамликадорони португалӣ, испан ва франсуз, ки дохили мамлакат даромада буданд, бомуваффақият муқобилият нишон доданд. Франсия дар уқёнуси Ҳинд чанд бор ҷазираи Мадагаскарро ишғол карданӣ шуд. Аммо комёб нашуд.



- Дар Миср дар сарҳади асрҳои XVIII–XIX ...
- Соли 1867 ...
- Фаъолияти Абдулқодир ...
- Дар солҳои 90-уми асри XIX ...



http://eduportal.uz

Мустамликадорон аз ақибмонии ҳарбию техникии Африка, парокандагии халқҳо ва ҳамчунин зиддиятҳои байни қабилаҳо моҳирона истифода бурданд.

Дар солҳои 70-уми асри XIX масоҳати калони дохили Африка ҳанӯз барои европоиҳо номаълум буд.

Ҳамчун мустамлика тақсим шудани ин ҳудудҳо дар байни давлатҳои Европа дар охири асри XIX-ибтидои асри XX ба охир расид.

***Асри XIX даври аз тарафи давлатҳои Европа мустамлика намудани қитъаи Европа шуд. Дар охири аср забт намудани Африка асосан анҷом ёфт. Садҳо ҳазор африкоиҳо дар роҳи ҳимояи ватан ва мустақилии он дар ҷангҳои нобаробар иштирок карда, ҳалок шуданд. Мустамликачиён дар натиҷаи тороҷ намудани сарватҳои табиии қитъа, бешафқатона эксплуататсия кардани аҳолӣ бойгарии зиёд ба даст оварда, ба пешравии Европа ҳисса гузоштанд.***

**Мамлукҳо** – асосан аҳолии Грузия ва Кавкази Шимолии ба ғулом табдилёфта.

**Бурҳо** – авлодҳои мустамликадорони голландӣ, франсуз дар Африкаи Ҷанубӣ.

?!

*1. Мулоҳизаҳоятонро оиди сабабҳои ақибмонии халқҳои қитъаи Африка дар бобати тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ нисбат ба халқҳои дигар қитъаҳо дар дафтаратон қайд кунед.*

*2. Африка чӣ гуна ба мустамлика табдил ёфт?*

*3. Оиди ҳаракатҳои миллию озодихоҳии халқҳои Африка чиҳоро դониста гирифтед?*

*4. Ҳаракати аҳолии Ҷазоирро бар зидди мустамликадорони франсуз кӣ раҳбарӣ намудааст?*

**Супориши кори эҷодӣ**

Умумият ва фарқияти ба мустамлика табдил ёфтани мамлакатҳои Африка ва Америкаи Лотинӣ ва ҷараёни муборизаи миллию озодихоҳии онҳоро муқоиса кунед. Ҳамаи маълумотҳоро дар дафтаратон дар ҳолати кроссворди мураккаб ҷамъ кунед.

Оиди мавзӯъ романи Питер Абрахамс «Гулчанбарҳои қабр»-ро хонед ва таассуротатонро дар шакли эссе дар дафтаратон нависед.

http://eduportal.uz

## ХУЛОСА

***Донишомӯзони азиз!*** Шумо бо воқеаҳои марҳилаи то соли 1870-уми Даври нави таърихи ҷаҳон шинос шудед. Дар ин давр дар кишварҳои Европа ва Америкаи Шимолӣ чӣ гуна Асрҳои миёна оҳиста-оҳиста ҷои худро ба Даври нав, тартиботи феодалӣ ба тарзи зисти буржуазӣ доданд, дида баромадем.

Дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, маънавию маданӣ ҷиҳатҳои нав пайдо шуданд.

Дар соҳаи сиёсӣ дигаргуниҳои азим-ҷараёни ташаккул ва мустаҳкамшавии монархияи мутлақ ва давлатҳои миллӣ рӯй доданд. Дар айни вақт дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ ва Америкаи Шимолӣ нахустин нишонаҳои давлати ҳуқуқӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ пайдо шуданд.

Дар олами маънавии инсон низ таҳаввулот рӯй дод. Дастовардҳои нави илму маданият ба ҳаёти одамон даромада омаданд. Шумораи донишгоҳҳо ва мактабҳо афзуданд, дар хонаводаҳо китобҳо, рӯзномаҳо пайдо шуданд. Дар натиҷа одамон оҳиста-оҳиста аз таъсири ақидаҳои динӣ озод мешуданд. Акнун дар он ҷойҳое, ки шуури динӣ ҳукмронӣ доштанд, ғояҳои оиди зарурияти ислоҳ кардани он пайдо шуданд.

**Гуманизм**, **Реформатсия** ва **Маърифат** ҳамчун ҷаҳонбинии асрҳои XVII–XVIII-уми Европа ташаккул ёфтанд. Ҳар як таълимоти нав ғояҳои пешқадами таълимоти пешинаро нигоҳ дошт ва ҳамаи онҳо барои таъмини ҳуқуқҳои инсон оиди «зистан, озодӣ ва мулк» кӯшиш дод.

Аммо муборизаи халқҳои Америкаи Лотинӣ, Осиё ва Африка барои озодӣ, қадру қимат ва мустақилиашон, ташаккули мафҳумҳои демократӣ дар онҳо низ айнан дар Даври нав оғоз ёфт.

Аз ин нигоҳ тамаддуни индустриалии дар асри XIX дар Европа ва Америкаи Шимолӣ ғалабакарда ва арзишҳои умумиинсонии дар он таҷассумёфта ба мазмуни муборизаи ҳамаи халқҳои дунё табдил ёфт.

Бо ҷараёни ин мубориза ва натиҷаҳои он шумо дар синфҳои дигар шинос хоҳед шуд.

## МУНДАРИҶА

Сарсухан. Оғози даври нав....................3

## БОБИ I. ТАШАККУЛИ ДАВРИ НАВ ДАР ЕВРОПА

*Мавзӯи 1-ум:* Кашфиётҳои бузурги географӣ ва аҳамияти таърихии онҳо....................7
*Мавзӯи 2-юм:* Ташаккули ҷамъияти индустриалӣ дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ дар ибтидои асри нав....................13
*Мавзӯи 3-юм:* Реформатсия дар Европа....................18
*Мавзӯи 4-ум:* Ташаккули маданияти даври нав дар Европаи Ғарбӣ....................22

## БОБИ II. КИШВАРҲОИ ЕВРОПА ВА АМЕРИКА ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

*Мавзӯи 5-ум:* Пурзӯршавии ҳокимияти шоҳ дар Англия. Инқилоби буржуазии Англия дар асри XVII....................28
*Мавзӯи 6-ум:* Муносибатҳои байналмилалӣ дар асрҳои XVI–XVIII....................34
*Мавзӯи 7-ум:* Монархияи Мутлақ дар Франсия. Инқилоби бузурги буржуазии Франсия....................37
*Мавзӯи 8-ум:* Поён ёфтани инқилоби бузурги буржуазии франсуз ва аҳамияти таърихии он....................42
*Мавзӯи 9-ум:* Империяи Германия дар асрҳои XVI–XVIII....................45
*Мавзӯи 10-ум:* Империяи Россия дар асрҳои XVI–XVIII....................49
*Мавзӯи 11-ум:* Америкаи шимолӣ дар асри XVIII. Ташкилёбии штатҳои муттаҳидаи Америка....................54
*Мавзӯи 12-ум:* Асри маърифат....................59

## БОБИ III. КИШВАРҲОИ ОСИЁ ВА АМЕРИКА ДАР АСРҲОИ XVI–XVIII

*Мавзӯи 13-ум:* Хусусиятҳои асосии инкишофи кишарҳои Осиё дар асрҳои XVI–XVIII....................65
*Мавзӯи 14-ум:* Хитой дар асрҳои XVI–XVIII....................69
*Мавзӯи 15-ум:* Ҳиндустон дар асрҳои XVI–XVIII....................73
*Мавзӯи 16-ум:* Япония ва Корея дар асрҳои XVI–XVIII....................79
*Мавзӯи 17:* Империяи усмониҳо дар асрҳои XVI–XVIII....................84
*Мавзӯи 18-ум:* Эрон дар асрҳои XVI–XVIII....................88
*Мавзӯи 19-ум:* Кишварҳои Африка дар асрҳои XVI–XVIII....................92



http://eduportal.uz

## БОБИ IV. КИШВАРҲОИ ЕВРОПА ВА АМЕРИКА ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

*Мавзӯи 20-ум:* Британияи кабир дар солҳои 1800–1870....................97
*Мавзӯи 21-ум:* Франсия дар солҳои 1800–1870....................101
*Мавзӯи 22-юм:* Германия ва Италия дар солҳои 1800–1870....................107
*Мавзӯи 23-юм:* Россия дар солҳои 1800–1870....................110
*Мавзӯи 24-ум:* Штатҳои муттаҳидаи Америка дар солҳои 1800–1870....................115
*Мавзӯи 25-ум:* Муборизаи миллию озодихоҳии халқҳои Америкаи Лотинӣ............120

## БОБИ V. КИШВАРҲОИ ОСИЁ ВА АФРИКА ДАР СОЛҲОИ 1800–1870

*Мавзӯи 26-ум:* Ҳиндустон дар солҳои 1800–1870....................126
*Мавзӯи 27-ум:* Хитой дар солҳои 1800–1870....................130
*Мавзӯи 28-ум:* Япония дар солҳои 1800–1870....................134
*Мавзӯи 29-ум:* Корея дар солҳои 1800–1870....................138
*Мавзӯи 30-юм:* Имерияи усмониҳо дар солҳои 1800–1870....................142
*Мавзӯи 31-ум:* Афғонистон ва Эрон дар солҳои 1800–1870....................145
*Мавзӯи 32-юм:* Халқҳои Африка дар солҳои 1800–1870....................151
Хулоса....................156

**RAHMON FARMONOVICH FARMONOV,**
**USMON TOSHPO‘LATOVICH JO‘RAYEV,**
**SHUHRAT ERGASHEVICH ERGASHEV**

# JAHON TARIXI

## (XVI–XIX asrning 60-yillari)

***Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining***
***VIII sinf o‘quvchilari uchun darslik***

Qayta ishlangan va to‘ldirilgan to‘rtinchi nashri

*(Tojik tilida)*

Cho‘lpon nomidagi nashriyot-matbaa ijodiy uyi
Toshkent – 2019

*Мутарҷим* ***Шоқаҳҳор Салимов***
*Муҳаррир* ***Ҷумъаназар Эшонқулов***
*Муҳаррирони бадеӣ* ***Мафтуна Ваххобова***
*Муҳаррири техникӣ* ***Елена Толочко***
*Муҳаррири хурд* ***Гулчеҳра Азизова***

Рақами литсензия AI № 163. 09.11.2009. Ба чопаш 5 июли соли 2019 иҷозат дода шуд. Андозаи 70×90$^{1}/_{16}$. Гарнитураи TAD 11. Бо усули офсетӣ тарҳрезӣ шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 11,70. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,72. Адади нашр 6 431 нусха. Шартномаи № 84–2019. Супориши № 19–144.

Макети оригинал дар ХЭТН ба номи Ҷӯлпони Оҷонсии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ тайёр карда шудааст. 100011, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.
Телефон: +998-71244-10-45. Факс: +998-71244-58-55.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston»-и Оҷонсии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президенти Республикаи Ўзбекистон 100011, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, чоп карда шудааст.

**Фармонов Р.**
Ф 33 Таърихи ҷаҳон. Даври аввали таърихи нав (асри XVI – солҳои 60-уми асри XIX). Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 8-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / Р. Фармонов ва диг. – Т.: ХЭТН ба номи Ҷӯлпон, 2019. – 160 с.
ISBN 978-9943-05-655-8

**УЎК 372.893=222.8(100)(075)**
**КБК 63.3(0)уа721**

http://eduportal.uz

***Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда***

| Т/р | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

***Китоб ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтан ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:***

| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| **Нағз** | Муқоваaш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| **Қаноатбахш** | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| **Ғайри-қаноатбахш** | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо гаштааст ё ки умуман нест, ғайриқаноат- бахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китобро барқаро кардан мумкин нест. |

http://eduportal.uz